Ҷон Бивер



# НОБУД КАРДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

ЧӢ ТАВР БЕ ҲИССИ ГУНОҲКОРӢ «НЕ» ГУФТА МЕТАВОНЕМ
ЧӢ ТАВР БЕ ТАҲСИНИ ОДАМОН ДИЛПУР БУДА МЕТАВОНЕМ

Дӯсти азиз,

Ман боварӣ дорам, ки паёми ин китоб, ки шумо дар даст доред, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти бузурги Калисои имрӯза тадҳини нубуввати дорад. Аз лаҳзаи интишори ин китоб бисёриҳо шаҳодат медиҳанд, ки он чӣ гуна ба онҳо барои пайдо кардани озодӣ, имон ва сабр кӯмак кардааст. Вақте ки Худованд ин ҳақиқатҳоро ба ман расонд, худи ман бедории рӯҳро ҳис кардам. Суханони ин китоб барои роҳ рафтан бо Худо бо илҳоми илоҳӣ гуфта шудаанд.

Худованд маро рӯҳбаланд намуд, то ин паёмро ба ҳамаи роҳбарон, ки дар саросари ҷаҳон ҳастанд,  эълон кунам. Лутфан ин китобро ҳамчун тӯҳфаи шахсӣ чун нишонаи муҳаббат ва дастгирии ман қабул кунед. Ман боварӣ дорам, ки он ба шумо ва ба ҳамаи одамоне, ки дар доираи таъсири шумо ҳастанд, барои мақсад, қудрат ва даъвати илоҳӣ қувват хоҳад бахшид. Ман ҳамчунин ин китобро дар шакли электронӣ барои ройгон зеркашӣ кардан аз сайти **MessengerX.com** ҷойгир кардаам. Шумо метавонед ин паёмро озодана зеркашӣ карда, дар калисои худ паҳн намоед.

Дӯсти азиз, ин паём ҳаёт ва хидматгузории маро ба куллӣ иваз кард. Дуо мекунам, ки шумо низ ҳангоми хондани ин паёми Худо ба таври амиқ тағйир ёбед. Ман аз шунидани он шод хоҳам буд, ки ин паём ба шумо ва ба одамоне, ки барояшон хидмат мекунед, чӣ гуна таъсир расонидааст.

Бародари шумо дар Масеҳ,

Ҷон Бивер



MessengerX

Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

ҶОН БИВЕР

# НОБУД КАРДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

**Breaking Intimidation, Tajik, by John Bevere**
© 2021 Messenger International
MessengerInternational.org
Originally published in English as Breaking Intimidation

Additional resources in Tajik are available for
free download and video streaming at
**MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is
NOT FOR SALE

**«Нобуд кардани беҷуръатӣ», Ҷон Бивер, бо забони тоҷикӣ**
Copyright © 2021 Messenger International
MessengerInternational.org
Аввал бо забони англисӣ бо номи «Breaking Intimidation» нашр шудааст.

Маводҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер бо забони тоҷикӣ
барои ройгон зеркашӣ ва паҳн кардан дар **MessengerX.com** ва
барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф: JohnBevere@ymail.com

Ин китоб аз «Мессенҷер Интернэшнл» тӯҳфа аст
ва ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Download on the App Store    GET IT ON Google Play

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва дигар кишварҳо
ба қайд гирифта шудааст.
Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

ҶОН БИВЕР

# НОБУД КАРДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

ЧӢ ТАВР БЕ ҲИССИ ГУНОҲКОРӢ «НЕ» ГУФТА МЕТАВОНЕМ
ЧӢ ТАВР БЕ ТАҲСИНИ ОДАМОН ДИЛПУР БУДА МЕТАВОНЕМ

## *Мурочиат аз муаллиф*

Вақте ки ман ин китобро навишта истода будам, Худо ба ман бо каломи нубувват сӯҳбат кард ва гуфт:

*Писарам, бисёре аз онҳое, ки ба фавҷи имондорони замони охир даъват шудаанд, дар банди беҷуръатӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳо нисбат ба Худо ва одамон дили соф доранд, аммо, ҳамчун Ҷидъӯн онҳо бар асари тарс аз одамон дар асорат ҳастанд (Дов. 6-8). Атоҳое, ки Ман ба онҳо додаам, амал намекунанд. Ман мазмуну мӯҳтавои ин китобро тадҳин мекунам, то ки бисёриҳо озод шаванд. Онҳо ба пеш қадам мезананд ва далерона ба Ман итоат мекунанд.*

*Онҳо ба сарбозони ҷасоратманд табдил мeёбанд ва бо қуввати Худои худ ба музаффариятҳо ноил мешаванд.*

# *Мундарича*

Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . vii
Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . ix

## Фасли 1
## Таҳкими мавқеи рӯҳонӣ

1. Бо қудрат амал кардан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 1
2. Мавқеъ ва қудрати рӯҳонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13
3. Ду чаправӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 23
4. Атоҳое, ки Худо додааст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33

## Фасли 2
## Фош кардани беҷуръатӣ

5. Атоҳои беамал . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 47
6. Аз беҷуръатӣ фалаҷшудагон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
7. Рӯҳи беҷуръатӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 71

## Фасли 3
## Нобуд кардани беҷуръатӣ

8. Авҷ гиронидани ато . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 85
9. Решаи беҷуръатӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 99
10. Хоҳиш кифоя нест . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
11. Тарси Худо бар зидди тарси одамӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 131
12. Амал кунем ё эътино намоем? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 149
13. Рӯҳи ақли солим . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 161
14. Ба пеш ҳаракат кардан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177

# САРСУХАН

Ман бо Ҷон Бивер аллакай солҳои зиёд шинос ҳастам. Ӯ дар ҷодаи хидматгузорӣ барои ман рафиқ ва дӯсти азиз мебошад ва чунин меҳисобам, ки ин барои ман шарафи бузург аст.

Ман аз таҳти дил боварӣ дорам, ки Худо ӯро интихоб кардааст, то ки ӯ ба наслҳои замони мо паёми пирӯзӣ, имон ва умедро бирасонад.

Китоби Ҷон Бивер "Нобуд кардани беҷуръатӣ" – паёми хеле саривақтие, ки ба он бадани Масеҳ сахт эҳтиёҷ дорад. Мо бояд атоҳоеро, ки Худо ба мо додааст, истифода барем, то ки аҳли ҷаҳонро наҷот бахшем. Дар айни замон бисёре аз мо бо сабаби ҳамлаҳои маккорона, ё на он қадар маккорона, ба қудрате, ки мо дар Масеҳ дорем, аз ин мақсад даст мекашанд.

Шайтон ба қадри имконе, ки дорад, вазъиятҳои заруриро ба вуҷуд меорад ва одамонро истифода мебарад, то амалкарди атоҳои Худоро дар шумо боздорад. Дар Каломи Худо бисёр мисолҳое ҳастанд, ки чӣ тавр имондорони беҷуръат ҷуръат пайдо карда, ба пирӯзӣ ноил шудаанд. Еҳушаъ ибни Нун, Ҷидъӯн, Наҳемё ва Довуд танҳо баъзе аз онҳо мебошанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст:

*Ҳар олате ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт.*

*– Иш. 54:17*

Ба туфайли ин китоб ва қуввати Рӯҳулқудс ҳар як имондор беҷуръатӣ ва тарсро рахна зада, ба ғалаба ноил гардида метавонад. Пас бигзор Худо дар ин насл фавҷи сарбозонеро бархезонад, ки ҳеҷ гоҳ ба ақиб намегарданд!

– Ҷон Мейсон,

Муаллифи китобҳои *“Душмане бо номи “Созишкорӣ” ва “Суханони аҳд”.*

# МУҚАДДИМА

Имондорони бешумор бо беҷуръатӣ ҷанг мекунанд. Вале боз бисёриҳо, ба ҷои он ки ба муқобили решаҳои он мубориза баранд, бар зидди оқибатҳои он мубориза мебаранд. Хонаеро ба худ тасаввур кунед, ки мебелҳои гаронбаҳо дораду як ҳуҷраи он бом надорад. Борони сахт борида, тамоми хонаро аз об пур мекунад, - дар дарун қариб ҳама чиз хароб мешавад. Рӯзҳои бисёр лозим мешавад, ки мебели вайроншудаи чиркин, пардаҳо ва сатҳи фарш ғундошта ва аз хона бароварда шавад. Ба соҳиби хона лозим мешавад, ки барои таъмир кардани ҳар чизи харобшуда бисёр меҳнат кунад.

Вақте ки кор пурра ба анҷом мерасад, раъду барқи дигар рӯй медиҳаду ҳар чизеро, ки таъмир карда шуда буд, боз хароб мекунад. Соҳиби хона аз нав ба корҳои барқарорсозии тоқатфарсо ва дилгиркунанда сар мекунад. Вале бо гузашти андак вақт боз борон борида тамоми ҷиҳози хонаро хароб мекунад. Ҳар дафъа қуввати харобиовари борон зиёдтар шудан мегирад. Соҳиби хона ноумед шуда, рӯзе аз ин кор даст мекашад, ва ин нокомӣ ба муносибате, ки ӯ ба ҳаёт дорад, таъсири доимӣ мерасонад.

Албатта, ин бемаънӣ садо медиҳад. Шумо шояд фикр

мекунед: “Чаро ӯ аввал бомро, ва баъд аз он ҳар чизи харобшударо таъмир намекунад? Аблаҳ!”.

Ба ҳар ҳол, ин мисол нишон медиҳад, ки чӣ тавр бисёриҳо бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд. Ба ҷои он ки қуввати беҷуръатиро барҳам зананд, онҳо кӯшиш мекунанд, ки оқибатҳои онро, яъне ноумедӣ, ошуфтагӣ, рӯҳафтодагӣ, маъюсӣ ва ғайраро маҳв кунанд.

Баъзеҳо барои раҳоӣ ёфтан аз беҷуръатӣ ба назди машваратчиён мераванд, ва меомӯзанд, ки чӣ тавр онҳо бо тарсҳои худ созиш карда, умр ба сар бурда метавонанд. Дигарон ҳаёти худро ба тарс тобеъ мегардонанд, ва ҷуръат намекунанд, ки ҳатто ба озодӣ умедвор шаванд. Ҳам инҳою ҳам онҳо гӯё бо шикофе дар сақфи хона ва дар байни мебели намнок зиндагӣ мекунанд. Дигарон худро ба канор мекашанд. Онҳо аз ноумедӣ хонаи бакуллӣ намкашидаи худро тарк мекунанд.

Агар шумо бо чунин аҳвол розӣ бошед, мазмуну мӯҳтавои ин китоб ба шумо кӯмак карда наметавонад. Аммо ин китоб ба шумо роҳи Худоро баҳри муяссар шудан ба озодӣ аз тарс ва беҷуръатӣ нишон медиҳад, то ки шумо даъвати илоҳиро дар ҳаёти худ иҷро кунед.

Ман барои таълиф кардани ин китоб дар назди компютер соатҳои бисёрро сарф кардам ва аз Худованд талаб намудам, ки дар ин кор ба ман роҳнамоӣ кунад. Як саҳарӣ ман кор мекардам ва ҳис намудам, ки ҳузури Худо хонаро пур кард. Ман аз назди компютер бархостам ва роҳ гашта, ба дуо кардан шурӯъ намудам. Дар вақти дуо Рӯҳи Худованд бо каломи нубуввват ба ман фуруд омад, ва чунин суханон тавлид шуданд:

> Писарам, бисёре аз онҳое, ки ба фавҷи имондорони замони охир даъват шудаанд, дар банди беҷуръатӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳо нисбат ба Худо ва одамон дили соф доранд, аммо, ҳамчун Ҷидъӯн онҳо бар асари тарс аз одамон дар асорат ҳастанд (Дов. 6-8). Атоҳое, ки ман ба онҳо додаам, амал намекунанд. Ман мазмуну мӯҳтавои ин китобро

> тадҳин мекунам, то ки бисёриҳо озод шаванд. Онҳо ба пеш қадам мезананд ва далерона ба Ман итоат мекунанд. Онҳо ба сарбозони ҷасоратманд табдил меёбанд ва бо қуввати Худои худ ба музаффариятҳо ноил мешаванд.

Ин танҳо таълимоти назариявӣ нест. Дар тӯли солҳои зиёд худи ман асири бечӯръатӣ будам. Монеаи ҷиддитарин дар муборизаи ман аз он иборат буд, ки ман намедонистам, ки решаи мушкилиҳои ман дар чӣ аст. Аммо Худо ин душмани бадкинаро фош кард. Аз ҳамон вақт инҷониб Ӯ барои озод кардани масеҳиён дар саросари ҷаҳон ин паёмро истифода мебарад.

Як роҳбар ҳатто хитоб кард: “Зарур аст, ки ҳар як шубон дар Амрико аз ин таълимот огоҳ бошад!” Ин паём на танҳо барои шубонҳо, балки барои ҳар як узви калисо пешбинӣ шудааст. Ман боварӣ надорам, ки ин китоб ба дасти шумо тасодуфан афтодааст. Вақте ки худи шумо озод мешавед, ин паёмро ба ҳар касе, ки ба он ниёзманд аст, низ дастрас кунед. Ин ба худи шумо ёрӣ медиҳад, ки дар он устувор гардед.

Ва дар оғози ин сафар, ман шуморо ташвиқ мекунам, ки дар дуо ба ман ҳамроҳ шавед. Лутфан, қалбатонро боз кунед ва дар ҳузури Худо чунин суханонро ба забон оред.

> *Падар, ба номи Худованди ман Исои Масеҳ, аз Ту талаб мекунам, ки дар вақти мутолиаи ин китоб Рӯҳулқудс Каломи Туро ба ман ошкор гардонад. Илтиҷо дорам, ҳама гуна ҷиҳатҳои осебпазирро дар ҳаёти ман фош ва дур кун, то ки ҳама гуна бечӯръатӣ ва тарсончакӣ аз решаашон несту нобуд карда шаванд. Бигзор ман ба Ту наздиктар шавам, ва бо ҷасорат дар бораи Худовандам Исои Масеҳ шаҳодат диҳам.*

# ТАҲКИМИ МАВҚЕИ РӮҲОНӢ

*Боби 1*

# БО ҚУДРАТ АМАЛ КАРДАН

Бо қудрате, ки Худо ба шумо додааст, амал кунед, вагарна каси дигаре онро мерабояд ва бар зидди шумо истифода мебарад.

Дар давоми солҳои зиёд ба Худо хидмат карда, ман беш аз беш фаҳмида истодаам, ки Ӯ вазъиятҳо ва одамонро истифода мебарад, то моро ба он омода кунад, ки даъвати Ӯро дар ҳаёти худ иҷро кунем.

Дар соли 1983 ман касби муҳандисиамро тарк кардам, то ки дар як калисои калон барои вақти пурра ба хидмат шурӯъ кунам. Ман ба шубон ва ҳамсари вай, ва ба ҳамаи хидматгузороне, ки ба калисои мо ҳамчун меҳмон ташриф меоварданд, хизмат мекардам. Ман дар корҳои рӯзмарраи онҳо ёрӣ мерасондам, то ки онҳо барои коре, ки Худо онҳоро даъват кардааст, вақти зиёдтар дошта бошанд. Пас аз чор сол Худо ба ман имкон дод, ки дар калисои калони дигар шубони ҷавонон шавам.

Дар ҳамон ҳафтае, ки ман бояд аз он ҷо мерафтам, як мард, ки низ дар калисо кор мекард, ба ҳамсари ман гуфт, ки Худо ба ӯ алоқамандона ба ман каломе додааст. Аз ҳамон вақт инҷониб ин калом ҳамчун огоҳӣ дар гӯши ман садо медиҳад, маро муҳофизат мекунад, ба ман хирад ва қувват мебахшад. Чуноне ки бо ҳар каломи ҳақиқие, ки аз ҷониби Худо ирсол мешавад, рӯй медиҳад, ин калом барои ман ситораи роҳнамо ва асосе барои муҳофизат кардани ман аз ноустуворӣ гардид.

Он мард ҳамсари маро бо чунин суханон огоҳ карда буд: "Агар Ҷон бо қудрате, ки Худо ба ӯ додааст, амал накунад, каси дигаре онро мегирад, ва бар зидди ӯ истифода мебарад". Ин калом дар ман фавран амал кард. Ман онро ҳамчун хиради Худо қабул кардам, аммо он вақт ман барои ба кор бурдани он фаҳмиши пурра надоштам. Ин фаҳмиш пас аз чанд сол пайдо шуд.

## Таҷрибае, ки ҳаётро дигар мекунад

Дар аввали солҳои 90-ум Худованд тасдиқ кард, ки даъвати Ӯ барои ҳаёти ман аз он иборат аст, ки ман ба калисоҳо сафар карда, ба одамон хизмат кунам. Ман дар давоми чандин вақт сафар кардам, ва таҷрибаеро ба даст овардам, ки ҳаётро дигаргун месозад, ва ба туфайли ин таҷриба ниҳоятан ман каломеро, ки Худо якчанд сол пештар гуфта буд, фаҳмидам.

Мо дар як калисо бегоҳии рӯзи чоршанбе ба хидматгузорӣ шурӯъ кардем, ва бояд бо ин тарз то рӯзи якшанбе давом медодем. Рӯҳи Худо қудратмандона амал мекард, бо қудрати бузург одамон озод мешуданд, шифо меёфтанд ва наҷот пайдо мекарданд. Ҳузури Худо дар ҷамъомадҳо ҳар бегоҳӣ зиёдтар шудан мегирифт.

Дар ҳафтаи аввал як зане, ки ба ҳаракати "Асри нав" шомил шуда буд, ба таври аҷоиб озод шуд. Зоҳиран, ин барои муваффақияти хидматгузориҳои навбатӣ таконе гардид. Дар давоми ҳафта аз деҳаҳои гирду атроф, ки дар масофаи навад мил воқеъ буданд, одамон ҷамъ меомаданд.

Шубон гуфт: "Мо ин хидматгузориро бас карда наметавонем.

Худо барои мо боз чизи бузургтаре дорад". Ман розӣ шудам, ва мо боз 21 хидматгузорӣ барпо намудем. Каломи Худо ҳамчун дарёи софу беғубор ҷорӣ мешуд, ва атоҳои Худо дар ҳар хидматгузорӣ зоҳир мегардиданд.

Боре як бегоҳӣ дар вақти ҳафтаи дуюми хидматгузорӣ, ҳангоми мавъиза, ман ба ақиб нигариста, ба мусиқанавозон ва сароянадагон рӯ ба рӯ шудам (дар саҳна онҳо тақрибан 25 нафар буданд). Сипас ман гуфтам: "Дар ин саҳна гуноҳ ҳаст. Агар шумо тавба накунед, Худо онро фош мекунад".

Суханони худамро гӯш карда, ман фикр кардам: "Ин корро бинед-а! Он аз куҷо пайдо шуд?" Аммо ман солҳои зиёд мавъиза мекардам ва медонистам, ки вақте ҳузури Худо сахт амал мекунад, чунин шуда метавонад, ки ту ягон изҳоротеро ба забон меорӣ, ва гӯшҳои физикии ту танҳо баъд аз он ки мегӯӣ, он суханонро мешунаванд. Вақте ки мо бо илҳоми Худо гап мезанем, - ин "каломи нубувват" номида мешавад.

Дар ақли ман саволҳо пайдо шуданд: "Ман чӣ кор кардам?" Аммо ман зуд ин фикрҳоро аз худ дур андохтам, зеро медонистам: ин суханон аз Худо буданд. Пешакӣ ман дар ин бора фикр накарда будам, фақат ин ки дар вақти мавъиза тадҳини Худо дар ман сахт кор мекард.

Шумораи одамон дар ҳар хидматгузорӣ зиёдтар мешуданд. Дар ҳафтаи сеюм, боз дар вақти мавъиза, ман ба ақиб рӯй гардонда, бо ангуштонам ба шахсоне, ки дар саҳна меистоданд, ишора кардам, ва бо роҳнамоии Рӯҳи Худо далерона гуфтам: "Дар ин саҳна гуноҳ ҳаст. Агар шумо тавба накунед, Худо онро фош мекунад ва шуморо бо каси дигар иваз менамояд!" Ман ҳис кардам, ки боварӣ ва қудрати ман меафзояд. Ин дафъа ман аллакай шубҳа намекардам, чунки медонистам: Худо хонаи Худро аз гуноҳ пок мекунад.

## Доварӣ кардан ё доварӣ шудан

Агар гуноҳ ба ҳаёти мо дохил шавад, Рӯҳулқудс моро мазаммат ва ислоҳ мекунад. Аммо агар мо итоат накунем, он

гоҳ мо дилсард мешавем ва бепарво мегардем. Ва ин то замоне давом мекунад, ки мо дар дилҳоямон ҳассосиятро нисбат ба Худо комилан гум накунем.

Он гоҳ, барои муҳофизат кардани мо ва он касоне, ки дар гирди атрофи мо ҳастанд, Худо касеро фиристода, гуноҳро фош мекунад. Ӯ ин корро на барои он мекунад, ки моро ба ҳолати вазнин дучор кунад, балки огоҳ созад ва муҳофизат намояд. Агар мо итоат накунем, доварӣ карда мешавем. "Зеро, агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем. Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем" (1 Қӯр. 11:31-32).

Худо каме сабр мекунад, то ки ба мо барои тавба кардан ва халос шудан аз ҷазо имкон диҳад. Аммо ҳатто ҷазо диҳад ҳам, мо якҷоя бо ҷаҳон ба ҳалокат маҳкум карда нашавем. Писаре, ки дороиро барбод додааст, вақте ки дар хукхона ба кор машғул шуд, иштибоҳи худро дарк кард. Беҳтар он аст, ки дар хукхона иштибоҳи худро дарк кунӣ, назар ба он ки ба гуноҳ ғарқ шавӣ, ва боре бишнавӣ, ки Ҳӯҷаин гӯяд:

*"Аз Ман дур шавед, эй бадкорон!" (Мат. 7:23).*

Агар мо пушаймон нашавем, азоб мекашем, гарчанде Худо инро намехоҳад. Дар ин бора Павлус гуфтааст: "Ба ҳамин сабаб бисёре аз шумо оҷиз ва бемор ҳастанд, ва бисёре мурдаанд" (1 Қӯр. 11:30). Гуноҳ ба марги рӯҳонӣ ва физикӣ бурда мерасонад. Ва дар ҳамон калисо ман эҳсос кардам, ки Худованд касеро, ки дар саҳна меистод, ҷазо медиҳад, то ки ба тавба водор кунад. Аммо ман намедонистам, ки Ӯ киро барои гуноҳаш мазаммат мекард.

## Таҳдиди маккорона

Бегоҳии дигар, вақте ки шубон ва ман дар дафтари корӣ будем ва ба хидматгузорӣ тайёрӣ медидем, як пири калисо ба наздамон омада, хабар дод, ки навозандагон ва сарояндагон туршрӯ менамоянд ва рӯҳияашон бад аст. Шубон фикр кард, ки онҳо танҳо аз хидматгузориҳои пайдарпай хаста шудаанд,

ва гуфт: “Фақат ба онҳо гӯй, ки баромада, Худоро парастиш кунанд, ва эҳсосоти худро ба як сӯ гузоранд”.

Ман ба пир нигаристам ва гуфтам: “Як дақиқа сабр кунед. Чизе нодуруст аст?”

Гарчанде он вақт ман дарк ҳам намекардам, ин лаҳзаи хатарнок буд. Ба қудрате, ки Худо ба ман барои хидмат ва ҳимоят кардан додааст, эътироз баён карда шуд. Корҳое, ки дар ҷамъомадҳо ба амал меомаданд, ба душман писанд набуд, ва ӯ мехост, ки ба ин кор хотима бахшад.

Гарчанде инро ман он вақт намефаҳмидам, бояд интихоб мекардам. Ман метавонистам аз суханоне, ки ба навозандагон гуфта будам даст кашида, ба ин таҳдид тобеъ шавам, ва бо ин тарз мавқеи қудратро аз даст диҳам. Ё ман метавонистам қудратро нигоҳ дошта ва дар суханони Худо бо исрор қоим буда, қуввати беҷуръатӣ ва таҳдидро барҳам диҳам.

Зуд ман фикр кардам: “Ҷон, барои чӣ ту аз он худдорӣ мекунӣ, ки ин одамонро ба оғӯш гирӣ? Барои чӣ ту ҳамту мавъизаи худро ба забон наорӣ, ба ақиб рӯ нагардонӣ ва бо ангуштонат ишора накунӣ? Ҳоло ҳушу ёди одамон дар калисо ба он банд аст, ки кадоме аз нафарони дар саҳна буда дар гуноҳ зиндагӣ мекунад. Агар суханони ту рост набарояд, чӣ мешавад? Ё агар гуноҳ мавҷуд бошад ҳам, он фош нагардад-чӣ? Одамон ба якдигар гумонбар мешаванд, ва он касе, ки айбдор нест, зарар мебинад. Ин ба калисо осеб мерасонад. Оё ту он кори некеро, ки иҷро карда шуд, вайрон намекунӣ? Агар ин рӯй диҳад, обрӯи ту мерезад, ту бошӣ танҳо ба қарибӣ ба калисоҳо сафар карданро оғоз кардӣ”.

Такрор ба такрор ин фикрҳо ба ақли ман ҳамла мекарданд. Тарсҳои ман дар гирди як фикр ҷамъ шуданд: бо ман чӣ воқеа рӯй медиҳад? Тарс фаҳмиши шуморо кунд мегардонад. Сабаб дар он аст, ки тарс решаи беҷуръатӣ мебошад, ва он одамонро маҷбур месозад, ки диққаташонро ба худ равона кунанд. Муҳаббати комил тарсро меронад, зеро муҳаббат Худо ва дигар одамонро дар маркази диққати худ қарор

медиҳад, ва худро инкор мекунад (1 Юҳ. 4:18).

Шубон чизе нагуфт. Мо се нафар якҷоя даст бо ҳам гирифта дуо кардем, то ки иродаи Худо дар ин хидматгузорӣ иҷро шавад. Мо дар саҳна чуноне ки ҳар бегоҳӣ дар давоми ин се ҳафта рафтор карда будем, ҳамон гуна рафтор мекардем. Ҳангоми парастиш ва ҳамду сано ман мушоҳида кардам, ки аз Худованд ба қалби ман калом намеомад. Ман ҳеҷ гуна тадҳинеро ҳис намекардам, вале фикр кардам:

"Худо амин аст, ва ман то лаҳзаи ба минбар баромаданам хоҳам донист, ки чӣ бояд гӯям".

Парастиш ба анҷом расид, шубон баъзе эълонҳоро ба самъи ҳозирин арзёбӣ кард, аммо ман ҳанӯз ҳам чизеро дар қалби худ ҳис намекардам. Ман фикр кардам: вақте ки бархоста, равона мешавам, Худо маро роҳнамоӣ мекунад. Ман аз он нафароне нестам, ки конспект менависад ва бо мавъизаи тайёр ба саҳна мебарояд. Ман Калом меомӯзам, дуо мекунам, ва сипас аз рӯи илҳоме, ки дар қалби ман аст, ҳарф мезанам. Аммо азбаски вақт мегузашт, изтироби ман зиёдтар мешуд, ва ман медонистам, ки агар Худо маро роҳнамоӣ накунад, ҳеҷ чизи гуфтание надорам.

Сипас шубон навбатро ба ман дод. Ман ба минбар наздик шудам, ва, азбаски ҳоло ман ҳеҷ роҳнамоӣ нагирифта будам, гуфтам: "Биёед дуо мекунем". Вале ҳатто дар вақти дуо ман ҳеҷ каломе нагирифтам. Ман чанд дақиқа дуо кардам, аммо, аз ҳама бадтаринаш, дуоҳои ман зиндадилона набуданд. Суханон аз даҳони ман гӯё чунон мебаромаданд, ки ба назди пои ман биафтанд. Ман фикр кардам: "Акнун чӣ кор кунам?" Ман қарор додам, то мавъизаеро аз Забур, ки пештар мавъиза карда будам, мавъиза кунам.

Дар вақти мавъиза ман ҳеҷ гуна рӯҳи ҳаётро ҳис накардам, дар паёми ман ҳеҷ тадҳине мавҷуд набуд. Ман мубориза мебурдам, то ки фикрҳоямро сарҷамъ нигоҳ дорам. Ба назарам, Худо тамоман вуҷуд надошт. Ман аллакай ба чунин фикр шурӯъ кардам: "Барои чӣ ман инро гуфтам?", ё "Ман

инро аз куҷо гирифтам?. Ба назарам, ман аз тарс пур шудаам, на аз Рӯҳулқудс". Ман таскин додани худро давом медодам, ки Худо зоҳир шуда, аз ин бесарусомонӣ маро наҷот медиҳад. Аммо аҳвол бадтар шудан мегирифт. Ниҳоят ман мавъизаро тамом кардам.

Тамоми хидматгузорӣ қариб 35 дақиқа давом кард.

Ман тамоман ҳисобамро гум карда, ба ҷои худ баргаштам. "Худо, барои чӣ Ту зоҳир нашудӣ? – пурсидам ман. Ҳамаи хидматгузориҳо олиҷаноб ва пурқувват буданд, аммо танҳо дар ҳаминаш рӯҳи ҳаёт набуд. Агар ман ба ҷои ин одамон мешудам, дигар ҳаргиз намеомадам. Ҳадди ақал, ман-ку аниқ ба он ҷо баргаштан намехоҳам". Ман ҳамон шаб бо он ҳиссиёте, ки гӯё як халта регро фурӯ бурда бошам, хоб кардам.

Субҳи дигар ман бедор шудам ва ҳис кардам, ки ҳамон як халта рег ба кӯҳе табдил ёфтааст. Чунон ҳолатам вазнин буд, ки аз кати хоб фаромадан намехостам. Шодӣ маро тарк кард. Ман дуо кардам ва боз аз Худо пурсидам: "Чаро Ту зоҳир нашудӣ?"

Ҷавоб намеомад.

"Ман гуноҳ кардам? Ман Туро андӯҳгин кардам?"

Чун пештара – хомӯшӣ. Ман як соат дуо кардам, ва ҳар як дақиқаи он мубориза буд.

Ман кассетаеро бо суруди парастишӣ ба кор андохта, ҳамовозӣ кардам. Ман медонистам, ки Худо ба ҷои рӯҳи гарон либоси ситоиш медиҳад, ва ба ман айнан ҳамин чиз лозим буд. Аммо ҳамагӣ баъд аз ним соати сурудхонии берӯҳ ман боз ҳам бештар ошуфта гардидам. "Ман чӣ кори баде кардам? Чаро Ту ба ман ҷавоб намедиҳӣ?"

Баъд аз нисфирӯзӣ ман ба саҳрои наздиҳавлигӣ баромадам ва қарор додам, ки шайтонро мебандам. Бо ҳамин ҳамааш тамом мешавад! Аммо ягона касе, ки худро басташуда ҳис кард, ин худи ман будам. Ман дар давоми се соат дуо кардам ва ба шайтон дод задам, аммо танҳо овози худро хаста гардонидам. Акнун бояд баргашта, ба хидматгузорӣ тайёрӣ медидам. Ман худро таскин медодам: "Бо ин ҳама муқобилат, имрӯз бегоҳ

Худо сахт Худро намоён мекунад. Фақат бо имон бирав, Ҷон!”

Мо ҳамду сано ва парастиш, эълонҳо, ҷамъоварии ушру ионатро ба охир расонидем, вале ман ҳамон ҳиссиётеро доштам, ки бегоҳии рӯзи гузашта бо ман буд. Ман боз дар бораи он фикру хаёл мекардам, ки ҳамон лаҳза ки ман ба саҳна мебароям, Худо меояд. Навбатро ба ман доданд, ва боз – ҳеҷ чиз. Ман роҳнамоӣ талаб кардам, вале чизе нашунидам.

Ман боз як мавъизаеро, ки пештар истифода бурда будам, ба мавъиза кардан сар кардам, ва боз ҳам маро изтироб фаро мегирифт. На рӯҳи ҳаёт, на роҳнамоӣ, на тадҳин буд. Баъд аз панҷ дақиқаи ин бесарусомонӣ ман гуфтам: “Одамон, мо бояд дуо кунем. Чизе дуруст нест!” Тамоми ҷамъомад аз ҷой бархост, ва мо ҳама якҷоя бо овози баланд дуо кардем.

## Беҷуръатӣ фош шуд

Ва ногаҳон ман шунидам, ки чӣ тавр овози Худо аввалин бор дар давоми бисту чор соати охир ба ман сухан ронд. Ӯ гуфт: “Ҷон, туро ин одамоне, ки дар саҳна истодаанд, тарсонданд. Туро аз мавқеи қудрат зада баровარданд ва дар ту атои Худоро хомӯш карданд”.

Якҷоя бо ин мазаммати латифона равшании зиёд қалби маро пур кард. Дар ҳоле ки ҳамаи дигарон боз панҷ дақиқа дуо мекарданд, Рӯҳи Худо аз Китоби Муқаддас бисёр воқеаҳоро нишон дод, ки чӣ тавр дар онҳо мардон ва занони Худо ба муқобилат дучор мешуданд ва атои Худо дар онҳо хомӯш мегардид. Ман дидам, ки чӣ тавр онҳо дар Рӯҳ қудрат ва самаранокиашонро аз даст медоданд. Сипас Ӯ чанд соли охири ҳаёти маро ба пеши назарам овард ва нишон дод, ки ман ҳам ҳамин тавр карда будаам.

Ман зуд ба барҳам задани қуввати беҷуръатӣ шурӯъ кардам. (Дар хотимаи ин китоб намунаи ин гуна дуо мавҷуд мебошад.) Як соату понздаҳ дақиқаи навбатӣ ман пур аз оташ оид ба он ҷойҳои Китоби Муқаддас, ки Худо ба ман нишон дод, мавъиза кардам. Вақте ки ман тамом кардам, аз се ду

ҳиссаи ҷамъомадагон ба пеш баромаданд, то ки аз беҷуръатӣ озод шаванд. Дар тӯли ҳамаи вақти бедорӣ ин бузургтарин ҷамъомад буд.

Камтар пас аз як ҳафта Худо ба фош кардани гуноҳ шурӯъ кард. Маълум шуд, ки навозандаи бас-гитара баъд аз хидматгузорӣ шароб менӯшид. Илова бар ин яке аз сарояндагон бо духтаре, ки дар ҷамъомадҳо иштирок дошт, хоб мекард. Ҳар дуи онҳо аз хидматгузорӣ барканор карда шуданд. Бас-гитаранавоз калисоро тарк намуд, аммо сароянда тавба кард ва муносибати худро бо Худо аз нав барқарор сохт.

Дере нагузашта роҳбари парастиш ва боз як гурӯҳ шахсон калисоро ба ихтилоф андохтанд. Чоряки одамон якҷоя бо ӯ аз калисо рафтанд. Вақте ки ин ҳодиса рӯй дод, роҳбари парастиш бо гуноҳи зинокорӣ фош гардид, пас аз як сол аз шавҳари худ ҷудо шуд ва дар натиҷа бо марди дигар зиндагӣ мекардагӣ шуд. Аз ҳамон оилаҳое, ки дар калисо ихтилоф барангехтанд, танҳо як ҷуфти онҳо дар ақди никоҳ ҳастанд.

Ин одамон шикоят карданд, ки ман нисбат ба онҳо бераҳмона муносибат кардаам. Худо онҳоро огоҳ карда буд. То чӣ андоза беҳтар мебуд, агар онҳо ин огоҳиро бо дили кушод қабул мекарданд.

Ман ду маротибаи дигар ба ин калисо ташриф овардам ва дар он ҷо, назар ба пештара, ба ягонагӣ ва қуввати бештар шоҳид шудам. Шубон ба ман фаҳмонид: “Худи Худо калисои моро тоза кард, ва мо пурқувваттар шудем. Ҳамду сано ва парастиши мо ҳеҷ гоҳ ин қадар озодона набуд!” Ӯ ҳамчунин гуфт, ки ҷанҷолу муноқишаҳое, ки пештар ӯ сарукор дошт, дигар вуҷуд надоранд. Ҷалол ба Худо!

Он кореро, ки Худо дар натиҷаи дуои панҷдақиқагӣ ба амал овард, ба паёме табдил дод, ки ҳоло шумо мехонед. Он ба ман имкон дод, ки дар ин бора дар саросари ҷаҳон мавъиза кунам. Дар натиҷа, ман шумораи зиёди одамонеро дидам, ки аз асорати беҷуръатӣ раҳо шуданд.

## Ин паём ба ҳама дахл дорад

Гарчанде ман ин кушоишро ҳангоми ҷустани Худо дар аснои муноқиша пайдо кардам, фикр накунед, ки ин танҳо ба онҳое дахл дорад, ки дар паси минбар меистанд. Шумораи зиёди масеҳиён бо беҷуръатӣ мубориза мебаранд. Аксар вақт онҳое, ки ба тарс дучор шудаанд, дарк намекунанд, ки бо чӣ мубориза мебаранд. Ба мисли аксари ҳилаву найрангҳои шайтон, беҷуръатӣ ниқоб ба худ гирифтааст ва пинҳон мебошад. Мо оқибатҳоро эҳсос мекунем: депрессия, изтироб, норасоии имонро, аммо намедонем, ки решаи онҳо аз чӣ иборат мебошад. Агар ман мефаҳмидам, ки ба тарс рӯ ба рӯ шудаам, дар ҳамон калисо ба муҳорибаи сахт дучор намешудам. Аммо ман барои сабақе, ки Худо ба ман дод, ба Ӯ миннатдорӣ изҳор мекунам.

Бисёре аз мо ба ҷои он, ки беҷуръатиро решакан кунанд, ҳаросон бо оқибатҳо, яъне меваҳои талхи беҷуръатӣ мубориза мебаранд. Бинобар ин мо муваққатан сабукӣ ҳис мекунем, аммо муҳорибаҳои мо тамом намешаванд. Аз дарахт ҳамаи меваҳоро ҷамъоварӣ намудан мумкин аст, аммо то замоне, ки реша бурида намешавад, аздусар меваҳо боз пайдо мешаванд. Ин чархи гирдгардон шасти моро мегардонад, зеро мо эҳсос мекунем, ки гӯё аз ин монеаҳо халос шуда наметавонем. Мо ноумед мешавем, ва аз он мавқее, ки Худо барояш моро даъват кардааст, хеле поёнтар меафтем.

Ҳақиқатҳое, ки дар ин китоб изҳор карда шудаанд, на танҳо ба шумо кӯмак мекунанд, ки чӣ будани беҷуръатиро дарк кунед, балки бо донишҳои зарурӣ муҷаҳҳаз мегардонанд, то ки завлонаҳои онро дар ҳаёти худ пора кунед. Дуои ман ин аст, ки ин китобро хонда ва гуфтаҳои онро дар ҳаёти худ татбиқ карда, шумо ҳамчун ходимони Худовандамон Исои Масеҳ барои иҷро кардани рисолати худ озодӣ пайдо кунед.

Шояд, ҳоло шумо аллакай ба изтироб афтодаед, ки чӣ тавр дар мубориза бо беҷуръатӣ истодагарӣ намоед. Аксар вақт мо дар ҳаёти худ чизҳоеро мебинем, ки моро ба танг меоранд, ва

мо фавран сабукӣ мехоҳем. Аммо одатан ҳалли фаврии масъала хеле қимат ба даст ояд ҳам, устувор ва доимӣ боқӣ намемонад. Ман ин паёмро эҳтиёткорона арзёбӣ кардан мехоҳам, чуноне ки ба ман ошкор шуд. Дар се боби навбатӣ ман асосеро бунёд кардан мехоҳам, ки аз фаҳмиши мавқеи рӯҳонӣ ва қудрати мо шурӯъ мешавад.

Шайтон моро ба ҳарос андохтан мехоҳад, то қудратеро, ки Исо вайро аз он маҳрум карда буд, ба худ баргардонад.

# МАВҚЕЪ ВА ҚУДРАТИ РӮҲОНӢ

Шайтон моро ба ҳарос андохтан мехоҳад, то қудратеро, ки Исо вайро аз он маҳрум карда буд, ба худ баргардонад.

“Агар ту бо қудрате, ки Худо ба ту додааст, амал накунӣ, каси дигар онро гирифта, бар зидди ту истифода мебарад”.

Аввалан, фаҳмидан зарур аст, ки ҷой ё мавқеи махсусе дар рӯҳ мавҷуд мебошад, ки мо ҳамчун имондорони Масеҳ бояд нигоҳ дорем. Якҷоя бо мавқеъ қудрат меояд. Душман қудрати моро рабудан мехоҳад. Агар ӯ ба он муяссар шавад, ки мо қудрати худододаро аз даст диҳем, вай онро гирифта бар зидди мо истифода мебарад. Ва ин на танҳо дар мо, балки дар онҳое низ инъикос меёбад, ки ба парастории мо вогузор карда шудаанд.

Чанд ҷои Навиштаҳо вуҷуд доранд, ки дар бораи қудрате, ки мо дар рӯҳ дорем, нақл мекунанд. Биёед баъзе аз онҳоро аз назар мегузаронем.

*Он ки дар паноҳгоҳи Ҳаққи Таоло нишастааст, дар сояи Қодири Бечун хоҳад буд (Заб. 90:1). Ва маро ба вусъатобод баровард, маро раҳо кард, зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ӯ бар ман аст (Заб. 17:20).*

*Поям дар ҷои ҳамвор истодааст; дар ҷамъомадҳо Худовандро муборак хоҳам хонд (Заб. 25:12).*

Айнан имондорон дар рӯҳ ким-кадом ҷоеро ишғол кардаанд. Ин паёме аст, ки ту ҳамчун имондор на танҳо бояд ин ҷойро донӣ, балки онро истифода ҳам барӣ. Агар ту мавқеи худро надонӣ, ба таври лозима дар бадани Масеҳ амал карда наметавонӣ.

Дар натиҷа ин мавқеи қудрат метавонад аз даст дода ё дуздида шавад. Мисоли мушаххаси библиявӣ – Яҳудои Исқариют. Баъд аз он ки Исо ба осмон суud кард, шогирдон барои дуо ҷамъ шуданд. Ва он гоҳ Петрус фаҳмонид, ки бо Яҳудо чӣ ҳодиса рӯй дод.

Зеро ки дар китоби Забур навишта шудааст: “Манзили вай хароб гардад ва касе дар он сокин нашавад” (Аъм. 1:20).

Яҳудо, гуноҳ содир карда, ҷои худро абадан аз даст дод (Аъм. 1:16-17). Аксар вақт душман маҳз бо ҳамин тарз одамонро аз қудрати рӯҳонии онҳо маҳрум мегардонад. Ӯ маҳз бо ҳамин тарз Одаму Ҳавворо ба гуноҳ водор кард, ва дар натиҷа онҳоро танг карда баровард ва бар онҳо ва бар ҳама он қудрате, ки онҳо доштанд, ҳукмронӣ ба даст овард.

Одам ва Ҳавво дар замин аз ҳама мавқеи баландтаринро ишғол карда буданд. Ҳама махлуқоти зинда ва тамоми табиат дар зери қудрати онҳо буданд. Худо гуфт: “Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед, ва бар моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне

ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед (Ҳас. 1:26). Ҳама гуна соҳаи рӯҳонӣ ва табиӣ ба зери ҳокимияти инсоният тобеъ карда шуда буд. Мақоми аз ин баландтар танҳо ба Худо мансуб буд.

То даме ки Одам мавқеи қудрати худро нигоҳ медошт, на беморӣ буд, на заминҷунбӣ, на гуруснагӣ буд, на қашшоқӣ. То замоне ки Одам дар муносибат бо Худо зиндагӣ мекард ва ба воситаи қудрат ва қуввати Худо ҳукмронӣ менамуд, осмон дар замин подшоҳӣ мекард. Одам ҳар чизеро, ки дар зери қудрати ӯ буд, аз даст дод. Ҷиноят содир карда, вай дар рӯҳ мавқеи худро ба душмани Худо супорид.

Навиштаҷот инро тасдиқ мекунад: иблис Исоро озмоиш карда, худситоӣ менамуд. Шайтон Ӯро ба кӯҳи баланд бурд ва тамоми салтанати ҷаҳонро нишон дод ва гуфт:

> *Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам (Луқ. 4:6).*

Худо ба Одам қудрат дод, вале шайтон аз Одам ин қудратро гирифт. Одам аз мавқеъ дида, чизи бештарро аз даст дод. Рафтори ӯ ба ҳамаи махлуқоте, ки Худо ба парастории Одам супорида буд, таъсир расонид. Зина ба зина барҳам хӯрдани ҳамоҳангии тамоми коинот сар шуд.

Яке аз мисолҳо – олами ҳайвонот. Дар боғ, дар зери ҳокимияти Худо ва Одам, шерон ҳайвоноти дигарро ба коми худ фурӯ намебурданд (Иш. 65:25). Морон заҳри марговар надоштанд (Иш. 65:25). Гӯсфандон аз гургон ва ҳайвоноти дигари дарранда наметарсиданд. (Иш. 65:25). Аммо мо мебинем, ки зуд баъд аз содиршавии гуноҳ, барои пӯшондани одами бараҳна, ҳайвоноти бегуноҳро ба қурбонӣ меоранд (Ҳас. 3:21). Баъдтар мо мебинем, ки дар байни муносибатҳои одам ва ҳайвоноте, ки як вақтҳо дар зери ҳукми одам буданд, тарс ҳукмфармоӣ мекунад (Ҳас. 9:2).

Оқибатҳои нохуши ин ҳодиса дар худи замин низ инъикос ёфтанд. Замин лаънат карда шуд, ва гӯё он ба одам зид шуд,

на ҷонибдори ӯ. Одам бошад, бо арақи ҷабин меҳнат мекард, то ҳосилеро рӯёнад, ки пештар аз он бо фаровонӣ таъмин буд (Ҳас. 3:17-19). Дар нома ба Румиён 8:20 гуфта шудааст: “Чунки махлуқот на бо ихтиёри худ мутеи оворагӣ шудааст”.

Ҳеҷ чизе дар замин, рӯҳонӣ ё физикӣ, аз оқибати беитоатӣ дар канор намонд. Беадолатӣ, марг, беморӣ, қашшоқӣ, заминҷунбӣ, гуруснагӣ, эпидемия ва лаънатҳои дигар заминро пур карданд. Тартиб ва қудрати илоҳӣ гум шуданд. Нахустзодаи Одам аллакай метавонист нафрат кунад, ҳасад барад ва бикушад. Душман қудратеро, ки Худо барои ҳимоят ва таъминот дода буд, рабуд, ва онро бар зидди тамоми махлуқот истифода бурда, ба куштан ва хароб кардан шурӯъ кард.

## Қудрати барқароршуда

Инак, одам мавқеи қудрати худро аз даст дод, ва онро танҳо худи ӯ барқарор карда метавонист. Пас аз ҳазорҳо сол Исо таваллуд шуд. Модари Ӯ духтари қавме буд, ки бо Худо аҳд баста буд. Падари Ӯ – Рӯҳи Қуддуси Худо. Ӯ қисман одам ва қисман Худо набуд. Ӯ Имонуил буд, ки маънояш “Худо бо мост” мебошад (дар тарҷумаи англ. – “Худое, ки дар ҷисм зоҳир шудааст”) (Мат. 1:23). Он далел, ки ӯ одам буд, ба ӯ имкон дод, ки ба таври қонунӣ чизи гумкардаро аз нав ба даст орад. Азбаски Ӯ Худ Писари Худо маҳсуб мешуд, аз зери ҳукми душмане, ки одамизодро асир гардонида буд, озод буд.

Ӯ дар ҳама рафтор ва гуфтори Худ иродаи Худоро ошкор мекард. Гуноҳҳо бахшида мешуданд, чунки дар ҳузури Ӯ ягон гуноҳ қудрат надорад. Заъфу бемориҳо дар назди қудрат ва эътибори Ӯ таъзим мекарданд (Луқ. 5:20-24). Худи табиат ба фармонҳои Ӯ итоат мекард (Марқ. 4:4). Ӯ бо қудрате, ки Одам аз даст дода буд, амал мекард. Бо итоат ва фидокорӣ Исо қудрати худододаро, ки Одам аз даст дода буд, барқарор кард, ва ба ин восита - муносибатҳои моро бо Худо низ.

Пеш аз баргаштан ба назди Падар Исо гуфт: “Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст: пас, биравед

ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам" (Мат. 28:18-20).

Аз ин ҷо равшан маълум аст, ки Исо чизи аз даст додаи Одам ва ҳатто аз он бештарашро баргардонд. Иблис ва Одам танҳо бар замин қудрат доштанд, аммо қудрати Исо на танҳо замин, балки осмонро низ дар бар мегирад. Исо он мавқеи қудратро, ки шайтон аз он маҳрум монд, боз ҳам баландтар бардошт. Исо мавқеъ ва қудрати Худро ба мо ошкор карда, гуфт: "биравед". Барои чӣ Исо дар байни қудрат ва даъвати мо робита бунёд мекунад? Мо ҷавобро аз номаҳои ҳаввори Павлус пайдо мекунем.

## Мавқеи қудрат

Павлус дуо кардааст, то мо бидонем, ки "бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст, ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки Ӯро аз мурдагон эҳё намуд ва ба ямини Худ дар афлок шинонд" (Эфс. 1:19-20). Диққат кунед, ки бо шакли танҳо "дар фалак" навишта нашудааст. Павлус возеҳ мегӯяд: "дар афлок". Сабаби онро дар чанд оят поёнтар пайдо мекунем: "ва шуморо, ки аз сабаби хатоҳо ва гуноҳҳои худ як вақтҳо мурда будед,... бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд" (Эфс. 2:1,6). Ин "афлок" ҷое аст, ки фарзандони наҷотёфтаи Ӯ сокин мешаванд.

Ҳоло саволи дигар: ин афлок дар куҷо ҷойгир шудааст ва он чӣ гуна мавқеъ аст? Мо ҷавобро дар Эфсӯсиён 1:21 пайдо мекунем: "болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад".

Ба одами наҷотёфта, ки дар Масеҳ ниҳон аст, дар рӯҳ мавқеи болотар аз иблис дода шудааст. Исо далерона изҳор кард: "Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки морон ва каждумон ва

тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд” (Луқ. 10:19).

Ҳоло мо фармони “Биравед”-ро фаҳмида метавонем. Исо қудратеро, ки ба имондорон дода шудааст, медонист. Ҳуқуқҳои барқароршудаи мо моро ба ин “афлок” шинонд, ки болотар аз ҳар қудрат ва қуввати душман аст.

Чуноне ки иблис Одамро дар боғи Адан фиреб дод, имрӯз вай имкон меҷӯяд, ки моро дар рӯҳ мағлуб кунад ва қудратеро, ки Исо аз вай гирифта буд, боз ба дасти худ гирад. Агар шайтон ба он муяссар гардад, ки ин мавқеи қудратро бидуздад ё ба як сӯ гузоштан водор кунад, вай зуд амал карда метавонад. Павлус дар ин бора хеле возеҳ мегӯяд:

“Ва ба иблис ҷой надиҳед” (Эфс. 4:27). Ҳамчун имондорон мо набояд мавқеи худро дар рӯҳ аз даст диҳем.

## Иерархияи подшоҳӣ

Мо бояд дарк кунем, ки Подшоҳии Худо ин ҳақиқатан подшоҳӣ аст. Подшоҳӣ мутобиқ ба мақом ва қудрати зердастон бунёд карда мешавад. Қаламрави осмонӣ истисно намебошад. Ҳар қадар мақом баландтар бошад, ҳамон қадар нуфуз ва қудрат бузургтар мешавад.

Дар Боғ шайтон аз паси фил ё шер надавид. Ӯ принсипи қудратро медонист ва ба шикори одам саъй кард. Иблис медонист, ки агар одамро асир гардонад, он гоҳ ҳар чизеро, ки дар зери парасторӣ ва идоракунии вай буд, ба даст медарорад.

Бинобар ин вақте ки иблис ба калисо ҳамла мекунад, ҳадафи аввалини ӯ роҳбарон мебошанд. Ба наздикӣ як шубони ҷамоати калон аз завҷааш ҷудо шудан хост. Барои ин ҳеҷ гуна сабаби библиявӣ ёфт нашуд, ва ӯ ҳамту зану фарзанди худро тарк кард. Вақте роҳбароне, ки дастпарварони ӯ буданд, мақсади чунин амалҳоро ба зери савол гузоштанд, ӯ гуфт, ки агар ба онҳо чизе писанд набошад, пас онҳо ҳамту рафта метавонанд.

Ӯ дидаю дониста амри Худоро поймол кард, ва рӯҳи талоқ

ва фиребро дар ҷамоати худ раҳо намуд. Баъд аз ин дар калисо шумораи ҷудошавиҳо афзуданд, ҳатто дар байни роҳбарон низ. Дигарон бошанд, ба шигифт афтоданд. Онҳо ба ташвиш афтода, бо умеди пайдо кардани касе, ки ба вай бовар карда метавонанд, аз калисо ба калисо сарсон мегаштанд. Вақте ки иблис шахси пурқувваттаринро дар хона аз мавқеаш зада берун кунад, онҳое, ки дар зери муҳофизати он шахс ҳастанд, низ ба душман дастрас мегарданд.

Ман мебинам, ки чӣ тавр волидайн дидаю дониста аҳкоми Худоро вайрон мекунанд. Дар он сурат фарзандон низ дер ё зуд намунаи онҳоро пайравӣ мекунанд. Шумо гуфта метавонед, ки ин лаънат аст. Аммо гап дар он аст, ки барои чӣ ин рӯй медиҳад? Гуноҳ содир карда, падару модарон мавқеи қудрати худро дар рӯҳ аз даст медиҳанд, ва фарзандони худро барои душман осебпазир мегардонанд.

## Ба душманони Худованд асос фароҳам овардан

Мисолро ба ин принсип аз ҳаёти Довуд пайдо кардан мумкин аст (2 Под. 8-18). Дар зери ҳокимияти ӯ подшоҳӣ қавӣ ва бехатар буд. Худо ӯро бо писарон ва духтарони зиёд баракат дод. Ва он гоҳ Довуд чизеро, ки Худо ба ӯ надода буд, гирифт: ӯ бо Батшобаъ зино кард. Батшобаъ ҳомиладор шуд, ва кор бо он боз мушкилтар гардид, ки шавҳари ӯ дар ҷанг буд ва қаламрави Довудро ҳимоя мекард.

Довуд бо умеди он, ки Уриё омада бо занаш бихобад, ба назди ӯ одам фиристод, то ҳамааш чунон ба назар расад, ки вай падари кӯдак аст. Аммо Уриё аз ҳисси садоқат ба Довуд ва подшоҳии ӯ, дар ҳоле ки сарбозони вай дар муҳорибаҳо ҳалок мешуданд, аз ҳаловати маҳрамонае, ки бо зани худ дошта метавонист, даст кашид. Довуд фаҳмид, ки нақшаи ӯ барои пӯшонидани гуноҳаш натиҷа надод. Ӯ медонист, ки дер ё зуд Уриё хоҳад донист, ки Батшобаъ ҳомиладор аст. Ва он гоҳ ҳама хоҳанд пай бурд, ки падари кӯдак Довуд аст.

Он гоҳ Довуд куштори Уриёро ба нақша гирифт. Подшоҳ ӯро

бо фармони марги худи ӯ дар даст ба майдони ҷанг фиристод. Уриёро ба мавқеи ҳарбу зарби сахт партофтанд, ва вақте ки ӯ аз тарафи душман муҳосира карда шуд, шариконаш худро ба канор кашиданд. Уриё аз дасти душманон ҳалок шуд. Зинокории Довуд ба фиреб, дурӯғ ва куштор оварда расонид.

Ба зудӣ Нотони набӣ ба назди Довуд омад ва гуноҳи ӯро фош намуд. Довуд тавба кард: "Ман пеши Худованд гуноҳ кардаам". Он гоҳ Нотон ба Довуд гуфт: «Худованд низ аз гуноҳат гузаронӣ кардааст; ту нахоҳӣ мурд" (2 Под. 12:13).

Довуд тавба кард ва бахшида шуд. Худо ӯро аз ҷиноят раҳо кард (Иш. 43:25-26). Аммо Нотон, ба суханаш идома дода, Довудро огоҳ кард: "Аммо азбаски ту бо ин кор асосе ба душманони Худованд фароҳам овардаӣ" (2 Под. 12:14).

Довуд бахшида шуд, вале ӯ ба душманони Худованд ба сӯи ҳаёти худ ва ҳаёти оилаи худ роҳ кушод. На танҳо ба душманони физикӣ, балки рӯҳонӣ низ. Оилаи вай ва тамоми халқи Исроил сахт зарар диданд.

Фарзанди аввалини Довуд аз Батшобаъ мурд. Писари калонии Довуд, вориси тахт, Амнӯн, ба номуси хоҳари ӯгайи худ Томор таҷовуз кард. Абшолӯм, писари Довуд ва бародари Томор, бародари ӯгайи худ Амнӯнро кушт.

Абшолӯм дили бисёр исроилиёнро бар зидди Довуд гардонид ва тахтро ишғол кард. Ӯ ба назди канизони падари худ даромад ва ба мардони Исроил фармон дод, ки Довудро дошта, бикушанд.

Аммо нақша барбод рафт ва Абшолӯм кушта шуд.

Се нафар аз писарони Довуд мурданд, чунки гуноҳ содир карда, ӯ оилаи худро ба душманони Худо боз кард. Ман фарзандони ходимонеро дидаам, ки маводи нашъадор истеъмол мекунанд, ба калисо нафрат доранд, ба шаҳват ва ҳамҷинсгаронӣ дода шудаанд. Чунки ба воситаи гуноҳ волидайни онҳо дар рӯҳ мавқеи худро аз даст додаанд. Мо ба гуфтаҳои Китоби Муқаддас бояд ҷиддитар муносибат кунем: "Бисёре аз шумо муаллим нашавед, чун медонед, ки мо ба маҳкумияти

бештаре дучор хоҳем шуд" (Яъқ. 3:1). Муаллимон (шубонҳо) аз сабаби беитоатии онҳо ба ҷазои бештар маҳкум гардидаанд. Онҳо на танҳо худашонро, балки инчунин онҳоеро, ки дар зери роҳнамоии онон қарор доранд, маҷрӯҳ мекунанд. Худо, чуноне ки Довудро бахшида буд, онҳоро мебахшад. Аммо онҳо аздусар он чиро ки кошта буданд, медараванд. Ба душман ҷой дода шуда буд!

Ман мефаҳмам, ки ин суханон сахт ҳастанд. Ман бо фурӯтанӣ ба шумо муроҷиат мекунам ва ин сатрҳоро бо тарсу ларз менависам. Мо он қадар зиёд фоҷиаҳоро дидаем, махсусан дар байни ходимон. Мо набояд ҳукм ва доварӣ кунем. Мо бояд бахшем ва ба касоне, ки афтодаанд, дасти кӯмак дароз кунем. Агар онҳо тавба кунанд, Худо мебахшад. Аммо ман ин суханонро ҳамчун дастурамал ва огоҳӣ барои он касоне менависам, ки дар зери ҳадафи душман қарор гирифтаанд. Ҳамаи мо бояд бо фурӯтанӣ ва собитқадамӣ роҳ равем.

Ман чор писар дорам. Ман дарк кардам, ки барои ҳаёти онҳо масъул ва ҷавобгар ҳастам. Онҳо аз они Худо ҳастанд, ман бошам танҳо идоракунандае ҳастам, ки барои парастории онҳо таъин гардидаам. Ман ҳеҷ гоҳ дидан намехоҳам, ки ҳаёти онҳо, аз сабаби он ки ман ба иблис ҷой додаам, вайрон гардад.

Вақте ки ман ходими ёрирасон будам, дар бораи ҳар чизи майда-чуйдаи воизон ғамхорӣ мекардам, то ки онҳо даъвати Худоро иҷро кунанд. Ман ба тоза кардани либоси онҳо машғул мешудам, фарзандони онҳоро аз мактаб мегирифтам, мошинҳоро мешустам ва ғ. Боре Худо ба ман чизе гуфт, ки он ба ман имкон дод, то ба хидматгузорӣ оқилона ва оромона нигоҳ кунам. Ӯ гуфт: "Писарам, агар ту дар ин мавқеъ корро вайрон кунӣ, онро ислоҳ кардан осон аст, чунки ту бо чизҳои физикӣ сарукор дорӣ. Аммо вақте ки Ман туро ба мавқеи хидмат таъин мекунам, ту ба одамон роҳбарӣ мекунӣ, ва ҳаёти онҳо хеле қимат аст".

## Қудрати партофташуда

Мақсади ин боб мавқеъ ва қудрати рӯҳониро шарҳ додан аст. Мо мисоли баъзе одамонро дидем, ки қудрати худро гум карданд ё онро ба душмани  Худо доданд. Шайтон бо тамоми қувват ҳаёти шуморо бо гуноҳ заҳролуд карда, қудратро рабудан мехоҳад. Агар шумо аз таҳти дил ба Худо хидмат кардан хоҳед, шайтон низ мекӯшад, ки ба воситаи беҷуръатӣ ва тарс шуморо аз мақоме, ки дар Масеҳ доред, зада берун кунад.

Қадами аввалин барои халос шудан аз беҷуръатӣ, ҳолати қалби худро тафтиш кардан аст. Дар боби оянда ман мефаҳмонам, ки барои ин чӣ кор бояд кард.

# ДУ ЧАПРАВӢ

Кушоиш бе хирад ва хислат, ки барои зиндагӣ кардан мутобиқи он имкон медиҳанд, ҳеҷ гуна арзише надорад.

Дар андак лаҳзае Рӯҳи Худо сарвати Худро ба рӯҳи шумо рехта метавонад. Аммо кушоиш бе хирад ва хислате, ки барои зиндагӣ кардан мутобиқи он имкон медиҳанд, беҳуда аст. Вақте ки Рӯҳулқудс ба ман аз Китоби Муқаддас оятҳоеро, ки беҷуръатиро фош мекунанд, нишон дод, Ӯ ду чаправиеро низ аён кард, ки ҳаёти имондорро аз мувозинат баровარда метавонанд. Чаправии аввалин – иштиёқ барои қудрат, дуюмин - фурӯтании бардурӯғ. Тавозуни лозимаро мо дар ҳаёти Тимотиюс, ки ба ҷои фурӯтании бардурӯғ хислати парҳезгоронаро такмил медод ва бахшоишҳои Худоро авҷ мегиронд, пайдо карда метавонем. Ӯ барои нуфуз пайдо кардан талош намекард.

## Дили пок

Павлус дар Лустра аввалин бор бо Тимотиюс вохӯрд. Модари ин ҷавонмард ибризани масеҳӣ ва падараш юнонӣ буд.

Павлус хост, ки Тимотиюс ба вай ҳамроҳ шуда, дар сафарҳояш ӯро ҳамроҳӣ кунад. Ӯ бояд дар бораи эҳтиёҷоти гуногуни Павлус ғамхорӣ мекард (Аъм. 19:22).

Бо мурури замон садоқати Тимотиюс аз санҷиш гузашт. Мартабаи ӯро баланд карданд ва хидмати мавъизаи Инҷилро ба ӯ бовар карда супориданд, аниқтараш, ӯро шубони калисои Эфсӯс таъин карданд. Дар номаи дуюм ба Тимотиюс Павлус навиштааст:

*Имони бериёи туро, ки пештар дар модаркалонат Лӯид ва модарат Авниқо сокин буд, ба хотир меоварам ва яқин дорам, ки он дар ту низ сокин аст. Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ (2 Тим. 1:5-6).*

Павлус қайд мекунад, ки имони Тимотиюс бериё буд. Ин ҷавонмард дили пок дошт. Ӯ ким-кадом як қаллоб набуд. Дар номаи дигар Павлус менависад: “Ва дар Масеҳи Худованд умедворам, ки Тимотиюсро ба зудӣ назди шумо фиристонам, то ки ман низ аз аҳволатон хабар ёфта, рӯҳбаланд шавам. Зеро каси дигаре мисли ӯ надорам, ки дар бораи шумо аз самими қалб ғамхорӣ мекарда бошад. Чунки ҳама нафъи худро толибанд, на он чиро, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Вале шумо бовафоии ӯро медонед, чунки ӯ ба ман, мисли писар ба падар, дар башорат хизмат кардааст” (Фил. 2:19-22).

Аз ин ҷо маълум аст, ки ба хислати Тимотиюс иддаое набуд. Барои масеҳиён хислат бояд афзалият ва майлу рағбати асосӣ бошад. Падари мо на қувватро, балки хислатро толиб аст. Ғамангез бошад ҳам, ҳақиқат дар он аст, ки бисёр масеҳиён барои пайдо кардани тадҳин ва қуввати Рӯҳулқудс

саъй мекунанд, вале дар худ хислати парҳезгоронаро ривоҷ намедиҳанд. Номаи якум ба Қӯринтиён моро таълим медиҳад: “дар пайи муҳаббат бошед; иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ бошед”. Вале мо ин ҳукмро вайрон кардаем. Мо барои соҳиб шудан ба атоҳо ва тадҳин саъй мекунем, вале мехоҳем, ки меваи муҳаббат бидуни кӯшиши мо дар ҳаётамон мавҷуд бошад. Худо муҳаббат аст, ва то даме ки мо дар муҳаббат роҳ намеравем, табиати Ӯро дастрас карда наметавонем.

## Чаправии якум: ҷустуҷӯи қудрат, вале на хислат

Баъзе масеҳиён барои дидани мӯъҷиза, иштирок дар хидматгузориҳои пуртадҳини нубувваткунӣ тайёр ҳастанд, ки масофаҳои дурударoз, садҳо милро тай кунанд, вале онҳо омода нестанд, ки хашму ғазаб ва кинаю адовати қалбҳои худро ҳаллу фасл намоянд. Равшан аст, ки онҳо ба қувват аҳамият медиҳанд, на ба хислат. Зуҳуроти рӯҳонӣ дар ин хидматгузориҳо, шояд, аз Худо ҳастанд, вале мо бояд бо инсони ботинии худ низ сарукор дошта бошем. Ҳатто агар дар калисо рӯҳияи наву тоза эҳсос карда шуда истода бошад ҳам, масъалаи гуноҳ бояд ҳаллу фасл карда шавад. Ин хеле хуб аст, ки одамон ба қуввати Худо ин қадар ташна ҳастанд, вале биёед покии дилро низ сарфи назар намекунем.

Мо дидаем, ки чӣ тавр бисёр ходимон пешпо хӯрда афтодаанд. Вале онҳо на аз он сабаб афтодаанд, ки ягон рафтори бадахлоқона содир кардаанд. Не, афтиши онҳо барвақт сар шудааст, - аз ҳамон рӯзе, ки барои онҳо муваффақияти хидмат назар ба муносибатҳои наздик бо Худо муҳимтар гардидааст. Ва мо инро на танҳо дар байни ходимон, балки ҳамчунин дар ҷамоатҳои онҳо дидаем.

Исо гуфтааст: “Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид” (Мат. 5:8). Ӯ нагуфтааст: “Хушо онҳое, ки дар хидматгузорӣ муваффақ ҳастанд”. Ӯ гуфтааст, ки бе дили пок, шумо Худоро нахоҳед дид! Ва албатта, танҳо Исо ба мо дили пок дода метавонад. Мо онро ба воситаи амалҳоямон пайдо карда

наметавонем. Ин якбора ҳам бебаҳо ва ҳам ройгон аст. Барои он бебаҳо аст, ки ба туфайли фидокории Писари Худо фароҳам оварда шудааст. Барои он ройгон аст, ки барои ҷӯяндагони Ӯ муфт дода мешавад.

Одатан ман ин тавр дуо мекардам: "Худо, маро барои наҷоти ҷонҳои гумшуда истифода бар. Маро барои шифо додан ва озод кардани одамони зиёд истифода бар". Ман такрор ба такрор ин тавр дуо мекардам, - дараҷаи худоҷӯии ман ҳамин қадар буд. Мақсади асосии ман он буд, ки ходими муваффақ бошам.

Аммо боре Исо ба ман нишон дод, ки муносибати ман нодуруст аст. Ӯ маро ба ҳайрат оварда, гуфт:

"Ҷон, Яҳудо девҳоро ихроҷ мекард, беморонро шифо медод ва Инҷилро мавъиза мекард. Ӯ шуғли худро тарк кард, то ки шогирди Ман шавад, вале ҳоло ӯ дар куҷост?" Ин суханон ҳамчун санги осиё ба сари ман афтоданд. Ва Худо идома дод:

"Маънои даъвати бузурги масеҳӣ на қуввати Худо ё хидмат аст; мақсад шинохтани Ман аст" (ниг. Фил. 3:10-15).

Баъдтар, вақте ки ҳамсари ман дуо кард, то ки Худо ӯро низ ҳамин тавр истифода барад, Исо аз вай пурсид: "Лиза, оё туро ягон бор дӯстат истифода бурдааст?"

– Бале, - ҷавоб дод вай.
– Ва ту худро чӣ хел ҳис кардӣ?
– Ман ҳис кардам, ки ба ман хиёнат карданд.

Худованд идома дод: "Лиза, Ман одамонро истифода намебарам. Ман тадҳин мекунам, шифо медиҳам, онҳоро дигар мекунам ва ба табиати Худ мувофиқ мегардонам, аммо Ман онҳоро истифода намебарам".

Агар зан танҳо дорои як хоҳиш – барои шавҳараш таваллуд кардани фарзандон бошад, ин гуна муносибатҳои оилавиро ту чӣ хел арзёбӣ мекардӣ? Вай танҳо ҳамон вақт ба муносибатҳои маҳрамона машғул мешавад, ки насли навбатиро ба дунё биёрад. Ӯ ба шавҳари худ ҳамчун шахсият ҳеҷ гуна шавқе надорад.

Ман медонам, ки бемаънӣ садо медиҳад. Вале оё ин ба “моро барои наҷоти одамон истифода бар” гуфта дуо кардани мо монанд нест, дар ҳоле ки худи мо аз муносибат ва мушоракат бо Ӯ лаззат намебарем? Вақте ки мо бо Худо наздик ҳастем, маҳз ҳамон чизро ба вуҷуд меорем, ки Ӯ муайян кардааст: “Қавме ки Худои худро мешиносанд, қавӣ шуда, амал хоҳанд кард” (тарҷумаи англ. – “Қавме ки Худои худро мешиносанд, қавӣ шуда, корнамоиҳои бузург ба амал хоҳанд овард” – эзоҳи тарҷ.) (Дон. 11:32).

Хоҳиши ягонаи Павлус шинохтани Ӯ буд (Фил. 3:8-10). Мӯсо гуфт: “Роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам” (Хур. 33:13). Довуд гиря кард: “Як чизро аз Худованд пурсидаам, ва онро хоҳам талабид, ки тамоми айёми умри худ дар хонаи Худованд сокин бошам, шавкати Худовандро мушоҳида намоям ва дар қасри Ӯ назорат кунам” (Заб. 26:4). Ва боз: “Ҷонам ташнаи Туст, ва ҷисмам пазмони Ту” (Заб. 62:2).

Дар Китоби Муқаддас мардон ва заноне, ки назар ба ҳама чизҳои боқимонда бештар ташнаи маърифати Худо буданд, ба Ӯ содиқ монданд ва давишеро, ки Ӯ барояшон муайян карда буд, бомуваффақият анҷом доданд. Онҳо садоқати мақсаднок ва устуворро омӯхтанд.

Одамони дигар камолоти рӯҳонии худро танҳо бо қобилияти нубувват ё амал кардан бо атоҳо чен мекарданд. Вале дар ёд дошта бошед, ки атоҳо дода мешаванд, на ин ки ба воситаи аъмол ба даст оварда мешаванд. Ҳатто модахар нубувват карда ва олами рӯҳониро дид. Хурӯс се маротиба ҷеғ зад ва Петрусро мазаммат намуд. Оё бо ин корҳо ҳайвонот рӯҳонӣ ҳисоб мешаванд?

Исо гуфтааст, ки бисёриҳо Ӯро Худованд мехонанд ва барои дохил шудан ба Подшоҳии Ӯ умед мебананд, аммо онҳо рад карда мешаванд. Онҳо ба номи Ӯ мӯъҷизаҳоро ба амал мекунанд, девҳоро берун мекунанд ва нубувват мекунанд. Аммо Ӯ чунин ҷавоб медиҳад:

*“аз Ман дур шавед, эй бадкорон” (Мат. 7:23).*

Тадҳини Худо ин таҳсини Худо нест. Шоул аллакай баъд аз он ки Худо ӯро рад кард, нубувват намуд (1 Под. 19:23-24). Қаёфо нубувват кард, гарчанде ки мақсади ягонаи ӯ куштани Писари Худо буд (Юҳ. 11:49-51). Мо бояд дили Худоро дошта бошем, он гоҳ мо ба иродаи Ӯ итоат карда метавонем. Бе ин мо танҳо бо азоби расмиятпарастӣ ва шаҳватпарастӣ дар сояи тадҳини Ӯ роҳ хоҳем гашт. Билъом нубувват кард ва нубувватҳои ӯ ҳаққонӣ буданд. Аммо ӯ ҳамчун ҷодугар-фолбин мурд, - вақте ки Исроил ба замини мавъуд дохил шуд, ӯ бо шамшер кушта шуд.

Павлус некӯкории Тимотиюсро натиҷаи қалби пок ва садоқати ӯ ба хидмат медонист. Мо бояд дар муҳити худамон чунин талаботро ҷорӣ кунем ва ба Рӯҳулқудс имкон диҳем, ки моро имтиҳон кунад. Вақте ки мо бар зидди рӯҳи беҷуръатӣ ба ҷанг бармехезем, аҳамияти фавқуллодаи ин шартро муайян кардан ғайриимкон аст. Бе ин фаҳмиш ҳақиқати ин паём шуморо озод намекунад, ва эҳтимол, ҳатто назар ба фоида овардан, бештар зарар мерасонад. Чунки на худи калимаҳо барои озодӣ қувват доранд, балки рӯҳ ва маъное, ки дар паси онҳо меистанд.

Барои тавзеҳ додани вазъият, мо огоҳии Петрусро ба хотир оварда метавонем: “чунон ки бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато шудааст, ба шумо навиштааст, ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан меронад, ки дар онҳо кадом як чизи душворфаҳме ҳаст, ки онро нодонон ва ноустуворон мисли Навиштаҳои дигар ғалат таъбир менамоянд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад” (2 Пет. 3:15-16).

Зарууртар аз ҳама, мо бояд ба муносибатҳои дуруст бо Худо саъй кунем, на ин ки дар ҷустуҷӯи формулае бошем, ки дар қуввати Ӯ чӣ тавр амал карданро нишон медиҳад. Дар партави ин гуфтаҳо, биёед суханони Павлусро дар номаи дуюм ба Тимотиюс таҳқиқ мекунем. Дар бораи покии дили Тимотиюс сухан ронда, Павлус менависад: “Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ” (2 Тим. 1:6). Дар ин ҷо “ба ин

сабаб" гуфта шудааст. Агар имони Тимотиюс самимӣ намебуд, нишондодҳои Павлус оид ба кор андохтани атоҳои Худо дар ҳаёти ӯ беҳуда мебуданд. Биёед давом медиҳем.

## Чаправии дуюм: фурӯтании бардурӯғ

Зеро ки имони бериёи туро, ки пештар дар модаркалонат Лӯид ва модарат Авниқо сокин буд, ба хотир меоварам ва яқин дорам, ки он дар ту низ сокин аст. Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ (2 Тим. 1:5-6).

"Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам". Павлус ба номаи аввале, ки ба Тимотиюс навишта буд, ишора мекунад: "Ба бахшоиши Рӯҳ, ки дар туст, беэътиноӣ накун, ки он ба ту ба василаи нубувват бо гузоштани дастҳои пирон дода шудааст" (1 Тим. 4:14). Павлус диққати Тимотиюсро ба он ҷалб мекунад, ки ба атоҳои Худо беэътиноӣ накардан чӣ қадар муҳим аст. Ӯ дар ин бора аллакай бори дуюм менависад, ва инро дар аввали номааш ёдрас мекунад.

Барои омӯхтани он, ки "беэътиноӣ накардан ба бахшоишҳо" чӣ маъно дорад, биёед ба баъзе антонимҳо, яъне калимаҳое, ки аз рӯи маъно ба калимаи "беэътиноӣ" муқобил ҳастанд, диққат мекунем.

Иҷро кардан, комёб шудан, амал кардан, диққат додан, ғамхорӣ кардан, ба амал овардан, мавриди таваҷҷӯҳ қарор додан, ба анҷом расонидан.

Ҳамаи ин суханон амал ва қудратро мефаҳмонанд. Аксари онҳо ҳам шакли шифоҳӣ ва ҳам номиналӣ доранд. Онҳо аз ҷиҳати маъно мусбат ва қатъӣ мебошанд. Барои боз ҳам амиқтар фаҳмидани мазмуни Каломи Худо, дида мебароем, ки ибораи "беэътиноӣ кардан" чӣ маъно дорад.

Шикоф кардан, аҳамият надодан, қатъ кардан, диққат надодан, ба назар нагирифтан, сарфи назар кардан, қадр накардан, эътибор надодан, аз мадди назар дур мондан.

Ҳамаи ин калимаҳои негативӣ норасоии амал, қатъият ва қудратро таъкид мекунанд. Беэътиноӣ кардан ба чизе, ки ба мо бовар карда, супорида шудааст, масъалаи хеле ҷиддӣ ва муҳим аст. Агар мо ҷиддӣ нашавем, зарар мебинем.

Чаправии баръакси иштиёқ барои қудрат ҳаёте аст, ки бо фурӯтании бардурӯғ ба сар бурда мешавад. Одамоне, ки дар ин ҳолат зиндагӣ мекунанд, аҳамияти саъю кӯшишро барои монанд шудан ба хислати Худо эътироф менамоянд, аммо дар нимароҳ мемонанд. Онҳо аз ҳар чизе, ки ба тақобул марбут аст, канораҷӯӣ мекунанд, ва онро ҳамчун набудани муҳаббат ё хислати масеҳӣ мефаҳманд.

Ман ин гуна одамонро ҳамчун "нигаҳдорандагони сулҳ" тавсиф мекунам. Дар назари аввал "сулҳнигаҳдорӣ" ҷолиб ба назар мерасад, аммо Исо ҳеҷ гоҳ нагуфтааст: "Хушо нигоҳдорандагони сулҳ". Ӯ гуфтааст:

"Хушо сулҳоварон, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд" (Мат. 5:9). "Нигаҳдори сулҳ" бо ҳар роҳ сулҳро нигоҳ медорад. Вай ҳар гуна тадбири ба худ қулайро ба ҷо меорад, то ки ҳисси бардурӯғи бехатарии худро, ки иштибоҳан сулҳ мепиндорад, нигоҳ дорад.

Аз дигар тараф, сулҳовар метавонад далерона ба тақобул биравад, ва муҳим нест, ки оқибати ин барои ӯ чӣ гуна хоҳад буд, - ӯ дар бораи худ ғамхорӣ намекунад. Баръакс, нияти ӯ муҳаббат ба Худо ва одамон мебошад. Танҳо бо ин шарт сулҳи ҳақиқӣ барқарор карда мешавад.

Дар Подшоҳии Худо сулҳ ҳукмфармо аст (Рум. 14:17). Аммо ин сулҳ аз набудани тақобул ба вуҷуд намеояд. Чуноне ки Исо гуфтааст: "Малакути Осмон бо зӯрӣ ба даст оварда мешавад" (Мат. 11:12). Ба пешрафти Подшоҳии Худо муқовимати зӯроварона мавҷуд мебошад.

Аксар вақт мо фикр мекунем: "Ман ҳамту ба ин диққат намедиҳам, ва ҳамааш мегузарад". Вале мо бояд бедор шавем ва дарк кунем, ки агар мо ба тақобул наравем, дигаргунӣ оварда наметавонем!

Эй маҳбубон! Азбаски ҷидду ҷаҳди комил дорам ба шумо дар бораи наҷоти муштараки мо бинависам, зарур донистам ба шумо насиҳате нависам, то шумо дар роҳи имоне ки як бор ба муқаддасон супурда шуд, ҷадал намоед (Яҳуд. 3).

Ӯ "ҷадал намоед" мегӯяд, на фақат ин ки барои беҳбудӣ умедвор бошед. Ҷадал намудан "ҷангидан" ё "дар муҳориба ғолиб омадан" аст. Масеҳият танҳо ҳаёти осон нест! Дар роҳе, ки мо ба сӯи Худо пеш гирифтаем, ҳам дар олами табиӣ ва ҳам дар олами рӯҳонӣ, муқовимати доимӣ мавҷуд мебошад!

Павлус Тимотиюсро бо чунин суханон қувват медод: "Ҳамчун сарбози неки Исои Масеҳ ба уқубатҳо тоб овар. Ҳеҷ сарбоз худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад..." (2 Тим. 2:3-4). "Мо ба ҷанг гаравида шудаем. Мо бояд ба худамон ҳамчун ба сарбозон муносибат кунем. Мо дубора ба бадӣ ғарқ шудан намехоҳем, балки онро бо некӣ аз рӯи файзи Худо мағлуб мекунем" (Рум. 12:21).

Номаҳои Павлус ба шубони калисои Эфсӯс фармонҳои фармондеҳро ба ёд меоварданд. Тимотиюс бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ буд. Мебоист таълимотҳои бардурӯғ фош карда шавад, мубориза бурда шавад, баҳсу талошҳо қатъ гардонида шаванд, роҳбарон ба камол расонида шаванд, - хулоса, ҳар кор иҷро карда шавад, то ки калисо қавӣ ва мукаммал гардад. Ин танҳо баъзе аз вазифаҳои маълуми бисёре буданд, ки бо онҳо ӯ рӯ ба рӯ мешуд.

Ман боварӣ дорам, ки барои ба вуҷуд омадани тақобул имкониятҳои зиёд мавҷуд буданд. Ман боварӣ дорам, ки дар калисо аз тарафи онҳое, ки шарир ва норасида буданд, бар зидди Тимотиюс тӯҳмату ғайбат паҳн шуда буд. Ғайр аз ҳамаи ин ӯ бояд боз бар як ҳолат – бар синну соли худ ғолиб меомад. Вай ҷавон буд, ва дар калисо бисёриҳо аз ӯ калонсолтар буданд. Аллакай ин худ аз худ дарро барои беҷуръатӣ боз мекунад. Ва дар байни ҳамаи ин Павлус ба Тимотиюс маслиҳат дод, ки қавӣ бошад, он чизҳоеро, ки ба вай дода шудааст, фаромӯш накунад. Павлус доимо ба Тимотиюс хотиррасон мекард, ки

бо қудрате, ки Худо ба ӯ додааст, амал кунад. Шояд, боре Тимотиюс ақибнишинӣ кард, аммо Павлус навишт:

> *“Ҳаминро мавъиза намо ва таълим деҳ” (1 Тим. 4:11).*
>
> *“Ана ҳаминро ба онҳо талқин намо, то ки беайб бошанд” (1 Тим. 5:7).*
>
> *“Пас, эй фарзандам, бо файзе ки дар Исои Масеҳ аст, қавӣ бош” (2 Тим. 2:1).*

Шояд, Тимотиюс ба масеҳиёни ҳозира шабоҳат дошт, - Худоро дӯст медоранд, аммо аз тақобул канораҷӯӣ мекунанд. Аммо тарс аз муқовимат шуморо тӯъмаи осони беҷуръатӣ мегардонад.

Агар шумо худро ба чунин тарс шабоҳат диҳед, пас бигзор ин паём ба шумо далерӣ ва озодӣ биёрад. Худо мехоҳад, ки шумо озод бошед ва чунон шахсе гардед, ки Худо аз шумо талаб дорад. Вақте ки шумо ҳаросон ҳастед, шодӣ надоред. Бе шодӣ қувват ҳам нест. Вақте ки тарс ҳаст, сулҳ нест. Аммо вақте ки шумо аз монеаҳое, ки шуморо бозмедоштанд, раҳо шавед, шумо бо фаровонӣ шодӣ ва оромӣ пайдо мекунед!

*Боби 4*

# АТОҲОЕ, КИ ХУДО ДОДААСТ

Ин ба ман чӣ дахл дорад?

То ин дам мо дар бораи беҷуръатӣ ва оқибатҳои он танҳо дар алоқамандӣ бо роҳбарони калисо сӯҳбат кардем. Аммо пурра имкон дорад, ки бисёре аз хонандагони ин китоб ходимони вақти пурра нестанд. Ва, шояд, шумо мепурсед: "Ин ба ман чӣ дахл дорад?"

Худо дар рӯҳ ба ҳар як имондор ҷой ё мавқеъ додааст. Дар ёд доред, Павлус фаҳмонида буд, ки Худо моро "бо Ӯ бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд" (Эфс. 2:6). Фарзандони наҷотёфтаи Худо бояд дар ҳамон ҷо сокин бошанд. Ин ҷой "болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад, ва ҳама чизро зери пойҳои Ӯ тобеъ намуд, ва Ӯро чун сари ҳама чиз ба Калисо дод, ки он Бадани Ӯст, пуррагии Ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад" (Эфс. 1:21-23).

Калисо бадани Масеҳ аст. Чуноне ки бадани мо аз узвҳои гуногун, ки дорои вазифаҳо ва қобилиятҳои мухталиф мебошанд, иборат аст, ҳамчунин узвҳои бадани Масеҳ низ бо бахшоишу атоҳои гуногун амал мекунанд. Худо ҳадаф ва амалҳои онҳоро муайян кардааст. Ҳар яке аз онҳо муҳиманд, вале ҳамаи онҳо ба якдигар вобаста мебошанд.

Павлус гуфтааст, ки ҳамаи рӯҳҳои шайтонӣ ба зери пои Исо афканда шудаанд. Ин равшан нишон медиҳад, ки ҳеҷ як дев нисбат ба шахси имондор қудрат ба кор бурда наметавонад. Ҳатто агар шумо дар бадани Масеҳ пой бошед ҳам, девҳо аздусар дар зери шумо мебошанд. Исо гуфтааст:

> *“Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки морон ва каждумон ва тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд” (Луқ. 10:19).*

Вале агар мо машқ накунем ва бо қудрате, ки Худо додааст, амал накунем, касе онро мерабояд, ва онро бар зидди мо истифода мебарад! Душман мавқеи рӯҳонии моро рабудан мехоҳад.

## Атоҳо дода шудаанд, то ки мо амал кунем

Биёед омӯзиши номаи Павлусро, ки ба Тимотиюс навишта шуда буд, давом медиҳем.

> *Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ (2 Тим. 1:6).*

“Ато” дар забони юнонӣ “харизма” аст. Луғати Стронг ин калимаро ҳамчун “саҳми рӯҳонӣ” маънидод мекунад. Таърифи дигар аз Vine’s dictionary чунин аст: “атои файз, ки ба воситаи Рӯҳулқудс ба имондорон дода шудааст”. Инак, калимаи “харизма” он қобилиятҳои рӯҳониеро ифода мекунад, ки Худо ба имондорон додааст.

Ҳеҷ чиз дар фазои рӯҳонӣ бе ин “харизма” ё бе қобилиятҳои фавқуттабиие, ки аз Худо аст, ба вуқӯъ намеояд. Бе ин мо на мавъиза карда, на суруд хонда, на нубувват карда, на касеро ҳидоят карда, ва ҳатто на хидмат карда метавонем. Бе ин гуна файз дар ҳаёти мо ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Вақте ки одам кӯшиш мекунад, ки ба Худо бо қуввати худ хидмат кунад, дини берӯҳ ба вуҷуд меояд. Агар мо бе атои Худо ба дигарон хидмат кунем, хидматамон беҳуда мешавад.

Огоҳ бошед, ки ато дар Тимотиюс аллакай сокин буд. Атое, ки Худо медиҳад, он меояд ва меравад, вале дар мо сокин мешавад. “Зеро ки бахшоишҳо (“харизма”) ва даъвати Худо тағйирнопазир аст” (Рум. 11:29). Ин гуна ато, ин гуна қувва таҷҳизотест, ки барои иҷро кардани даъвате, ки Худо ба ҳар яки мо додааст, зарур мебошад. Амал кардан бо ин атоҳо барои мо бояд як чизи табиӣ ва қулай бошад. Чуноне ки вазифа ва нақши узвҳои бадани мо дигаргун намешаванд ва аз ҷое пайдо шуда, ногаҳон ба ҷое ғайб намезананд, атоҳое, ки Худо медиҳад, айнан ҳамин гуна мебошанд.

Павлус ба имондорони румӣ навишта буд: “Зеро ки хеле орзуманди дидани шумо мебошам, то ки як атои рӯҳоние, барои устувор шуданатон, ба шумо тақдим намоям” (Рум. 1:11). Калисо бе ин гуна атоҳо, бе аслиҳаи рӯҳонӣ, ки фарзандони Худоро барои иҷро кардани иродаи Ӯ қодир мегардонанд, рушд пайдо карда наметавонад. Ояти зеринро бодиққат хонед:

Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун муваккалони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед (1 Пет. 4:10).

Дар ин оят мо се нуқтаро баррасӣ хоҳем кард:

1. Ато ба ҳар як кас дода мешавад.
2. Ато ба мо тааллуқ надорад, мо танҳо идоракунандагон ҳастем.
3. Ато як қисми файзи гуногуни Худо мебошад.

### *1. Ато ба ҳар як кас дода мешавад.*

Диққат диҳед, ки дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст:

“Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, хизмат кунед”. Петрус нагуфтааст: “Аз рӯи бахшоишҳое, ки баъзе интихобшудагон ёфтаанд”. Не. Агар шумо аз олами боло таваллуд шудаед ва аз Рӯҳулқудс пур ҳастед, шумо атои Худоро пайдо кардаед, то ки дар бадани Ӯ амал кунед.

Павлус дар нома ба Эфсӯсиён 4:7 мегӯяд: “Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст”. Ва боз дар 1 Қӯринтиён 7:7 гуфтааст: “Зеро мехоҳам, ки ҳамаи одамон мисли ман бошанд; аммо ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, яке ин тавр, дигаре ба таври дигар”.

Агар мо инро надонем, ба хидмат муносиб нестем ва хидмат карда наметавонем. Он гоҳ даъвати мо иҷро намешавад. Чуноне ки бачаҳои хурдсол бо узвҳои гуногуни бадани худ муносибат карданро меомӯзанд, мо бояд ин атоҳои хидматиро дар бадани Худо такмил ва ривоҷ диҳем. Ҳеҷ яке аз узви бадани Ӯ берун аз қобилиятҳои фавқуттабиии Ӯ амал карда наметавонад.

***2. Ато ба мо тааллуқ надорад, мо танҳо идоракунандагон ҳастем.***

Азбаски ин ато аз они мо нест, ба он беэътиноӣ карда ё онро барои манфиати худ истифода бурда наметавонем. Он аз они мо нест, ки бо он ба таври дилхоҳ амал кунем. Он барои хидмат кардан ба дигарон дода шудааст, ва мо барои муносибатамон ба он масъул ҳастем.

Масали Исоро дар бораи талантҳо ба хотир оред. Хӯҷаин “ба яке панҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як, яъне ба ҳар кадом алоқадри ҳолаш дод” (Мат. 25:15). Ва ба сафар рафт. Ду шахси аввал талантҳоро оқилона истифода бурда, фоида ба даст оварданд, сеюмӣ бошад, ҳиссаи худро ба хок пинҳон кард. Вақте ки хӯҷаин баргашт, ду шахси аввал дар бораи он ки бо талантҳои ба онҳо додашуда чӣ кор карданд, ҳисобот доданд. Ва хӯҷаин ҳар кадом аз онҳоро таҳсин кард: “Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад”.

Сипас шахси сеюм барои ҳисобот додан омад. Ӯ аз тарс таланти худро ба хок пинҳон карда буд. Ӯ хӯҷаини худро беинсоф

ва беҳад сахтгир тасаввур мекард. Бинобар ин хидматгор худро ҳақ меҳисобид, ки бепарво, худхоҳ ва фориғбол бошад. Дар натиҷа, ӯ ба хӯҷаини худ гуфт: “Инак, моли ту ин ҷост”. Хӯҷаин чун дид, ки хидматгор ба чизи ба ӯ супоридашуда беэътиноӣ кардааст, ӯро шарир ва танбал номид. Таланти ягонаи ӯро гирифтанд ва ба касе доданд, ки аз они худашро ду баробар афзун карда буд. Ва хидматгоре, ки фоида наовард, бадар ронда шуд (Мат. 25:16-30).

Чуноне ки ҳамаи идоракунандагон ба кордиҳандагони худ ҳисобот медиҳанд, мо низ барои атоҳое, ки ба мо бовар карда, супорида шудаанд, ҳисобот медиҳем. Боз як калима барои ифода кардани ато - “қобилият”, ки маънояш маҳорат, нобиғагӣ, қувват мебошад. Ба таври дигар гӯем, истеъдод аст. Дар ин масал мо мисоли зиндаи онро мебинем, ки дар бораи ато, қобилият ё истеъдоде, ки Худо ба мо бовар карда супоридааст, ғамхорӣ кардан, ва такмил додани он, чӣ қадар зарур аст.

Ба Павлус хидмати омӯзгорӣ ва ҳаввория т супорида шуда буд. Ӯ гуфт: “ман бар тибқи бахшоиши файзи Худо, ки ба ҳасби амали қуввати Ӯ ба ман ато шудааст, хизматгузори он гардидаам” (Эфс. 3:7). Ба он он диққат диҳед, ки ӯ чӣ қадар ба он ҷиддӣ муносибат мекунад, ки ба атои худ вафодор бошад.

> *Зеро, агар башорат диҳам, ин барои ман сабаби фахр нест, чунки ин барои ман як кори воҷибист: вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам! Зеро, агар инро ба таври ихтиёрӣ ба ҷо оварам, мукофот мегирам; лекин агар ба таври ғайриихтиёрӣ бошад, ин як вазифаи маъмуриест, ки ба зиммаи ман гузошта шудааст” (1 Қӯр. 9:16-17).*

Павлус мегӯяд: “вой бар ҳоли ман”. Калимаи “вой” маънои қавӣ дорад. Исо ин калимаро барои он истифода мебурд, ки одамони алоҳида ва шаҳрҳои зиёдро аз доварии оянда хабардор кунад. Ӯ “вой” бар ҳоли Кӯрозин ва Байт-Сайдо гуфтааст, ва ин шаҳрҳо нобуд шуданд (Мат. 11:21-22). Ӯ “вой”

бар ҳоли китобдонон ва фарисиён (Мат. 23) ва Яҳудо (Мат. 26:24) гуфта буд.

Калимаи “вой” дар номаи Яҳудо барои тасвир кардани доварӣ бар шарирон дар калисо истифода бурда мешавад. Дар китоби Ваҳй он нисбат ба сокинони замин ҳангоми доварии Худо бар онҳо истифода бурда мешавад (Ваҳй 8:13). Калимаи “вой”-ро истифода бурда, Павлус масъулияти бузургро барои содиқ мондан ба атои Худо таъкид мекард.

Агар шахси масеҳӣ дар ато ва даъвати худ амал накунад, ӯ аз Худо меравад, чуноне ки агар мушакҳо истифода бурда нашаванд, онҳо сусту бемадор мешаванд. Имондори беамал аз дигарон канораҷӯӣ мекунад ва осон ба доми душман меафтад. Саргузашти мардон ва занони бузурги Худоро омӯхта, ман ба хулоса омадам, ки онҳое, ки афтодаанд, боре ба даъвати худ фориғболона ва хунукназарона муносибат кардаанд. Шояд, онҳо ҳатто хидматро давом медоданд, аммо хидмати онҳо бештар ба муҷассамаи зинда бо комёбиҳои солҳои пешин шабоҳат дошт. Онҳо атоҳои Худоро барои манфиатҳои худ истифода бурданд, на барои ҳимоя кардани дигарон ва хидмат ба онҳо.

Шоҳ Довуд ба гуноҳ афтод, дар ҳоле ки бояд ба ҷанг мерафт.

> *Ва баъд аз интиҳои сол, вақте ки подшоҳон берун мераванд, чунин воқеъ шуд, ки Довуд Юобро бо навкарони худ ва бо тамоми Исроил фиристод, ва онҳо банӣ-Аммӯнро зарба зада, Раббаро муҳосира карданд; вале Довуд дар Ерусалим монд (2 Под. 11:1).*

Довуд подшоҳ буд. Худо ӯро подшоҳ таъин кард, то ки ҳамчун чӯпон қавми Исроилро чӯпонӣ кунад ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намояд. Ӯ бояд ба муҳориба мерафт, на ин ки дар хона дар Ерусалим монда, аз пирӯзиҳои пешинаи худ ҳаловат мебурд. Ӯ фориғбол шуд ва аз дастовардҳои худ ифтихор мекард. Ӯ дилтанг шуда, аз тоқи хонаи худ қаламрави худро аз назар мегузаронид ва Батшобаъро, ки ғусл мекард, дида монд. Давоми воқеаро шумо медонед.

Гап дар сари он аст, ки мо дар ин ҷо на барои фароғат гузошта шудаем. Ҳатто ҳаётамон ба мо тааллуқ надорад, чунки он харида ва баъд дубора ба мо барои идора кардан дода шудааст. Мо дар ин ҷо меҳмон ҳастем, на сокинони абадӣ. Аммо бисёр одамон чунон рафтор мекунанд, ки гӯё ин дунё нуқтаи охирини сукунати онҳо бошад!

Исо гуфтааст: "Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам" (Юҳ. 4:34). Парҳезгории мо низ чунин бояд бошад. Исо медонист, ки барои бардам будан чӣ мебояд кард. Мо аз ғизои ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ қувват мегирем. Агар мо ба амал овардани иродаи Ӯро бас кунем, озуқаи Ӯро танҳо барои худамон истифода барем, он гоҳ ба мисли он ки хӯрок хӯрданро бас карда бошем, сусту бемадор мешавем. Ва беқувват шуда, пай мебарем, ки бо маҷрои ин дунё шино кардан осонтар будааст, на бар зидди он. Мо худписанд, худсито ва худхоҳ мешавем, ва танҳо ба худамон хидмат мекунем.

Мо масъулияти бузург дорем. Мо набояд ба он касоне монанд бошем, ки ҳамту ба калисо мераванд ва он чизҳоеро, ки дар он ҷо мешунаванд, барои ҳаёти худ истифода намебаранд. Чунин одамон аз Каломи Худо фақат равған мебанданд. Худо дар Ҳизқиёл 34:20 ҳушдорӣ медиҳад: "Бинобар ин Худованд Худо ба онҳо чунин мегӯяд: инак Ман Худам дар миёни гӯсфанди фарбеҳ ва гӯсфанди лоғар доварӣ хоҳам намуд".

Ин гӯсфандони фарбеҳ киҳоянд? Онҳое, ки некии Худоро барои манфиати худ истифода мебаранд, ва дигаронро сарфи назар мекунанд. Мушоҳида кунед, ки Худо гӯсфандони фарбеҳро чӣ гуна тасвир мекунад.

> *Оё барои шумо кам аст, ки бар чарогоҳи хуб чарида, бақияи чарогоҳи худро бо пойҳои худ поймол мекунед? Ва оби таҳнишиншударо нӯшида, бақияи онро бо пойҳои худ лой мекунед. Азбаски шумо бо паҳлу ва китфи худ тела медиҳед, ва бо шохҳотон ҳамаи камқувватонро мезанед, то даме ки онҳоро*

*берун бароред, пас Ман гӯсфандони Худро наҷот хоҳам дод, ва онҳо дигар ба тороҷ дода нахоҳанд шуд; ва дар миёни гӯсфанд ва гӯсфанд доварӣ хоҳам намуд (Ҳиз. 34:18, 21-22).*

Атоҳои Худо на барои фаровонии ҳаловатҳои мост. Худо моро бо некии Худ имтиҳон мекунад. Мо бояд имкониятҳои Худоро барои хидмати онҳое, ки заиф, ҷавон ё нотавон ҳастанд, истифода барем. Он гоҳ бадан дар иттиҳод комил мешавад.

Маро нодуруст нафаҳмед. Лаззат бурдан аз самараҳои меҳнати худ кори баде нест. Худо ба мо фароғату истироҳат мебахшад. Аммо вақте ки диққати мо танҳо ба худамон равона карда мешавад, мо фарбеҳ ва фориғбол мешавем. Атоҳо ва истеъдодҳое, ки танҳо барои фоидаи худамон истифода бурда мешаванд, афзун намешаванд.

Ҳар як узви бадани шумо дар назди узвҳои дигар масъулият дорад. Агар пойҳои шумо кор кардан нахоҳанд, тамоми бадан азоб мекашад. Агар шушҳо ё дили шумо бозистанд, ҳамоно узвҳои дигар ҳалок мешаванд! Агар шайтон диққати моро ба худамон муттамарказ гардонад, шуморо аз хидмат ба дигарон берун кунад, пас тамоми бадан азоб мекашад.

### *3. Ато як қисми файзи гуногуни Худо мебошад.*

Дар ин ҷо калимаи асосӣ "гуногун" аст. Петрус атоҳоро ба ду қисми асосӣ тақсим мекунад. Якум – атоҳои шифоҳӣ ё лафзӣ. Дуюм – атоҳои хидматӣ. "Касе агар сухане ба забон ронад, бигзор ҳамчун суханони Худо ба забон ронад; касе агар хизмат кунад, бигзор мувофиқи қуввате ки Худо ба вай медиҳад, хизмат кунад" (1 Пет. 4:11).

Дар идома Павлус ин ду қисмро шарҳ медиҳад. Ба ин порча аз нома ба Румиён нигоҳ кунед:

*Зеро, чунон ки дар як бадан андоми бисёре дорем, лекин на ҳамаи андомҳо айни як корро ба ҷо меоваранд, ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар*

> *Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем; ва ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст, атоҳои гуногун дорем: агар атои нубувват дошта бошӣ, ба андозаи имон нубувват кун; агар атои хизмат дошта бошӣ, бо хизматгузорӣ машғул шав; агар касе муаллим бошад, бо таълим машғул шавад; агар касе воиз бошад, бо мавъиза машғул шавад; ҳар кӣ бахшанда аст, бо саховат бахшиш диҳад; ҳар кӣ сардор аст, бо ҷидду ҷаҳд сардорӣ кунад; ҳар кӣ эҳсонкор аст, бо меҳрубонӣ некӣ кунад (Рум. 12:4-8).*

Атоҳои шифоҳӣ аз нубувват, таълим, насиҳат ва раҳбарӣ иборат мебошанд; ба атоҳои хидматӣ эҳсонкорӣ, хидмат бо вақти пурра, саховатмандӣ дохил мешаванд.

Иҷозат диҳед, ки як чизро таъкид кунам. То даме ки садоқати шумо дар хидмат ба шахсе, ки дар мавқеи хидмат бо истифодаи атоҳои шифоҳӣ, дар мақоми раҳбарӣ меистад, имтиҳон карда нашавад, ба ин мақом баромада наметавонед. Бисёр одамоне ҳастанд, ки роҳбар шуда, мавъиза кардан мехоҳанд, вале дар ҳақиқат ҳаёти худро ба хидмат набахшидаанд. Муҳим нест, ки шумо чӣ қадар боистеъдод ҳастед. Истеъдоди онҳо бар зарари худашон ва бар зарари онҳое хоҳад буд, ки дар зери парастории онҳо ҳастанд. Агар хислат дар хидмат ба дигарон ташаккул наёфта бошад, онҳо мавқеи раҳбариро барои ҳукмронӣ кардан бар одамон истифода мебаранд.

Ман мушоҳида кардаам, ки чӣ тавр ҳар ду чаправӣ аз сабаби норасоии фаҳмиш зоҳир мешуданд. Ба чаправии якум одамоне гирифторанд, ки дар бораи худ бештар аз будаш фикр мекунанд. Онҳо иштибоҳан атоҳои шифоҳиро ягона атоҳои мавҷуда ҳисоб карда, чунин мепиндоранд, ки хидмат бо вақти пурра қуллаи мурод аст, ва ба он мӯътақид нестанд, ки усули дигари хидмат ба Худо мавҷуд аст.

Ин нодуруст аст. "Лекин бадан на аз як узв, балки аз узвҳои бисёр иборат аст... Агар тамоми бадан чашм бошад, сомеа

куҷост? Агар ҳамааш сомеа бошад, шомма куҷост?” (1 Қӯр. 12:14, 17). Ҳамаи онҳо даҳон будан мехоҳанд. Аммо ҳар як узв муҳим аст. Бе хидмати мадад расонидан атоҳои шифоҳӣ маҳдуд мебошанд. Одамон бо он атоҳое амал кардан мехоҳанд, ки ба онҳо маъқул ҳастанд, на бо онҳое, ки доранд!

Ба чаправии дигар одамоне дохил мешаванд, ки ҳама гуна хидматгузорӣ, ба фикри онҳо, танҳо бо воизон ва коргарони кори башоратдиҳӣ анҷом дода мешавад. Ин гуна тарзи тафаккур баданро маслуқ мегардонад ва онро водор мекунад, ки ҳамчун шахси маъюб рафтор намояд.

Павлус мефаҳмонад: “Баръакс, он узвҳои бадан, ки ба назар заифтар менамоянд, зарууртаранд, ва дар бораи узвҳое ки наҷобаташон дар бадан ба назари мо камтар аст, бештар ғамхорӣ мекунем” (1 Қӯр. 12:22-23). Ин аҳамияти онҳоеро, ки намоён нестанд, баланд мебардорад. Худо чизҳои нонамоёнро назар ба чизҳои намоён аҳамиятноктар гардонидааст. Ту бе овоз зиндагӣ карда метавонӣ, аммо бе ҷигар ё дил наметавонӣ. Бе онҳо мо на роҳ гашта, ва на гап зада метавонаем.

Дар китоби Аъмоли ҳаввориён нишон дода шудааст, ки дар калисои аввала ба атоҳо чӣ гуна муносибат карда мешуд. Масеҳиёни  аввал мефаҳмиданд, ки хидмат ба Худо аз мавъиза, шифоӣ, озодшавӣ ва нубувват бузургтар аст. Дар боби 6-уми Аъмол гуфта мешавад, ки ба баъзе бевазанони калисои Ерусалим беэътиноӣ зоҳир мекарданд. Онҳо ба хӯрок ва дар эҳтиёҷоти ҳаррӯза ба кӯмак ниёз доштанд.

Вақте ки роҳбарон ба ин мӯҳтоҷӣ эътибор доданд, гуфтанд: “Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳулқудс ва пурҳикматро аз миёни худ интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин хизмат таъин кунем” (Аъм. 6:3). Одамонеро ёфтанд, ки ба ин талаботҳо ҷавобгӯ буданд, ва онҳоро ба назди ҳаввориён оварданд. “Инҳоро дар назди ҳаввориён ба по хезонданд, ва даст бар сарашон монда, дуо карданд. Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар Ерусалим бағоят меафзуд” (Аъм. 6:6-7).

Вақте ки ҳаввориён ба онҳо даст гузоштанд, чӣ рӯй дод? Онҳо атои хидмат пайдо карданд, ва дар натиҷа, каломи Худо интишор ёфт ва шумораи шогирдон афзуд. Далели ҳайратбахш! Мардон ба бевазанон хидмат мекунанд, ва ин ба интишор ёфтани каломи Худо ва зиёд шудани шумораи шогирдон оварда мерасонад.

Ман фикр мекунам, ки яке аз сабабҳои рушд накардан ва наафзудани калисоҳои мо он аст, ки на ҳама одамон (имондорони оддӣ ва роҳбарон) бо атоҳои худ амал мекунанд. Китоби Аъмол ҳатто нишон медиҳад, ки чӣ тавр роҳбаре, ки бо атоҳо амал мекунад, шумораи маҳдуди одамонро ба наҷот меорад, вале вақте ки тамоми калисо инони корро ба даст мегирад, натиҷаҳо чӣ қадар бештар мешаванд.

Дар айни рӯзи Пантикост, вақте ки Петрус мавъиза кард “дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд” (Аъм. 2:41, ниг. ҳамчунин ояти 47). Ҳатто вақте ки Петрус бо тадҳини шифобахш дар кӯчаҳои Ерусалим роҳ мегашт “мардону занони бисёре ба Худованд имон оварда, торафт бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд” (Аъм. 5:14).

Аммо вақте ки имондорон ҳар рӯз дар ҳар як хонавода таълим додан гирифтанд (Аъм. 5:42), он гоҳ калисо “афзудан” гирифт (Аъм. 6:7). Қадами минбаъда дар хидмат ба имондорон ғамхорӣ дар ҳаққи бевазанон буд. Баъд аз ин калисо “бағоят афзуд” (Аъм. 6:7).

Имрӯз шубонҳо аз норасоии ёрдамчиён танқисӣ мекашанд. Чӣ қадар ғамангез! Дар китоби Аъмол шумо намебинед, ки роҳбарон ба худ ёрдамчиён талаб карда бошанд. Он вақт ба хидмати мададрасонӣ ончунон ҷиддӣ муносибат мекарданд, ки ҳатто барои паҳн кардани дастархон коргаронеро меҷустанд, ки лаёқатманд бошанд. Лаёқатмандӣ дар ин маврид ба хислат дахл дошт, на ба истеъдод. Чунин шахсонро таъин мекарданд. Он вақт имондорон ба он чизҳое, ки мо имрӯз оддӣ мешуморем, чӣ қадар аҳамияти калон медоданд!

## Масъулияти содиқ будан

Чӣ рӯй медод, агар ҳама имондорон дар хидматгузорӣ мавқеи худро пайдо мекарданд? Мо шоҳиди чӣ қадар воқеаҳои аҷиб шуда метавонистем! Бедорӣ танҳо барои воизон не, балки барои тамоми бадан аст. Дар бедорӣ ҳар як шахс мавқеи худро пайдо мекунад. Дар ёд дошта бошед: ато лаёқате мебошад, ки Худо ба мо медиҳад. Мо барои он чизҳое, ки ба мо бовар накардаанд, ҷавобгӯ нестем. Пой барои чашм ҷавобгар нест. Вале ҳатто ин тавр бошад ҳам, иродаи Худо танҳо ба туфайли лаёқатҳое, ки Рӯҳ додааст, амалӣ мегардад. “На ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост” (2 Қӯр. 3:5).

Ва душман амалкарди якҷояи ин атоҳоро боздоштан мехоҳад. Ва вақте ки ӯ ба ин ноил мешавад, ӯ метавонад ба рушди мо халали ҷиддӣ расонад! Ӯ медонад, ки наметавонад Худоро ба он водор бикунад, ки атоҳоро тақсим накунад, бинобар ин ба он монеа мешавад, то ки озодиямонро барои истифода бурдани онҳо ба кор набарем. Беҷуръатӣ усули аввалини ӯ мебошад, то ки ба мо монеа эҷод бикунад.

# ФОШ КАРДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

*Боби 5*

# АТОҲОИ БЕАМАЛ

Барои чӣ ин қадар бисёре аз мо бесамар ҳастем?

Мо аллакай гуфтем, ки ҳар як имондор дорои мавқеи қудрате мебошад, ки якҷоя бо истеъдод ва атоҳои худодод меояд, ва болотар аз ҳар қуввати шайтонӣ дар Масеҳ ниҳон аст. Пас, барои чӣ ин қадар бисёре аз мо бесамар ҳастем? Барои ҷавоб ёфтан, биёед суханони Павлусро, ки ба Тимотиюс гуфта шуда буд, аз нав механем:

> *Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ (2 Тим. 1:6).*

Дар забони юнонӣ ибораи "авҷ гирондан" аназопурео мебошад, ки маънояш "аз нав даргирондан ё оташро пурра нигоҳ доштан" (Vine's dictionary) аст. Агар Павлус маҷбур шуда бошад, ки ин ҷавонмардро барои авҷ гирондани ато (харизма)

рӯҳбаланд кунад, пас, маълум мешавад, ки ато беамал буда метавонад. Ато худ аз худ кор намекунад. Ҳамчун оташ онро бояд авҷ гиронд ва такмил дод!

Ҳастанд одамони покдил ва дорои ниятҳои ҳақиқие, ки фикр мекунанд, ки агар Худо чизеро хоста бошад, он худ аз худ ба вуқӯъ меояд. Аммо ин нодуруст аст. Эдмунд Берк дар соли 1795 навишта буд: “Барои он ки бадӣ ғалаба кунад, танҳо лозим аст, ки одамони нек ҳеҷ кор накунанд”. Тимотиюс покдил буд. Ба ёд оред, ки чӣ тавр Павлус хислати ӯро болобардор карда буд? “Зеро каси дигаре мисли ӯ надорам, ки дар бораи шумо аз самими қалб ғамхорӣ мекарда бошад. Чунки ҳама нафъи худро толибанд, на он чиро, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Вале шумо бовафоии ӯро медонед” (Фил. 2:20-22). Ва ба ҳар ҳол маҳз Павлус ду маротиба Тимотиюсро огоҳ карда буд, ки ба атои Худо беэътиноӣ накунад. Вагарна ато намоён намешуд.

Инак, мо бояд ба савол ҷавоб диҳем: “Чӣ ба он оварда мерасонад, ки ато дар ҳолати хоб боқӣ мемонад?” ва “Чӣ тавр мо метавонем онро авҷ гиронем?”. Ман ба саволи дуюм дар яке аз бобҳои оянда ҷавоб медиҳам, ва ҳоло биёед аввалинашро дида мебароем. Чӣ ба он оварда мерасонад, ки ато амал намекунад?

Ҷавобро дар ояти зерин пайдо мекунем:

> *Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ. Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (2 Тим. 1:6-7).*

Ба забони юнонӣ “тарс” - дейлиа. Ин калима маънои беҷуръатӣ ё тарсончакиро ифода мекунад. Он дар Китоби Муқаддас боре ҳам бо маънои мусбӣ наомадааст (Vine’s dictionary). Бори дигар ба ояти 7 аз New International Version нигоҳ мекунем:

> *Зеро Худо ба мо рӯҳи беҷуръатиро надодааст (2 Тим. 1:7).*

Ин тарҷума “беҷуръатӣ”-ро ҳамчун калимаи мувофиқтарин дар ин оят пешниҳод кардааст. Ман низ чунин меҳисобам. Ҳамин тариқ, Павлус ба Тимотиюс мегӯяд: “Атои ту аз сабаби тарс ва беҷуръатии ту ғайрифаъол аст”. Қариб маънои калимаҳоро дигаргун накарда, мо ин оятро чунин тарҷума карда метавонем:

Тимотиюс, атои Худо дар ту аз сабаби беҷуръатӣ ғайрифаъол аст!

Имондорони беҷуръат аз иҷрои вазифаҳои худ даст кашида, дар рӯҳ қудратро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа, ато, қобилияти худодод дар онҳо, гӯё дар ҳолати хоб, ғайрифаъол, боқӣ мемонад. Гарчанде ато сокин аст, вале амал намекунад.

Вақте ки ҳамон пири калисо дар Мичиган суханони раҳбари гурӯҳи парастишро, ки маро аз ҳад зиёд бераҳм меҳисобид, ба ман расонид, ман воқеан гӯё ба кӯчаи сарбаста даромада мондам. Нохост атои Худо беқувват шуд, ва ман барои мавъиза кардан тадҳини Худоро, ки дар хидматгузориҳои пештара аён буд, ҳис намекардам. Зоҳиран, гӯё ҳаёти Худо аз ман рафта буд. Маро тарс фаро гирифт. Ман ҷасорати худро гум кардам. Ман бо одамон вохӯрдан намехостам. Барои чӣ? Чунки ҳаросон шуда, қудрати худододаро аз даст додам.

## Таърифи беҷуръатӣ

Ҳоло биёед таърифи калимаи “беҷуръатӣ” ва “ҳаросидан”-ро дида мебароем. Oxford English Dictionary (Луғати забони англисии Оксфорд) калимаи “ҳаросидан”-ро чунин шарҳ медиҳад:

1. Беҷуръат, тарсончак шудан.
2. Аз тарс илҳом гирифтан.
3. Ба тарсу ваҳм афтодан, ҳаросон шудан.

Merriam Websters Collegiate Dictionary (нашри 10-ум) “тарсидан”-ро бар тарзи зайл шарҳ медиҳад:

рӯҳафтода, афсурдахотир, маъюс, дар зери хатар будан.

Oxford English Dictionary (Луғати забони англисии Оксфорд) “беҷуръатӣ”-ро чунин шарҳ медиҳад:

1. Ҳолати тарс.
2. Оқибати таҳдидҳо ва зӯровариҳо бо мақсади маҷбур кардан барои содир намудани ягон амал ё нигоҳ доштан аз он.

Мақсади беҷуръатӣ шуморо аз амал боздоштан, рӯҳафтода кардан ва тобеъ намудан мебошад. Беҷуръатӣ шуморо бо ҳисси норасоӣ ва тарс ба доми худ даровардан мехоҳад. Шумо бошуурона ё бешуурона таслим ва тобеъ шуда, ғуломи он касе мегардед, ки шуморо саркӯб мекунад. Шумо акнун барои иҷро кардани иродаи Худо озод нестед, вале барои ба амал овардани хоҳишҳои ғосиби худ маҳкум ҳастед.

Дар натиҷа атои Худо, қобилияти рӯҳонии Ӯ амал намекунад. Шуморо аз қудрат маҳрум кардаанд, то ки бар зидди шумо ва онҳое, ки дар доираи таъсири шумо қарор гирифтаанд, истифода баранд.

Табиати беҷуръатӣ  тарс аст, ки аз душмани шумо, шайтон, бармеояд. Ӯ муаллифи ҳама гуна тарс ва беҷуръатӣ мебошад (Ҳас. 3:1-10, махсусан ояти 10). Ӯ ба мо бо воситаи афкор, тасаввурот ва рӯъёҳо ҳамла мекунад, ё шароитҳо ва одамонеро, ки дар зери таъсири ӯ ҳастанд, истифода мебарад, то ки моро тарсонад. Ба ибораи дигар, ӯ як мақсад дорад – назорат ва маҳдуд кардан.

## Оё Илёс тарсида буд?

Илёси набӣ бо қуввати бузурги Худо амал мекард. Ӯ далерона бо подшоҳи шарир, ки тарси Худоро надошт, рӯ ба рӯ шуда, эълон кард: “Дар ин солҳо шабнам ва борон нахоҳад борид, магар ки бар тибқи каломи ман” (3 Под. 17:1). Ӯ аз ин подшоҳи беимон натарсид.

Чанд соли минбаъда ӯ дар муҳити мӯъҷизаҳои фавқуттабиӣ зиндагӣ кард. Якум, зоғон ба вай хӯрок меоварданд; сипас ӯро бевазане, ки нону равғанаш дар айёми гуруснагии оммавӣ тамом намешуд, дастгирӣ кард. Писари бевазан ногаҳон мурд, ва Худо дуои Илёсро шунид ва бачаро эҳё кард. Ин шахс бо қуввати бузург хидмат мекард.

Пас аз солҳои зиёд ӯ боз ба ҳузури подшоҳ омад. Подшоҳ Илёсро барои мушкилоту азобҳое, ки бар асари хушксолӣ сар зада буд, айбдор кард, ва бо чунин суханон ба ӯ муроҷиат намуд: "Оё ту ҳастӣ, ки Исроилро ба изтироб андохтаӣ?" (3 Под. 18:17).

Илёс далерона ҷавоб дод: "Исроилро ман ба изтироб наандохтаам, балки ту ва хонадони падарат, чунки шумо аҳкоми Худовандро тарк кардед, ва ту Баалҳоро пайравӣ намудӣ" (3 Под. 18:18). Сипас ӯ ба подшоҳ фармуд, ки 850 анбиёи Баалро ҷамъ карда, онҳоро бо тамоми халқи Исроил ба кӯҳи Кармил биёрад. Дар рӯзи қувваозмоӣ тамоми Исроил ҷамъ омад, то бубинад, ки Худои ҳақиқӣ кист! Илёс далерона анбиёи Баалро ба майдон даъват кард, ва пешниҳод кард, ки онҳо ба худоёни худ қурбонӣ кунанд, ва дар айни ҳол худи ӯ ба Худованд қурбонӣ кард. "Он Худое, ки бо оташ ҷавоб гардонад, Ӯ Худо бошад" (3 Под. 18:24).

Худованд Худо бо оташ ҷавоб гардонд, ва халқи Исроил рӯйнокӣ афтода, ба Худо саҷда кард. Сипас бо фармони Илёс 850 анбиёи козиб кушта шуданд. Сипас Илёс изҳор кард, ки акнун борон хоҳад борид, сахт дуо кард ва фарёд намуд, гарчанде ҳеҷ як аломати борон ба назар намерасид. Пас аз чанд дақиқа осмон торик шуд ва борони сахт борид. Вақте ки Аҳъоб аз қаср гурехт, дасти Худо бар Илёс буд ва ӯ аз аробаи Аҳъоб пеш гузашт.

Ин танҳо як рӯзи ҳаёти Илёс буд. Тамоми халқ ба изтироб афтода буд. Шарирон маҳв карда шуданд. Хушксолии дурудароз ба охир расид. Илёс овози Худоро возеҳ шунида метавонист, чизеро, ки мешунид, иҷро мекард, ва шоҳиди мӯъҷизаҳои бузург мегардид.

## Бархӯрд бо зани подшоҳ

Аммо худи ҳамон рӯз зани Аҳъоб шунид, ки бо анбиё чӣ кор карданд, ба Илёс хабар фиристода гуфт: “худоён ба ман чунин ва зиёда аз ин бикунанд, агар фардо дар ҳамин вақт ҷони туро мисли ҷони яке аз онҳо насозам” (3 Под. 19:2). Ӯ ба Илёс дар ғазаб шуда буд, зеро инҳо анбиёи вай (зани Аҳъоб –шарҳи тарҷ.) буданд, ки паёмашро мавъиза мекарданд. Ҳоло бубинед, ки Илёс чӣ ҷавоб дод:

Ва ӯ ин хатарро дида, бархост ва барои ҳифзи ҷони худ равона шуда, ба Беэр-Шобаъ, ки дар Яҳудост, омад, ва навкари худро дар он ҷо гузошт. Ва худаш дар биёбон роҳи якрӯзаро тай намуд, ва омада, зери дарахти ратам нишаст, ва ба ҷони худ маргро хоста, гуфт: «Бас аст! Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ беҳтар нестам” (3 Под. 19:3-4).

Дар айни ҳамон як рӯз ӯ дар муҳорибаи бузург ғалаба кард, ва сипас аз хатаре, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид намуд, ба ларза омад. Ӯ essential онҷунон аз Изобал тарсид ва ошуфта шуд, ки мурдан мехост. Мақсади ин таҳдид дар он буд, ки дар иҷро кардани иродаи Худо ба Илёс монеа шавад. Изобал мехост, ки нуфузи худро дар мамлакат нигоҳ дорад, Илёсро нобуд кунад, ӯро аз роҳи худ дур намояд. Гарчанде вай набиро кушта натавонист, вале ӯро чунон тарсонид, ки вай гурехт ва ба худ марг хост, ва бо ҳамин тариқ Изобал ба мақсади худ ноил шуд. Набӣ беихтиёр аз рӯи нақшаи он зан амал кард. Агар ӯ ба асли мақсад сарфаҳм мерафт, ба ҳеҷ куҷо намегурехт.

## Нишонаҳои беҷуръатӣ

Рӯҳи беҷуръатӣ тарс, рӯҳафтодагӣ ва ошуфтаҳолиро ба бор меорад. Мақсади он шуморо водор намудан ба он аст, ки биниши ҳақиқиро гум кунед. Ҳама чиз ҳузновар, мушкил ва ҳатто ғайриимкон намудор мешавад. Агар беҷуръатӣ саривақт ҳаллу фасл карда нашавад, вай ба он оварда мерасонад, ки шумо корҳоеро ба амал меоред, ки пештар бидуни таъсири он ҳеҷ гоҳ намекардед. Ин аст мақсади таҳдид. Ман ҳолатҳоеро

дар хотир дорам, ки худи ман аз тарафи беҷуръатӣ ҳуҷум карда шуда будам, ва тасаввур карда метавонам, ки Илёс чиро ҳис мекард. Пеш аз фаҳмидани он, ки ин рӯҳ чӣ хел амал мекунад, ман дар меҳмонхона нишаста будам ва бар зидди изтироб ва ноумедӣ мубориза мебурдам. Ва мутааҷҷиб мешудам, ки худаш чӣ рӯй дода истодааст? Баъзан чунин фикрҳо ҳатто баъд аз ҷамъомади бомуваффақияти субҳгоҳӣ ба сарам меомаданд.

Ман як воқеаи мушаххасро ба ёд меорам, ки тамоми рӯз ҳеҷ кор карда наметавонистам. Ман наметавонистам ин вазниниро аз худ дур кунам. Ман дуо кардам, ва чунин ба назар мерасид, ки Худо тамоман вуҷуд надорад. Ҳамчун Илёс ман дар бораи худам, дар бораи худам, дар бораи худам фикр мекардам. Ман эҳсос мекардам, ки бесамар ҳастам, хидмати ман бефоида менамуд. Бинобар ин Илёс гуфт: "Бас аст! Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ беҳтар нестам" (3 Под. 19:4).

Дар охири ҳамон рӯзи чоранопазир Худо ба ман нишон дод, ки чӣ тавр Илёс аз Изобал ба ҳарос афтода буд. Ва, ниҳоят, ман фаҳидам, ки рафтори ман айнан он гуна буд, ки ин рӯҳи таҳдидгар ва маъюскунанда мехост. Вай мехост, ки ман аз иҷрои он коре, ки Худо маро барояш фиристода буд, даст кашам. Дар он калисо шахсоне буданд, ки дар бораи тавба ва қудсият шунидани мавъизаҳоеро, ки Худо фармуда буд, намеписандиданд. Ба наздикӣ ман решаи нишонаҳоеро, ки тамоми рӯз бо онҳо меҷангидам, ёфтам. Ин рӯҳи беҷуръатӣ буд. Ман далерона ба озодӣ баромадам ва аз тарсу ошуфтагӣ сабукӣ ҳис кардам. Ҳамон бегоҳӣ ҷамъомади мо хеле пурқувват доир шуд! Баъдтар ман чӣ тавр бо рӯҳи беҷуръатӣ мубориза бурданро мефаҳмонам. Аммо ҳоло биёед боз ба ҳаёти Илёс нигоҳ мекунем, то ки ин рӯҳро бишносем.

## "Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?"

Вақте ки Илёс ба таҳдиди Изобал муқобилат карданро рад кард, аз мавқеи қудрати худ зада бароварда шуд. Дар натиҷа

атои хидмати ӯ, ки барои тамоми миллат пешбинӣ шуда буд, пахш карда шуд, ва ӯ ба самте, ки писанди Худо набуд, равона шуд. Мутмаинам, ки вақте Илёс аз тақобул гурехт, аз даврае, ки ба он дохил шуда буд, фарқ мекард. Ӯ ба самти муқобил равона шуд, хидматгори худро тарк кард ва чил шабонарӯз ба кӯҳи Ҳӯриб раҳсипор шуд. Аввалин чизе, ки ба он ҷо расида, шунид, чунин буд:

*“Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?” (3 Под. 19:9).*

Ба худ тасаввур кунед: ӯ ба таври марговар маъюс гардидааст, пас аз чил рӯзи роҳравӣ хаста шудааст, ва умуман, дар ҳолати афсурдаҳолии комил қарор дорад. Худо бошад мепурсад: “Чаро ту аз мақоми худ гурехтӣ ва дар ин ҷо пинҳон шудӣ?”.

Шумо, шояд фикр мекунед: “Дуруст, аммо Худо фариштаи Худро фиристод-ку, ва ӯ ба Илёс ду нон дод, то ки ӯ чил шабонарӯз сафарашро давом диҳад”. Пас чаро Худо мепурсад: “Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?”. Худо медонист, ки Илёс аздусар мегурезад. Вақте ки одам дар дили худ чизеро мақсад кунад, Худо аксар вақт иҷозат медиҳад, ки он ба вуқӯъ ояд, ҳатто агар он мувофиқи иродаи Ӯ набошад ҳам.

Айни ҳамин чиз бо Билъом рӯй дода буд, вақте ки Болоқ, шоҳи мӯобиён, аз ӯ дархост кард, ки омада, Исроилро лаънат кунад. Худованд ба Билъом гуфт, ки наравад, аммо Билъом баргашт ва бори дуюм пурсид. Зоҳиран, Худо фикрашро дигар кард ва ба Билъом гуфт, ки равад.

Субҳи дигар Билъом модахари худро зин кард, то ки ба сафар барояд. Ва, чуноне ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Ва хашми Худо барои рафтани ӯ аланга зад” (Адад. 22:22). Ва фариштаи Худо барои куштани ӯ омад.

Барои чӣ Худо гуфт, ки биравад, ва вақте ки Билъом ҳамин тавр рафтор кард, Ӯ ба хашм омад? Худованд ба Билъом иҷозат дод, чунки қалби ӯро медонист. Ӯ медонист, ки Билъом аз итоаткорӣ ба Худо дида, бештар обрӯ ва пулеро, ки Болоқ пешниҳод карда буд, афзалтар медонист. Агар одам дар қалби

худ чизеро ихтиёр кунад, Худо ӯро бознамедорад, гарчанде ки ин иродаи комили Ӯ намебошад.

Ҳамин воқеа бо Илёс низ рӯй дод. Худо мехост, ки ӯ баргашта, ба Изобал муқобилат кунад, чуноне ки ба анбиёи Баал карда буд. Ин кореро, ки дар кӯҳи Кармил шурӯъ шуда буд, ба анҷом расонида метавонист. Аммо Илёс бо вай вохӯрдан нахост. Фишор ӯро дилгир кард, ӯ хост, ки аз зери он берун ояд. Худо фариштаро фиристод, то хӯрокеро, ки барои сафар ба ӯ лозим аст, ба вай дастрас кунад. Худованд омода буд, ки интизор шавад ва масъалаи беҷуръатии Илёсро баъдтар дар кӯҳи Ҳӯриб ҳаллу фасл намояд.

## Як кас барои ҳама чиз ҷавобгар аст

Коре, ки Худо ба воситаи Илёс сар карда буд, бе тақобул бо Изобал ба анҷом расида наметавонист. Вай решаи ҳамаи мушкилот буд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст:

> *“Ҳанӯз касе мисли Аҳъоб набуд, ки ӯ худро фурӯхт, то он чиро, ки дар назари Худованд бад аст, ба амал оварад, ки ба ин амал ӯро занаш Изобал барангехт” (3 Под. 21:25).*

Худо бо Илёс буд, чуноне ки дар кӯҳи Кармил бо ӯ буд. Аммо набӣ аз Изобал ҳаросон ва аз мавқеи қудрат маҳрум шуда буд. Атое, ки барои ба анҷом расонидани кор дода шуда буд, амал намекард. Ҳоло бубинед, ки Худо пас аз саволи он, ки чаро вай ба кӯҳи Ҳӯриб омад, чӣ гуфт:

> *Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Рафта, бо роҳи худ ба биёбони Димишқ баргард, ва омада, Ҳазоилро ба подшоҳӣ бар Арам тадҳин намо; ва Еҳу ибни Нимширо ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин намо, ва Элишоъ ибни Шофотро, ки аз Обил-Маҳӯло мебошад, ба набигӣ ба ҷои худат тадҳин намо. Ва ҳар кӣ аз шамшери Ҳазоил раҳо шавад, варо Еҳу хоҳад*

> *кушт; ва ҳар кӣ аз шамшери Еҳу раҳо шавад, варо Элишоъ хоҳад кушт” (3 Под. 19:15-17).*

Диққат диҳед, ки Худо ба Илёс гуфт, ки Элишоъро ба набигӣ ба ҷои худ ва Еҳуро ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин кунад. Худо ду мардро пайдо кард, ки аз Изобал намегурезанд. Онҳо таъиноти ӯро иҷро хоҳанд кард.

Вақте ки Илёс аз Изобал тарсида гурехт, кори ӯ қатъ гардонида шуд. Дар ёд дошта бошед, ки маҳз бо таъсири Изобал шарорат дар саросари Исроил паҳн шуда буд. Агар ба таъсири нодурусти роҳбар муқобилат карда нашавад ва ӯ ба интиҳои худ нарасад, пас дер ё зуд ин шарорат ба онҳое низ паҳн мешавад, ки дар зери таъсири он роҳбар ҳастанд.

Исо чунин принсипро таълим дода буд: “Ҳеҷ кас наметавонад ба хонаи шахси зӯроваре даромада, чизҳои вайро ғорат кунад, бе он ки аввал он зӯроварро бибандад, — ва пас аз он хонаи вайро ғорат мекунад” (Марқ. 3:27). “Зӯровар” - ин роҳбар. “Хона” – ин ҳудуд, ё доираи таъсири ӯ. “Чизҳои вай” – самарот, ё натиҷаи таъсир. Ҳоло, ин тафсирро истифода бурда, суханони Исоро аз нав хонед:

> *Ҳеҷ кас, ба ҳудуди роҳбар даромада, натиҷаҳои таъсири ӯро решакан карда наметавонад, то даме ки худи роҳбарро ба интиҳояш нарасонад. Ва он гоҳ ҳудуди ӯро забт мекунад (Марқ. 3:27, парафрази муаллиф).*

Шумо мегӯед: “Аҳъоб роҳбар буд, ва Илёс аз ӯ натарсид”. Ҳам дуруст аст, ва ҳам нодуруст. Аҳъоб унвони роҳбариро дошт, вале ӯ қудрати худро ба занаш супорида буд. Бинобар ин дар олами рӯҳонӣ зани вай, ки дар Исроил бутпарастиро пуштибонӣ мекард, “зӯровар” буд. Маҳз вай парастиши Баалро ба ҳама талқин мекард. Маҳз таъсири вай буд, ки тамоми қавми Исроил, ба истиснои ҳафт ҳазор одамони садоқатманд, парастиши Худои ягонаи ҳақиқиро бас карданд. Азбаски касе ошкоро ба вай зид набаромад, таъсири ӯ пойдор буд.

Ман ин гуна чизҳоро маротибаҳои бисёр дидаам. Чунин мешавад, ки касе шубон ё роҳбар аст, ва дар айни замон одамони дигар ӯро идора мекунанд ва фиреб медиҳанд. Одатан онҳо одамони наздики вай буда метавонанд. Инҳо занон, ёрдамчиён, аъзои шӯро, диаконҳо, шафоатгарон ва ғайра мебошанд. Онҳо дар паси парда хӯҷаинӣ мекунанд ва шахсеро, ки роҳбар номида шудааст, идора менамоянд.

Ин гуна ҳолат дар оилаҳо низ вомехӯранд. Волидайн аз фарзандони худ метарсанд. Шавҳарон аз занони худ меҳаросанд, ва амалан сардори оила намебошанд. Муҳим аст, ки дар гирди роҳбар маслиҳатчиён бошанд, - ҳам дар хона, ва ҳам дар хидмат. Аммо боз ҳам зарууртар он аст, ки ӯ дар мавқеи қудрати худ қоим бошад, ва атои худро хоҳ дар оила ё хоҳ дар хидматгузорӣ истифода бурда, хидмат ва ҳимоят карда тавонад.

Агар шумо хондани воқеаҳоеро, ки баъд аз фирори Илёс рӯй дод, давом диҳед, мебинед, ки коре, ки ӯ оғоз карда буд, нимкола монд. Аҳъоб истисмор кардани халқи Исроилро шарирона давом дод. Таъсири Изобал ба шавҳараш ва ба подшоҳӣ зиёд шудан гирифт. Гарчанде Илёс анбиёи козиброро сар зад ва тамоми қавм шоҳиди қуввати Худо гардида бошад ҳам, парастиши Баал аз нав барқарор карда шуд. Илёс аз Изобал гурехта, ҷасорати халқи Исроилро бо худ бурд. Аҳъоб мурд, аммо ду писараш, ки пас аз ӯ ҳукмронӣ мекарданд, қавмро аз роҳи ҳақ бароварда, боз ҳам бештар ба бутпарастӣ ғӯтониданд (3 Под. 22:51 – 4 Под. 9).

## Ду шахсе, ки қудрати худро аз даст надоданд

Инак, Илёс аз сарчашмаи ҳамаи ин фисқу фасод гурехт. Бинобар ин Худованд ба ӯ амр кард, ки ду шахсро тадҳин намояд, то бо ин зани бераҳм мубориза баранд. Дар натиҷа маҳз Еҳу Изобалро кушт (4 Под. 9:30-37). Вақте ки ӯ кӯшиш кард, то ки ӯро идора кунад, ӯ аз таҳдидаш натарсид. Пас аз муҳорибаи ягона, таъсири вай вайрон ва нобуд карда шуд (4 Под. 10).

Еҳу ва одамони ӯ ҳамаи ҳафтод писари Аҳъобро куштанд. Ӯ ҳамаи парастишкунандагони Баалро якҷо хонда, аз дами

шамшер гузаронид, ба маъбади Баал даромад ва ҳамаи лавозимоти онро оташ зад. Одамони Еҳу муҷассамаи Баалро сарнагун карданд ва маъбадашро ба хок яксон намуда, ба ахлотҷой табдил доданд. Ва ҳоло бубинед, ки Китоби Муқаддас дар бораи Еҳу чӣ мегӯяд:

*Ва Еҳу Баалро аз Исроил нест кард (4 Под. 10:28).*

Худо рӯйрост ба Илёс гуфт: “Ҳар кӣ аз шамшери Еҳу раҳо шавад, варо Элишоъ хоҳад кушт” (3 Под. 19:17). Ду шахс лозим шуданд, то коре, ки сараввал барояш Илёс фиристода шуда буд, ба анҷом расонида шавад. Худо ба Илёс гуфт, ки Элишоъро ба ҷои худ ба набигӣ тадҳин кунад, чунки Илёс мавқеи қудрати худро бо сабаби беҷуръатӣ аз даст дод. Вале Еҳу ва Элишоъ қудратеро, ки Худо ба онҳо дода буд, ба ягон нафаре аз хонаводаи Аҳъоб надоданд, аз ин рӯ ато дигар беқувват набуд, ва мамлакат аз парастиши Баал озод шуд.

Вақте ки мо меҳаросем, мавқеи худро аз даст медиҳем. Дар натиҷа атои Худо, ки барои хидмат ва ҳимоят дода шудааст, беамал мегардад. Ғайриихтиёр мо барои иҷро шудани мақсади касе мусоидат мекунем, ки ба мо таҳдид мекард.

Дар Аҳди Қадим бисёр мисолҳое ҳастанд, ки одамони Худо ба ҷои он, ки ба пеш рахна зананд, ақибнишинӣ мекарданд. Чуноне ки Павлус менависад: “Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои тарбияти мо навишта шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст” (1 Қӯр. 10:11). Ва боз дар нома ба Румиён: “Зеро ҳар он чи пештар навишта шудааст, барои омӯхтани мо навишта шудааст, то ки мо аз Навиштаҳо сабр ва тасаллӣ пайдо карда, умедвор бошем” (Рум. 15:4). Дар ин китоб ман аз Аҳди Қадим ва аз Аҳди Ҷадид боз бисёр мисолҳо меорам. Зеро бе донистани мисолҳо аз Аҳди Қадим чӣ тавр ба кор бурдани Аҳди Ҷадидро пурра фаҳмидан номумкин аст. Дар боби навбатӣ мо мебинем, ки чӣ тавр беҷуръатӣ ба кори Худо на танҳо дар ҳаёти роҳбар, балки ҳамчунин дар ҳаёти шахсоне, ки ӯ ба онҳо хидмат мекунад, монеа мешавад.

*Боби 6*

# АЗ БЕҶУРЪАТӢ ФАЛАҶШУДАГОН

Вақте ки одам ҳаросон мешавад, ӯ назар ба Худо, он чизеро бештар эҳтиром мекунад, ки аз он метарсад.

Беҷуръатӣ моро рӯҳан фалаҷ мегардонад. Он моро маҷбур мекунад, то бо чизҳое, ки аз рӯи донистани мо дуруст нестанд, созиш кунем. Он моро маҷбур мекунад, то он чизҳоеро, ки дар вазъиятҳои дигар ба онҳо муқобилат мекардем, роҳ диҳем ва тоқат кунем.

Элӣ ва писарони ӯ ба ин мисол шуда метавонанд. То даврае, ки Исроил монархия шуд, мамлакатро доварон идора мекарданд. Худо онҳоро дар лаҳзаҳои мушкили таърихӣ бармехезонд. Агар ба Китоби Муқаддаси Дейк бовар кунем, Элӣ понздаҳумин довари Исроил буд. Ӯ на танҳо довар, балки аз рӯи шумора саркоҳини ҳафтум буд. Ӯ Исроилро чил сол доварӣ кард. Ду писари ӯ Ҳофнӣ ва Финҳос низ коҳинон буданд. Аммо

биёед мебинем, ки дар давраи ҳукмронии Элӣ муҳити рӯҳонӣ дар Исроил чӣ гуна буд:

> *Ва каломи Худованд дар он айём камёфт буд, ва рӯъё ҳанӯз маъмул набуд (1 Под. 3:1).*

Каломи Худо, ки дар ин ҷо дар бораащ гап меравад, Навиштаҷоти дар коғаз сабтшуда намебошад. Исроилиҳо Таврот доштанд. Аммо дар ин оят роҳҳо ва нақшаҳои Худо дар назар дошта шудааст, ки бо илҳоми Рӯҳ гуфта мешаванд. Дар ёди қавм бошад, дар бораи айёме, ки Худо бо онҳо бевосита гап мезад, танҳо хотираҳо боқӣ монда буду халос. Ҳоло муаллифи Китоб хомӯш буд. Овози Ӯро кам дар кам мешуниданд.

Барои чӣ Худо хомӯш буд? Мо дар боби 2-юм ҷавоб меёбем:

> *Ва Элӣ бағоят пир шуда буд; ва ҳар амалеро, ки писаронаш дар ҳаққи тамоми Исроил мекарданд, мешунид, ва онро низ, ки чӣ гуна онҳо бо заноне ки назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ҷамъ мешуданд, хуфтухоб менамуданд (1 Под. 2:22).*

Ҳофнӣ ва Финҳос, писарони Элӣ, шарир буданд. Онҳо на танҳо бо занони Исроил хуфтухоб мекарданд. Онҳо он қадар аз худ рафта буданд, ки бо заноне зино мекарданд, ки барои хидмат ба маскан, яъне ба ҷое меомаданд, ки бояд ҳузури Худованд дар он сокин мешуд. Онҳо тарси Худоро надоштанд.

Шарорати онҳо фақат бо гуноҳи зинокорӣ тамом намешуд. Онҳо ҳамчунин гӯшти хомеро, ки одамон меоварданд, кашида мегирифтанд. Ин рафтор бар хилофи шариат буд ва ба шаъни ходимон ва Худованд, ки гӯшт ба онҳо тааллуқ дошт, доғ меовард. Ин ба он оварда расонид, ки қавми Исроил ба тақдиму ҳадяҳое, ки ба хонаи Худо бояд оварда мешуд, беэътиноӣ зоҳир мекардагӣ шуд. Ҳофнӣ ва Финҳос барои исроилиён сабаби васваса гардиданд. Аз сабаби рафтори онҳо қавм ба Худо дилсард шуд.

Элӣ медонист, ки писарони ӯ чӣ кор мекунанд, аммо онҳоро

аз маскан дур накард, фақат базӯр сарзаниш кард: “Чаро шумо чунин амал мекунед? Ман, охир, ин аъмоли бади шуморо аз тамоми қавм мешунавам. Чунин амал накунед, эй писаронам! Зеро овозае ки ман мешунавам, хуб нест: шумо боиси маъсияти қавми Худованд мегардед” (1 Под. 2:23-24). Писарони ӯ назар ба сарзаниши дилнохоҳам сазовори ҷазои бештар буданд. То даме ки онҳо тавба накунанд, онҳоро аз вазифаи коҳинӣ ва умуман аз маскан дур кардан лозим буд.

Набии Худо ба назди Элӣ омад ва гуфт: “Чаро шумо қурбониҳо ва ҳадияҳои ордии Маро, ки барои маскани Худ амр фармудаам, поймол мекунед? Ва чаро ту писарони худро назар ба Ман бештар мӯҳтарам медорӣ?... Зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд (1 Под. 2:29-30).

“Эҳтиром кардан” ибораи оммафаҳм буда, маънояш “ҳурмат кардан, ба назари эътибор гирифтан, болобардор кардан” мебошад. Элӣ бо писарони худ тақобул карданро нахоста, ва онҳоро тарбия накарда, нишон дод, ки онҳоро бештар аз Худованд эҳтиром мекунад. Вақте ки одам ҳаросон аст, он чиро ки аз он метарсад, бештар аз Худо эҳтиром мекунад. Новобаста ба он ки инро одам мефаҳмад ё не, ӯ ба он чиз тобеъ мешавад, ки ӯро метарсонад. Агар Элӣ ҳаросон намешуд, ӯ бо писарони худ ба таври дигар рафтор мекард.

Баъдтар Худо дар бораи Элӣ ба Самуил гуфт:

> *“Ва Ман ба ӯ хабар дода будам, ки хонадони ӯро ба сурати абадӣ доварӣ хоҳам намуд, барои он гуноҳи ӯ, ки ӯ медонист, ки писаронаш бар худ лаънат меоваранд, вале ӯ онҳоро ҷилавгирӣ накард” (1 Под. 3:13).*

Каломи Худо камёфт буд ва шарорат бемамониат авҷ мегирифт, чунки довар ва саркоҳин аз писарони худ метарсид! Ӯ мавқеи қудрати худро аз даст дода, тавони одилона доварӣ кардани Исроилро гум карда буд. Ба мақсадҳои Худо

беэътиноӣ карда мешуд. Дар ҳоле ки шарорат авҷ мегирифт, душманони Исроил дар ҳар ҷо пурқувват мешуданд. Вақте ки роҳбарон қудратро аз даст медиҳанд, ҳамаи онҳое, ки дар зери парастории онон ҳастанд, низ азоб мекашанд.

## Оё ин густохона садо медиҳад?

Мутаассифона бисёр падарон аз фарзандони худ метарсанд. Ҳамчун шубони ҷавонон, ман дидаам, ки оилаҳои масеҳӣ чӣ қадар сахт ба ёрӣ мӯҳтоҷанд. Ман дидаам, ки чӣ тавр наврасон волидайни худро таҳқир мекунанд. Онҳо бо волидайни худ бе ҳеҷ гуна эҳтиром гап мезананд. Гӯё ки волидайн онҳоро ба хашм меоранд. Ман дар шигифт мемондам, ва ин ҷавононро дар ҳузури волидайнашон ислоҳ мекардам, чунки худи волидайн чӣ кор карданашонро намедонистанд ва аз ислоҳ кардани фарзандони худ метарсиданд. Дар хонаи онҳо беҳокимиятӣ, бесарусомонии комил ҳукмфармо буд. Атоҳо ва қуввати Худо, ки барои ба тартиб овардан ва таълиму тарбияи фарзандон дода мешаванд, амал намекарданд.

Ин мушкилӣ на танҳо дар оила, балки дар калисоҳои мо низ ҷой дорад. Ман дар садҳо калисоҳо будам ва бо изтироб мушоҳида мекардам, ки чӣ қадар бисёр роҳбарон аз одамони худ метарсанд. Муҳит дар калисоҳо аз давраи Элӣ дар Исроил кам фарқ мекунад: овози Худо кам дар кам шунида мешавад.

Ин роҳбарон мавқеи қудратро аз даст додаанд, ва қуввати Худо амал карда наметавонад. Шубон дар ҳар хидматгузорӣ мавъиза мекунад, гурӯҳи парастиш месарояд, аммо ҳузури Худо хеле кам аст ё куллан мавҷуд нест.

Ходим бодиққатона мавъиза тайёр мекунад, то ки ба иззати нафси касе нарасад ё ба онҳое, ки дар беитоатӣ зиндагӣ мекунанд, зид набарояд. Ё баръакс, ба хашм меояд ва аз озурдагӣ хархаша мекунад, гӯсфандонро мезанад, ва ин корҳоро барои он мекунад, ки беҷуръатии худро аз баъзеи онҳо пинҳон кунад. Вале дар ҳамаи ин чизҳо ҳаёти рӯҳонӣ хеле кам аст ё куллан мавҷуд нест.

“Камёфт” - ин тасвири библиявии ҳузури Худо. Гоҳе дар ин ҷо, гоҳе дар он ҷо ҳаёт каме ҷӯш мезанад, аммо ҳузури Худо фаровон нест, ва каломи Ӯ озодона ҳамчун фаввораи оби ҳаётбахш ҷорӣ намешавад.

## Калисои бо ном зинда, вале дар асл мурда

Дар соли 1990 ман дар як калисои “пурраинҷилӣ” хидмат кардам. Одамон гумон мекарданд, ки онҳо зиндаанд ва якҷоя бо Худо ҳаракат мекунанд. Ман субҳи рӯзи якшанбе мавъиза кардам, ва ҳис намудам, ки гӯё суханонам баргашта ба рӯям мечаспанд. Гӯё ман ба девор мавъиза мекардам. Муҳит аз исёнкорӣ пур буд.

Ман инро ба худ тасаввур карда наметавонистам. Шубон ва ҳамсари ӯ одамони аз ҳама меҳрубонтарине буданд, ки пештар вохӯрдаам. Писари онҳо парастишро роҳнамоӣ мекард ва хеле олӣ буд. Ман то даме, ки бо онҳо барои хӯроки нисфирӯзӣ нарафтам, ҳеҷ чизро фаҳмида наметавонистам.

Шубон гуфт: “Ҷон, ман аз ту пурсидан мехоҳам. Дар калисои ман як ҷуфти оилавӣ ҳаст. Онҳо ҳарду ба ҷамъомад меоянд ва дар канори бо ҳам муқобили толор менишинанд. Ин мард дар калисо ташкилотчии калон мебошад. Ӯ бо як зани ҷавон шинос шуд, бо вай вохӯрданро сар кард, ва пас аз чанд вақт он зан ба назди вай кӯчид, ва онҳо ҳоло бо ҳам зиндагӣ мекунанд. Ман чӣ кор кунам?”

Ман бовар карда наметавонистам, ки ман бояд боз ба чунин чиз ҷавоб диҳам. Ҳайрон шуда пурсидам: “Ту онро дар назар дорӣ, ки чаро ӯро аз калисо хориҷ накардӣ?”

Не, - ҷавоб дод ӯ, - аммо ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки ҳамчун ташкилотчии калон кор карданро бас кунад.

Ман бознаистода, ба шубон ва ҳамсари ӯ як соати пурра мавъиза кардам. Ман ба онҳо нақл кардам, ки чӣ тавр Павлус бо пирони калисои Қӯринтӯс муносибат мекард. Дар он ҷо низ касе дар гуноҳ зиндагӣ мекард. Павлус ӯро мазаммат кард: “Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то

он касе ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад” (1 Қӯр. 5:2). Хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад ва хамир бармехезад. Павлус гуноҳи дидаю дониста, дағалона ва худсаронаро ба хамиртуруш монанд мекунад. Ман он шубонро огоҳ кардам: “Ту ба гуноҳ имкон дода истодаӣ, ки бемамониат дар калисо паҳн шавад. Худо зарари онро дар ҳаёти гӯсфандони дигар аз ту талаб мекунад!”. Ман давом додам: “Чӯпон гӯсфандонро на танҳо сер мекунад, балки боз ҳимоят низ. Ба ту сер кардани онҳо маъқул аст, аммо аз ҳимоя кардани онҳо метарсӣ, чунки ба ту тақобул маъқул нест. Аммо ҳам ин ва ҳам он зарур мебошад! Ту бояд ба ин шахс қатъиян муқобилият кунӣ, аммо бо муҳаббат, ва агар ӯ зуд тавба накунад, аз калисо ӯро хориҷ кун”. Агар мо ба гӯсфандон хӯрок надиҳем, онҳо аз гушнагӣ мемуранд. Агар муҳофизат накунем, онҳоро мехӯранд.

Ранги рӯи ӯ ва ҳамсараш канд. Ҳамсари шубон гуфт:

“Ман ҳатто намедонам, ки оё ман хидматро давом медиҳам ё не. Ман ҳамту одамонро дӯст доштан мехоҳам”.

Ман ҷавоб додам: “Агар шумо одамонро муҳофизат накунед, - ин хеле қулай аст, аммо муҳаббати ҳақиқӣ нест”.

Онҳо ба ҳар ҳол эътироф карданд, ки аз баъзе одамон дар калисо метарсанд. Сипас дар назди ман дилашонро кушода, дар бораи мушкилоти дигар ҳарф заданд. Маълум шуд, ки дар гурӯҳи парастиш баъзе навозандагон беҳурматона рафтор мекарданд. Ман ба онҳо нақл кардам, ки дар вақти хидматгузорӣ чӣ гуна парешонҳолиро ҳис кардам, ва танҳо акнун фаҳмидам, ки ин чӣ сабаб доштаст.

Ҳамон бегоҳӣ дар вақти мавъиза як шахс сухани маро бурид ва хост ки бо забони ғайр гап занад. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки хомӯш бошад, чунки Худо ба Худаш халал намерасонад. Вай фаҳмид ва хомӯш шуд. Аммо ҳамон замон гитаранавоз бархеста, ба сӯи ман фарёд зад: “Ба ман воизоне, ки ба кори Рӯҳулқудс имкон намедиҳанд, лозим нестанд. Ман аз ин ҷо меравам!”. Ӯ зани худро дошту ба бас-гитаранавоз хитоб кард, то ки ӯ низ бо онҳо равад. Бас-гитаранавоз, ҳамсари ӯ ва боз

як шахс бо фарёдҳо баромада рафтанд. Муҳит ноором шуд, ва ҷамъомад бошад халалдор гардид.

Ман зуд аз Рӯҳулқудс пурсидам, ки чӣ кор кунам. Ӯ гуфт: “Онҳоро дар бораи қудрат таълим деҳ”. Дар ҳоле ки ман таълим медодам, осоиштагии Худо калисоро пур кард, ва тартиб барқарор шуд.

Вақте ки ман тамом кардам, Худованд амр кард: “Ба шахсе, ки ту боздоштӣ, гӯй, ки суханеро, ки бо забони ғайр гуфтан мехост, бо тафсираш гӯяд”.

Каме дудила шуда, ман ба марде, ки пештар ислоҳ кардам, гуфтам: “Тақсир, агар шумо тавонед, ба фикрам, Худо мехоҳад, ки шумо ин паёмро ҳозир гӯед”.

Ӯ бо забонҳо сухан гуфт, ва ҳамчунин тафсир кард. Он чунин сар мешуд: “Худованд чунин мегӯяд: Ман дар ин калисо сирояти гуноҳро дидам. Ман ба ходими Худ танҳо як қисми онро нишон додам. Ба суханони ӯ диққат диҳед, зеро онҳо суханони Ман мебошанд”.

Ман аз гуноҳ ва исёнкорие, ки ба ин калисо роҳ ёфта буд, зор-зор гиря кардам. Шубон шикаст хӯрда буд. Гуноҳ паҳн мешуд, чунки роҳбарон аз онҳое, ки мутобиқи хоҳиши Худо, бояд парасториашон мекарданд, метарсиданд.

Баъдтар ман аз шунидани он хурсанд шудам, ки шубон ба он марду зан, ки якҷоя зиндагӣ мекарданд, муқобилият кард, ва онҳо ҳарду тавба карданд ва зуд аз ҳам ҷудо шуданд.

## Шубоне, ки аз коргарони худ метарсид

Боре ман дар як калисое хидмат кардам, ки дар он рӯйхат тавре тартиб дода шуда буд, ки хидматгузорӣ субҳи рӯзи якшанбе сар шуда, то бегоҳи рӯзи чоршанбе давом меёфт. Хидматгузории мо ба таври хеле олӣ, бо тавбаҳо, шифо ва озодшавиҳои ҳаққонӣ доир гардид. Калисо дар соҳаи молиёт муваффақият меёфт. Шумораи ташрифоварандагон зиёд мешуд. Аммо бегоҳии рӯзи сешанбе шубон ба гиря сар кард.

– Чӣ шуд? – пурсидам ман.

– Ҷон, ман ба ту ҳасад намебарам, ҳамту фаҳмида наметавонам, ки барои чӣ ман ҳеҷ гоҳ амали Худоро намебинам. Ман аз Рӯҳулқудс пур ҳастам, аммо ҳеҷ атое дар ман ва хидматгузориҳои ман амал намекунад. Ҳеҷ кас шифо намеёбад ва озод намешавад, ва гӯё ҳама чиз мушкил ба назар мерасад.

Он гоҳ ман ба савол додан сар кардам. Ман фаҳмидам, ки дар шӯрои калисои онҳо ду ҷуфтҳои оилавӣ буданд, ки назар ба шубон пештар аз Рӯҳулқудс пур шуда буданд. Бинобар ин онҳо ба ӯ мефармуданд, ки чӣ кор кунад ва калисоро чӣ тавр идора намояд. Ман фаҳмонидам: “Ту аз шӯрои калисо метарсӣ. Ту бояд ба қудрате, ки Худо ба ту додааст, баргардӣ, ва гӯӣ, ки на онҳо, балки ту шубон ҳастӣ”.

Рӯзи дигар ӯ бо онҳо сӯҳбат кард. Ҳар ду ҷуфти оилавӣ ба хашм омаданд ва дар натиҷа аз калисо рафтанд. Хидматгузориҳо давом меёфтанд, ва дар шоми охирин як гурӯҳ одамон барои дуо ба пеш баромаданд, аммо Худованд ба ман гуфт, ки ба онҳо набояд ман дуо кунам. Бигзор шубон дуо кунад”. Ман ба шубон нигоҳ кардам ва дар гирду атрофи ӯ қуввати Худоро дида метавонистам. “Шубон, – гуфтам ман, - Худо гуфт, ки ту ба одамон дуо гӯӣ”.

Ӯ ба байни ин гурӯҳи одамон давид, ва ҳамоно одамонро, ки ламс кард, онҳо аз таъсири қуввати Худо аз пой меафтоданд. Баъзеҳо пеш аз ламс кардани ӯ афтиданд. Қуввати Худо он қадар пурқувват буд, ки ҳатто пеш аз наздик шудани ӯ амал мекард.

Як духтаре, ки гирифтори рӯҳи палид буд, ба таври аҷоиб озод шуд. Пас аз чанд дақиқа ҳар *яке* нафаре аз ин гурӯҳ аз по афтиданд, ва Рӯҳулқудс ба онҳо хидмат мекард! Шубон рӯ оварда, ба ман нигоҳ кард, ва худаш низ ба замин афтод. Ҳамсари ӯ хидматгузориро ба анҷом расонд. Пас аз ним соат ду нафар ӯро аз замин бардоштанд. Ва калисо аз он рӯз инҷониб ҳеҷ гоҳ ба мисли пештара набуд.

## Айни ҳамон як намоишнома бо ороиши дигар

Ман шоҳиди он будам, ки ин принсип ҳаққонияти худро дар бисёр калисоҳо, ва ҳамчунин дар ҳаёти одамони алоҳида исбот мекард. Ман дар як калисо дар хориҷи кишвар хидмат кардам, ва рафтори шубонҳо ва роҳбаронро мушоҳида карда, ба таври равшан дида тавонистам, ки онҳо бо беҷуръатӣ меҷанганд. Тамоми ҳафта ман мавъиза кардам, ва онҳоро рӯҳбаланд намудам, ки дар рӯҳ қавӣ бошанд ва ба сӯи даъвати олии Худо рахна зананд. Пас аз се моҳи рафтани ман калисо се баробар калон шуд! Онҳо аз бинои худ, ки чорсад одамро меғунҷонид, ба бинои калон, ки барои ду ҳазор одам ғунҷоиш дошт, кӯчиданд. Вақте ки ман баъдтар ба ин кишвар баргашта омадам, шубон ба ман гуфт, ки калисои ӯ акнун ба давраи пештара, ки бо беҷуръатӣ ва тарс мубориза мебурданд, монанд нест.

Боре маро барои хидмати серӯза ба Атланта даъват карданд. Дар шоми охирин ман дар бораи он мавъиза кардам, ки чӣ тавр қуввати беҷуръатиро шикастан мумкин аст. Шубон ба таври аҷоиб аз тарсе, ки дар назди одамони худ дошт, озод гардид. Ӯ гуфт: “Ту бояд зуд баргардӣ ва барои як ҳафта дар ин ҷо бимонӣ”.

Ман пас аз се ҳафта баргаштам, ва мо нӯҳ хидматгузорӣ доир кардем. Қуввати Худо чунон пурзӯр буд, ки баъзе одамонро пас аз нисфи шаб бардошта мебурданд. Одамон ба шубон дар ними шаб занг зада, мепурсиданд, ки онҳо чӣ кор бояд кунанд, чунки онҳо ҳанӯз ҳам аз қувват ва ҳузури Худо саршор буданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ надида буданд, ки Худо бо чунин қуввати бузург амал карда бошад.

Баъд аз ин дар ҳамон калисо дар тӯли нӯҳ моҳ дар рӯзҳои истироҳат ҷамъомади бедорӣ доир мешуд. Шубон ба ман занг зада, нақл мекард, ки хидматгузориҳо дар калисо чӣ қадар пурқувват буданд ва дар ҳаёти аъзои он чӣ гуна корҳои бузург ба амал меомаданд. Ӯ гуфт, ки ҳеҷ як хидматгузорӣ ба дигараш монанд набуд. Шумораи имондорони калисои онҳо аз чорсад нафар ба ҳафтсад нафар расид. Ҳангоми сӯҳбат ӯ гуфт,

ки маҳз ҳамон бегоҳӣ, вақте ки ман дар бораи нобуд кардани беҷуръатӣ мавъиза кардам, барои ҳаёт ва хидматгузории ӯ лаҳзаи ҳалкунанда гардид.

Ман ҳамчунин дар як калисои “имони зинда” будам. Ҳамду сано шуморо ба хоб бурда метавонист. Шубон бархост, эълон кард, ва сипас дар бораи ушру ионат “таълим” дод. Ман то ин дараҷа ҳеҷ гоҳ дилгир нашуда будам. Вақте ки баъд аз хидматгузорӣ мо хӯрок мехӯрдем, ӯ танҳо дар бораи футбол ё чизҳои дигари камаҳамият гап мезад. Гуфтан лозим ҳам набуд, ки ин вақти дилгиркунанда буд!

Шоми дигар Худо маро водор кард, ки дар бораи мағлуб кардани беҷуръатӣ мавъиза кунам. Ҳангоми мавъиза шубон ба замин афтод, ва барои сустие, ки дар хидмат ва ҳаёти худ роҳ медод, тавба кард. Ман медонистам, ки Худо дар ҳаёти ӯ кори Худро ба амал меорад, вале намедонистам, ки маҳз чӣ тавр.

Рӯзи дигар ӯ занг зад: “Ҷон, ҳамсари ман фақат як соат хоб кард, ман бошам, тамоман хоб накардам! – хабар дод ӯ. – Мо тамоми шаб тавба ва гиря кардем, ва баъд хандидем. Сипас боз ҳамааш аз нав шурӯъ шуд: тавба, гиря ва ханда кардем”. Ҳамон рӯз ӯ шӯрои калисоро ҷамъ овард ва тавба кард ва аз онҳо бахшиш пурсид, ки ӯ он гуна роҳбаре набуд, ки Худо ӯро даъват намуда буд. Дар натиҷа якчанд аъзои шӯро аз калисо рафтанд, зеро фаҳмиданд, ки дигар шубонро дар зери назорати худ дошта наметавонанд. Вале дигарон ба ӯ ҳамроҳ шуданд ва рушди рӯҳониро дастгирӣ карданд.

На калисо, на ҳамон одам акнун ба монанди пештара набуданд. Ҳоло, пас аз чор сол ҳамду сано зинда шуд. Дар давоми ду соли охир ҳар рӯзҳои истироҳат онҳо хидматгузории бедоршавӣ мегузаронидаанд. Вақте ки шубон ба ман занг мезанад, ӯ танҳо дар бораи он гап мезанад, ки Худо ба воситаи вай чӣ мегӯяд ва дар калисо чӣ рӯй дода истодааст. Ман чанд маротиба ба он ҷо баргаштам, ва ҳар дафъа ҳолати он ҷо беҳтару беҳтар мешуд. Ӯ низ чанд маротиба ба ман гуфт, ки ҳамон мавъиза барои ҳаёт ва хидматгузории ӯ оғозбахши дигаргуниҳо

гардид. Озодшавӣ на танҳо барои шубонҳо ва роҳбарон, балки барои ҳар як имондор зарур аст. Мо аз одамони оддӣ бисёр шаҳодатҳо шунидем, - онҳо аз асорати беҷуръатӣ ва тарсончакӣ раҳо шуда, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт озодӣ пайдо мекарданд.

Як зан ба хидматгузорие омад, ки ман дар он ҷо дар бораи озодӣ аз беҷуръатӣ мавъиза мекардам. Баъд аз хидматгузорӣ он зан гуфт, ки эҳсос кард, ки чӣ тавр азоби тарс аз ӯ дур шуд. Пас аз чанд рӯз вай ва духтараш дар роҳ ба duздон дучор шуданд. Ғоратгарон бо туфанг таҳдид карда, ҳамёни ӯро гирифтанд ва ҳамоно се ҷавон ӯро иҳота карданд.

Далерии бузург аз даруни он зан бедор шуд, ва ӯ бо тамоми қувват бо забони ғайр ба сухангӯӣ сар кард. Ҷавоне, ки туфанги худро ба вай нигаронида буд, дод зад: “Бас кун”. Вай давом медод. Ҷавон ончунон безобита шуд, ки духтараш тавонист ба хона гурехта, ба 911 занг занад. Ҷавон танҳо ҳамёнро гирифта, аз назар ғоиб шуд.

Рӯзи дигар як шахси масеҳӣ хост, ки ба хонаи модари худ на бо он роҳе равад, ки одатан мерафт. Ӯ ҳамёни ҳамон занро дар беша ёфт ва занг зад. Онҳо бо ҳам шодӣ карданд. Танҳо миқдори ками пул набуд, аммо ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар ҷояш буданд.

Ҳамон зан баъдтар ба ҳамсари ман гуфт, ки ба паёме, ки далерӣ меорад, бовар кард. Ва ин ӯро наҷот дод. Дар гузашта ӯ хеле тарсону ҳаросон мешуд, ва агар вай пештар ба ин гуна ҳолат дучор мешуд, аниқ тарс вайро пахш мекард. Вале акнун вай аз озодие, ки пайдо карда буд, сахт шодӣ мекард!

Ман барои ин шаҳодатҳо Худоро ҷалол медиҳам. Ман низ дар банди беҷуръатӣ будам, аммо бо файзи Ӯ ҳоло озодам. Хирад ва қуввате, ки ба асирон озодӣ мебахшад, аз Ӯ омаданд.

Мо дида баромадем, ки тарс ва беҷуръатӣ чӣ аст, ва фаҳмидем, ки онҳо метавонанд ба амалкарди атоҳо ва қуввати Худо монеа шаванд, ва дар аксар ҳолатҳо онҳоро боздоранд. Аммо мақсади мо фақат фаҳмиш нест. Мо бояд ба пеш ҳаракат карда, ин завлонаи марговарро пора кунем!

*Боби 7*

# РӮҲИ БЕҶУРЪАТӢ

Муқовимати рӯҳонӣ муносибати рӯҳониро талаб мекунад.

Барои фош кардани беҷуръатӣ ва мубориза бурдан бо он, мо бояд дар ду чиз мутмаин бошем. Аввал, тарс, ё беҷуръатӣ ин рӯҳ аст, ва дуюм, он аз Худо нест.

> *Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро додааст (2 Тим. 1:7).*

Дар забони юнонӣ "рӯҳ" пневма аст. Тибқи луғати Стронг ин ҳамон калимаест, ки барои ифодаи Рӯҳулқудс, рӯҳи одам ва рӯҳи шайтонӣ истифода бурда мешавад. Беҷуръатӣ, тарснокӣ, буздилӣ на танҳо муносибат ё хӯ аст. Он рӯҳ мебошад.

Азбаски беҷуръатӣ рӯҳ аст, мо бо он дар сатҳи ақлу ирода мубориза бурда наметавонем. Тафаккури мусбӣ беҷуръатиро мағлуб карда наметавонад. Муқовимати рӯҳонӣ муносибати рӯҳониро талаб мекунад. Мо бояд дар сатҳи рӯҳ амал кунем.

Худатон фикр кунед: барои чӣ одамони бомаърифат ва ҷисман қавӣ аксар вақт бо таҳдиде, ки аз тарафи одамони назар ба онҳо аз ҷиҳати ақлонӣ ва ҷисмонӣ сусттар бармеояд, мубориза мебаранд? Ҳатто агар ҳама чиз хуб бошад ҳам, онҳо доимо метарсанд, ки вазъиятҳо метавонанд ба бадӣ мубаддал шаванд. Онҳо аз ҳодисае, ки ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳад, ноором шуда ва аз он худро ҳимоя кардан хоста, тамоми вақт ва нерӯи худро сарф мекунанд. Онҳо аз чизҳои ҳозира лаззат бурда наметавонанд, чунки аз оянда метарсанд. Ва бо вуҷуди он ки ту онҳоро барои ба кор бурдани ақли солим даъват мекунӣ, тарс аздусар боқӣ мемонад. Онҳо бо рӯҳи тарс ва беҷуръатӣ баста шудаанд. Онҳо бояд на бо сустиҳои табиӣ, балки рӯҳонӣ ҷанг кунанд.

Мард ё занеро ба худ тасаввур кунед, ки, зоҳиран, ҳама корро тибқи хоҳиши худ ба ҷо меоранд. Муҳим нест, ки мақом ва маълумоти онҳо чӣ гуна аст. Шояд, онҳо дорои ягон мавқеи қудрат нестанд, аммо ҳама атрофиён ба онҳо таслим мешаванд ва гузашт мекунанд. Барои чӣ? Ин хеле оддӣ аст. Онҳо дигаронро бо воситаи рӯҳи тарс ва таҳдид идора мекунанд. Онҳо ба нафъи худ истифода бурдани онро ёд гирифтаанд.

Ман бо як ҷаноб, соҳиби тиҷорати рушдкунанда, наҳорӣ кардам. Ӯ ба ман нақл кард, ки пеш аз қабул кардани наҷот чӣ тавр зиндагӣ ва рафтор мекард. Ӯ гуфт: “Ман одамонро ба тарс афканда, ҳар чизеро, ки барои тиҷоратам зарур буд, ба даст меовардам. Вақте ки ман ба бинои шаҳрдорӣ ворид мешудам, ин қувватро дар худ айнан ҳис мекардам. Ба ман маъқул буд, ки одамон аз ман метарсанд. Ман ҳатто ҳар чизи заруриро аз шӯрои шаҳрдорӣ ба даст меовардам”. Ӯ дорои ин рӯҳи тарс ва таҳдид буд.

Ҳатто роҳбарони шаҳр, бо вуҷуди соҳиби мақоми баланд будан, барои муқовимат кардан ба ӯ ҷуръат намекарданд.

## Рӯҳи назораткунанда

Илёс аз халқи Исроил, ки ба Баал саҷда мекард, натарсид. Чӣ қадар далерии ҳайратбахш, - як шахс ба тамоми халқ муқобил баромад! Ӯро ҳатто 850 анбиёи козиб саркӯб карда

натавонистанд. Чӣ қадар ҷуръати бузург, - як набӣ ба ҳазорҳо пешвоёни дин зид баромад! Ниҳоятан, ӯ ҳатто ба ғазаби подшоҳ аҳамият надод. Аксар одамон ба чунин вазъият тоб оварда наметавонистанд. Аммо ӯ аз як зан он қадар тарсид, ки гурехт ва ба худ марг талаб кард! Бемаъно.

Равоншиносон гуфта метавонистанд, ки ӯ ҳамту аз занҳо метарсид. Аммо ин далели суст аст. Халқи Исроил на танҳо аз мардон иборат буд! На, ин он қадар мухолифати қавии рӯҳонӣ буд, ки тамоми халқ, подшоҳ ва анбиёи козиб дар муқоиса бо ӯ дар ҳарос буданд. Илёс дар симои Изобал ба рӯҳи назораткунандаи қавии тарс ва беҷуръатӣ дучор шуд. Подшоҳ ва анбиёи козиб чунин рӯҳ надоштанд.

Биёед маълум мекунем, ки Навиштаҷот дар бораи табиати ин рӯҳ чӣ мегӯяд. Ба мубодилаи афкор, ки дар байни Еҳу ва писари Изобал Йӯром рӯй дод, нигоҳ кунед.

Ва ҳангоме ки Йӯром Еҳуро дид, гуфт: «Эй Еҳу, оё саломатист?» Ва ӯ гуфт: «Чӣ гуна саломатӣ хоҳад буд, дар сурате ки зинокориҳои модарат Изобал ва ҷодугариҳои вай ин қадар бисёр аст?” (4 Под. 9:22).

Ба калимаи “ҷодугарӣ” пешпо нахӯред. Пиразани бо ҷорӯб парвозкунанда, афсунгар ва заҳрпошандаеро бо озах дар бинӣ ба худ тасаввур карда, хато накунед. Вақте ки одам дигаронро ба зери назорати худ гирифтан хоҳад, сеҳру ҷоду мекунад. Бале, чунин шаклҳои назорат ва ҷодугарӣ ҳастанд, ки рӯҳҳои шайтониро даъват мекунанд. Аммо ҷодугарӣ бо ҳамин маҳдуд намешавад. Павлус калисои ғалотиёнро сарзаниш карда, гуфта буд: “Эй ғалотиёни нофаҳм! Кӣ шуморо ба васваса андохт, ки аз ростӣ сар тобед?” (Ғал. 3:1). Онҳо бо ягон дору ё гиёҳ сеҳру ҷоду карда нашуда буданд. Павлус муаллимонеро зикр менамояд, ки ғалотиёнро дар робита ба он чизе, ки Худо барояшон ошкор карда буд, ба беитоатӣ кардан ба Ӯ талқин мекарданд. Ин муаллимон устодони амалҳои симиёвӣ набуданд, аммо онҳо рӯҳи назораткунанда доштанд. Ва ин ба тамоми калисо таъсир мерасонид.

Изобал ончунон рӯҳи қавии назораткунанда ва ваҳмангез дошт, ки ҳам подшоҳ, ҳам пешвоён, ва ҳам тамоми халқи Исроил ба вай тобеъ шуда буданд. Ҳатто Илёс аз вай тарсида, барои халос кардани ҷони худ рӯ ба гурез ниҳод. Вақте ки шумо тарсро ба қалби худ роҳ медиҳед, оромӣ, эътимод, далерӣ, устуворӣ, ҷасорат, бебокӣ ва бехатариро гум мекунед. Рӯйхатро давом додан мумкин аст.

Ман мушоҳида кардаам, ки чӣ тавр одамон худашон бо ёрии тафаккури мусбӣ аз тарси пуразоб раҳо шудан мехоҳанд. Онҳо комёб намешаванд, чунки онҳо бо оқибатҳои тарс меҷанганд, на бо решаи он. Шумо метавонед аз дарахт меваҳоро ҷамъоварӣ кунед, вале онҳо боз пайдо мешаванд. То даме ки решаҳои дарахт пурқувват ҳастанд, он мева меорад. Бинобар ин барои шикастани қувваи беҷуръатӣ, шумо бояд бо қувваи рӯҳоние, ки дар пушти он меистад, мубориза баред.

## Назорат ва рӯҳи ваҳмангез дар калисо

Дар калисоҳои мо одамоне ҳастанд, ки қалбашон ба Худованд рост нест. Ин гуна имондорон роҳбаронро метарсонанд, то ки аз онҳо чизи дилхоҳашонро ба даст оранд. Онҳо танҳо ҳамон вақт итоат мекунанд, ки ҳама чиз мувофиқи табъи дили онҳо бошад. Вақте ки роҳбарон суст ҳастанд, маҳз чунин шахсон калисоро идора мекунанд. Ман ба калисоҳо сафар мекунам ва аксар вақт бо тарсу беҷуръатӣ рӯ ба рӯ мешавам, ва ҳатто баъзан намедонам, ки чаро ба ман лозим мешавад, то бо он мубориза барам ва он аз куҷо пайдо мешавад. Сабаб дар он аст, ки тарс ва беҷуръатӣ рӯҳе аст, ки ба воситаи одамони ба ӯ таслимшаванда зоҳир мешавад. Китоби Муқаддас имондоронро ҳушдор месозад, ки ба шайтон ҷой надиҳанд (Эфс. 4:27).

Ман бояд баъзе воқеаҳои аз сар гузаронидаамро нақл кунам. Бо ин корам, худро ба зери хавфи он мегузорам, ки тамғаи “суперрӯҳонӣ” ё “сайёди девҳо”-ро гирам. Ман медонам, ки баъзе шахсон дар ҳар як мушкилие, ки дучор мешаванд, шайтонро меҷӯянд: агар мо айбро ба гардани

шайтон бор кунем, пас худамон барои амалҳои худ ҷавобгар намешавем. Ин гуна муносибат диққати моро на ба Исо, балки бештар ба шайтон равона мекунад. Аммо Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки ба Исо нигоҳ кунем, на ба шайтон. Ӯ сарвар ва комилкунандаи имони мо мебошад (Ибр. 12:2).

Он қадаре ки медонам, мо бояд нигоҳамонро ба Исо равона карда, зиндагӣ кунем. Ва агар шайтон дар сари роҳи мо пайдо шавад, пас вайро бо Каломи Худо саркӯб карда, роҳамонро ба сӯи Худо давом диҳем! Ҳаллелуёҳ! Аммо барои бомуваффақият паси сар кардани беҷуръатӣ ва тарс, мо бояд фаҳмем, ки то ин рӯҳ фош нашавад, намеравад. Айнан баръакси он рӯй медиҳад.

## Ҳамла

Ман ҳоло дар бораи яке аз ҳолатҳо нақл мекунам, ки беҷуръатӣ ва тарс рӯҳ аст. Ман дар Ҷануб дар яке аз калисоҳо пайиҳам якчанд хидматгузорӣ доир кардам. Ҷамъомади аввалин субҳи рӯзи якшанбе баргузор шуд ва хеле пурқувват гузашт. Дар давоми чандин сол мо сабти ин хидматгузориро дар барориши кассетаҳоямон истифода бурдем. Пас аз хидматгузорӣ ҳеҷ кас сухани бимнок ё манфие нагуфт. Ва дар асл ҳам, одамони атрофи ман кайфияти мусбӣ доштанд. Вале баъдтар, тақрибан дар нисфирӯзӣ, ман мушоҳида кардам, ки бо ноумедӣ ва тарс ҷанг мекунам. Ман медонистам, ки чизе нодуруст буд, аммо намедонистам, ки он чӣ аст. Вале ман нишонаҳоро фаҳмидам: онҳо чунон буданд, ки ҳангоми бар зидди беҷуръатӣ ҷанг карданам намудор мешуданд. Ҳамон бегоҳӣ Худованд маро водор кард, ки дар бораи қудрат дар калисо мавъиза кунам, ва бисёриҳо баракат гирифтанд.

Пас аз хидматгузорӣ шубон маро ба утоқи корӣ кашида бурд. "Ту ҳатто намедонӣ, ки ту чӣ тавр ҳадафи мавъизаи худро аниқ ба нишон гирифтӣ", - гуфт ӯ. Ӯ ба сухани худ идома дод ва нақл кард, ки як зан, узви калисо, дар нисфирӯзӣ ба ӯ занг зад ва гуфт: "Шубон, ман медонам, ки шумо бо мавъизае, ки ин одам мекунад, розӣ нестед. Ӯ нисбат ба одамон хеле бераҳм аст. Ман

медонам, ки пас аз шоми имрӯза шумо хидматгузориро қатъ мегардонед, чунки шумо ба ӯ монанд нестед. Ман бегоҳирӯзӣ намеоям, ман дар хона мемонам ва бар зидди он шахс дуо мекунам”.

Акнун ман аниқ медонистам, ки ин маъюсӣ аз куҷо омад. Ман аз шубон пурсидам, ки оё ӯ он занро ислоҳ кард ё не. Шубон одами хеле меҳрубон аст, ва гуфт, ки ӯ ин корро накард. Ӯ дархост кард, ки ҳама чизро ба дасти Худо супорад. Агар шубон он занро ислоҳ мекард ва дар қудрати худ мемонд, боварӣ дорам, ки бароям ҳамон рӯз дигар хел мебуд. Он чизе, ки мо бар зиддаш ҷанг намекунем, дигаргун намешавад. Агар ба бадӣ эътибор надиҳӣ, он қавитар мешавад! Мо ҳар ду аз ин ҳодиса сабақ гирифтем. Худо ин азсаргузарониро истифода бурд, то ки чӣ тавр дар мавқеи қудрати рӯҳонии худ монданро ёд гирем ва дар назди рӯҳи тарс ва беҷуръатӣ зону назанем.

Ҷалол ба Худо барои Рӯҳулқудс. Ӯ медонист, ки чӣ рӯй дода истодааст, ва маро водор кард, ки рост дар сари минбар бар зидди ин рӯҳ бароям, гарчанде ман худ намедонистам, ки чӣ шуда истодааст. Шубон медонист, ва мавъиза чашмони ӯро боз кард. Ин хидматгузориҳо ҳамон сол хидматгузориҳои пурқувваттарини ман гардиданд. Ман ба ин калисо боз ташриф овардам, ва бо шубон мо дӯстони хуб шудем.

## Боз як задухӯрд бо беҷуръатӣ: рӯҳи назораткунанда

Дафъаи дигар аз ман хоҳиш карданд, ки дар як семинар дар хориҷа, ки тақрибан ҳазор нафар барои иштирок ба қайд гирифта шуда буданд, мавъиза кунам. Рӯзона ду бор ва як бори дигар дар бегоҳирӯзӣ ҷамъомадҳо доир мешуданд. Ду ҷамъомади аввал хеле пурқувват буданд. Ман дар бораи қудсият ва тавба мавъиза кардам, ва қариб дар муҳити ҳар ҷамъомад муқовимат ҳис мекардам. Баъд аз хидматгузории дуюм ман бо вазнинӣ ва ноумедӣ мубориза бурда, тамоми рӯзро дар ҳуҷраи худ гузаронидам. Ман медонистам, ки ин

рӯҳи ваҳмангези назораткунанда буд, аммо боз касе бар зидди ман ҳеҷ сухане намегуфт. Вале дар он лаҳза ман аллакай мефаҳмидам, ки бо ҷисм ва хун намеҷангам, балки бо рӯҳи шарир.

Имондорон бояд дар рӯҳ зиндагӣ карданро ёд гиранд. Рӯҳи Худо ошкор мекунад, ки бар зидди чӣ мебояд ҷанг кард. Бе ин гуна ташхис мо бештар ба падидаҳои атроф аҳамият медиҳем. Агар ман мефаҳмидам, ки бо чӣ бояд сарукор дошта бошам, ба андеша сар мекардам: “Барои чӣ ин ман бо ошуфтаҳолӣ мубориза мебарам? Оё умуман ба ман лозим аст, ки ба ин ҷо сафар кунам? Барои чӣ ман зану фарзандамро гузошта, ба ин ҷо омадам? Шояд, ман даъвати худро аз даст дода бошам? Шояд, ба сафарҳо баромадан ва мавъиза карданро бас кунам?” Агар ман ин гуна фикрҳоро пайравӣ мекардам, ба хидмат кардан қобил намебудам, ва рӯҳи ваҳмангези назораткунанда маҳз ҳамин чизро мехост. Ман дар он ҳол тамоми диққатамро ба худ равона мекардам, на ба он ки Худо ба одамон чӣ додан мехост.

Инак, ман тамоми рӯз ҷанг кардам. Вақте ки барои ба хидматгузорӣ бурдани ман омаданд, дар сӯҳбат бо тарҷумон ёдрас кардам, ки ман тамоми рӯз бо беҷуръатӣ мубориза бурдам. Тарҷумон гуфт: “Ман низ!”. Маълум шуд, ки ҳар дуи мо бо нишонаҳои якхела мубориза бурдаем. Ҳамон бегоҳӣ ман дар бораи рӯҳи беҷуръатӣ ва тарс мавъиза кардам, ва бисёриҳо озод шуданд.

Субҳи дигар, вақте ки ман дар сари минбар меистодам, ягон хел тадҳин ҳис намекардам. Чунин менамуд, ки Худо хомӯш аст. Ба сухани Худо интизор шуда, ман дар саҳна чанд дақиқа истодам. Ман дуо кардам ва аз одамон хоҳиш кардам, ки дуо кунанд, вале аздусар на тадҳин буду на роҳнамоӣ, на таассуроте, ки умуман чӣ мебояд кард. Ман дар умқи дили худ мефаҳмидам, ки дар ким-кадом муҳорибае иштирок карда истодаам ва ин ҳамла бар зидди ман равона карда шудааст. Ман медонистам, ки бояд суханонеро, ки бар зидди ман гуфта шудааст, бишканам. Каломи Худо мегӯяд:

> *Ҳар олате ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт; ва ҳар забонеро, ки бар зидди ту ба мурофиа бархезад, айбдор хоҳӣ кард. Ин аст насибаи бандагони Худованд, ва сафед кардани онҳо аз ҷониби Ман аст, — мегӯяд Худованд (Иш. 54:17).*

Ман барҳам задани ин ҳамлаи беҷуръатӣ ва таҳлукаангезро сар кардам. Ман ба зидди ҳар сухане, ки маро маҳкум мекард, амр кардам. Ман парвое надоштам, ки одамон дар ҳаққи ман чӣ мегӯянд. Ман аллакай омӯзонида шуда будам, ки вақте Рӯҳулқудс гап мезанад, беҳтар аз ҳама ба қалби худ гӯш додан зарур аст. Зуд Каломи Худо ҳамчун гулӯла аз тӯп ба ман нозил шуд. Худо ба ман возеҳ фаҳмонид, ки одамон чӣ кор бояд кунанд. Пас аз ду-се дақиқа қуввати Худо айнан фурӯ рехт. Одамон чунон аз рӯҳ пур шуданд, ки беихтиёр ба хандидан сар карданд. Амали Рӯҳи Худо чунон қавӣ буд, ки ман қариб мавъиза ҳам накардам. Ҳатто то соати се одамоне буданд, ки намерафтанд, ва онҳо шаҳодат медоданд. Рахнаи бузурге ба амал омад, ва қалби ман шодӣ мекард. Агар ман ба он рӯҳ муқобил намебаромадам, ҳеҷ чизе рӯй намедод.

Баъдтар ман аз тарҷумон шунидам, ки дар хидматгузорӣ як зан-ходимае буд, ва вақте ки рӯйхати ҷамъомад тартиб дода мешуд, вай ба назди роҳбар омада, гуфт: “Барои чӣ дар ҳама хидматгузориҳо одамон бояд танҳо Ҷон Биверро гӯш кунанд? Ба мо ходимон-воизони дигар низ лозиманд”. Худи ӯ баромад кардан мехост.

Ман дар бораи ин зан мулоҳизаҳои дигари аҷиберо шунидам. Ӯ усулҳои ғайрибиблиявии озодкуниро ба кор мебурд: доруҳои обакиеро, ки ба чашм мечаконанд, истифода мебурд, ба пӯст шароб мемолид. Ва ҳеҷ кас ӯро мазаммат намекард. Ҳатто роҳбар феълан ба ӯ иҷозат медод, ки бо ин тарз ба таври маҳдуд хидмат ҳам кунад. Иқрор шудан аламовар аст, аммо роҳбарони калисо аксар вақт назар ба тақобул бештар ба созишкорӣ дода мешаванд, - онҳо фикр мекунанд, ки ин тавр

қулайтар мешавад. Аммо созишкорӣ ҳеҷ гоҳ сабукӣ намедиҳад, - оқибаташ гаронтар мешавад.

Баъд аз ҷамъомад ман бо роҳбар гап задам. Ман пурсидам, ки оё ин қиссаҳо дар бораи он зан рост аст. Ӯ тасдиқ кард. Ман тахминҳои пешакии худро дар бораи он, ки он зан интихоби воизонро аллакай баъди муайян кардани самти Худо аз тарафи роҳбар зери савол гузошт, нақл кардам. Ман гуфтам, ки, мусалламан, он зан ӯро ба зери назорати худ гирифтан мехоҳад. (Вай на роҳбар ва на узви ин калисо буд.)

Ман пурсидам: “Барои чӣ ту ба он зан имкон медиҳӣ, ки дар ин ҷо хидматгузорӣ доир кунад?”

Ӯ гуфт: “Ҷон, ман ба вай гуфтам, ки дар ин ҷо ба ин гуна корҳо машғул шудан мумкин нест”.

Ман фаҳмонидам: “Ту чунин усулҳои ғайрибиблиявиро манъ карда метавонӣ, аммо рӯҳе, ки дар пушти он меистад, аздусар амал мекунад. Ҳолати қалби ӯ дигар нашудааст. Ту ҳамчун роҳбар мехостӣ, ки осоиштагиро нигоҳ дорӣ ва аз ин рӯ ин шахсро, ки рӯҳи тарс ва беҷуръатӣ дорад, ба мавқеи қудрат ва хидмат гузоштӣ. Ин ба рӯҳи беҷуръатӣ ва тарс ҳаққи қонунӣ дод, ки бар зидди ман ва ҳар гуна одаме, ки бо хоҳиши ин рӯҳ розӣ нест, ҷанг кунад”.

Барои он ки шубон возеҳтар бубинад, ки чӣ рӯй дода истодааст, ман воқеаеро аз ҳаёти худ ба вай нақл кардам. Дар як шоми махсус (он вақт ман дар коллеҷ ҳамчун шубон хидмат мекардам), мо ба парастиши қавӣ ворид шудем. Аз чашми бисёр ҷавонон ашк ҷорӣ мешуд. Оромӣ ва ҳузури Худо хонаро пур карданд. Мо тақрибан чил дақиқа парастиш кардем. Дар як лаҳза ҳама хомӯш шуданд, ва танҳо баъзеҳо гиря мекарданд.

Ва ногаҳон ҷавоне, ки ӯро пештар ҳеҷ гоҳ надида будам, бо забони ғайр ба сухан гуфтан сар кард. Дар ҳоле ки ӯ гап мезад, ҳиссиёти ташвишнокӣ ва номафҳумии чизи рӯйдодаистода хонаро пур кард. Сипас ҷавондухтаре, ки дар паҳлӯи ӯ меистоду ман вайро ҳеҷ гоҳ пештар надида будам, бо ким-кадом тафсири ғалатӣ ҳарф зад.

То ин дам ман дар вақти парастиш аз ҳузури Худо лаззат мебурдам, ва аз ин рӯ дар ғафлат монда, ҳеҷ чиз нагуфтам.

Вақте ки ҷавондухтар суханашро ба охир расонид, муҳит аллакай дигар буд. Ҳузури Худо тамоман гум шуд. Ман ба ин қарор омадам, ки барои чизе гуфтан хеле дер шудааст. Ҳама чиз аллакай вайрон шуда буд. Бинобар ин ман аз ҳама дархост кардам, ки бинишинанд, баъзе эълонҳоро ба самъи ҳама расонидам ва ионатҳоро ҷамъоварӣ кардам. Ва сипас ба мавъиза кардан шурӯъ намудам.

Дар вақти мавъиза ман ҳамеша фикр мекардам: “Ҳаёт дар куҷост? Ҳамааш ба куҷо меравад? Барои чӣ ман ҳамаи ин чизҳоро мегӯям?” Барои мавъиза ҳеҷ гуна тадҳине мавҷуд набуд, ва ман ҳис кардам, ки гӯё чизе бо ман ҷанг мекунад. Ман намефаҳмидам, ки чаро атои Худо амал намекард, ва аз ҳамаи одамон хоҳиш кардам, ки дуо кунанд. Худованд гуфт: “Ман мехоҳам, ки ту ба ин ҷавон ва ҷавондухтар муқовимат кунӣ”.

Ман фикр кардам: “Аммо аллакай бист дақиқа гузашт. Ман ин корро карда наметавонам”. Ман сухани Худоро як сӯ гузоштам, ва фикр кардам, ки танҳо зиёдтар дуо мекунам. Мо дуогӯиро идома додем ва ба мухолифати рӯҳонӣ муқовимат кардем.

Пас аз чанд дақиқа, ман ноумед шуда, гуфтам: “Худоё, худаш чӣ рӯй дода истодааст?”

Ман дар рӯҳи худ боз шунидам: “Ман мехоҳам, ки ту ба онҳо муқовимат кунӣ”.

То ин лаҳза боз вақти зиёд сипарӣ шуд. Ман фикр кардам: “Бе ҳеҷ ваҷҳ. Одамон фикр мекунанд, ки ман ким-чӣ хел ғалатӣ ҳастам”. Мо боз даҳ дақиқа дуо кардем, аммо ҳеҷ гуна дигаргуние рӯй надод. Тамоми умедамро гум карда, ҷамъомадагонро барои рафтан иҷозат додам.

Ҳамон бегоҳӣ бо вазнинӣ дар қалбам ба хона баргаштам. Ман ҳатто аз Худо пурсидан намехостам, ки чӣ воқеа шуд. Ман танҳо ба хоб рафтам. Субҳи дигар ман бо вазнинии боз ҳам бештар дар рӯҳ бедор шудам, ва дуо кардам.

“Худо, дирӯз бегоҳӣ чӣ воқеа шуд?” – пурсидам ман.

Ӯ ҷавоб дод: “Ҷон, Ман охир ба ту гуфтам, ки ба ин ҷавон ва ҷавондухтар муқовимат кун”. Ва давом дод: “Вақте ки Ман ба хидматгузорӣ туро роҳбар таъин мекунам (ё ягон чизи дигар), ту барои тартибот дар ин хидматгузорӣ масъул мешавӣ ва барои ин кор қудрат дорӣ. Ман ин корро намекунам, чунки ба ту бовар кардаам. Вақте ки Ман одамро ба боғ ҷойгир кардам, Ман ба ӯ гуфтам, ки онро муҳофизат кунад. Иблис омад, то ки онро хароб кунад, вале Ман фуруд наомадам, ва аз дасти Одам меваро зада наафтонидам, гарчанде медонистам, ки ин барои Одам ва ба тамоми насли инсоният чӣ гуна оқибатҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад! Ман чизеро, ки медиҳам, баргашта намегирам, ва Ман ба ӯ ин масъулиятро додам. Ҷавон ва ҷавондухтаре, ки Ман муқовимат карданро ба онҳо аз ту талаб кардам, рӯҳи исёнкорӣ доранд. Ту итоат накардӣ, ва ба ин рӯҳ имкон дода шуд, ки дар ин хидматгузорӣ ҳукмронӣ кунад. Вақте ки ин рӯй дод, Рӯҳи Ман дур шуд, чунки ту қудрати худро аз даст додӣ”.

Ман зуд тавба кардам, ва қарор додам, ки ин ҳолат дигар такрор намешавад.

Ман ин воқеаро ба ҳамон шубони кишвари хориҷа нақл кардам, ва ӯ фаҳмид, ки барои чӣ ӯ мебоист ба ин ходимаи исёнкор муқобилият нишон медод. Чеҳраи ӯ дурахшон шуд, гӯё нури ҳикмати илоҳӣ ба қалби ӯ ворид гардид. Ман ӯро рӯҳбаланд кардам: “Ту чӯпони ин одамон ҳастӣ, ту на танҳо барои ғизо додан даъват шудаӣ, балки барои муҳофизат кардан низ. Муҳофизат муқовиматро талаб мекунад”.

Ман аз ӯ пурсидам: “Оё ту ба чунин вазъиятҳо дучор мешавӣ, ки дар онҳо одамон аз ту чизеро дархост мекунанд, ва ту дар қалби худ медонӣ, ки бояд “не” гӯй, аммо барои ҳифзи осоиштагӣ, “ҳа”мегӯӣ?”

Ӯ ҷавоб дод: “Бале, Ҷон, ман ҳамин тавр мекунам”. Ӯ чанд лаҳзае фикррронӣ кард, ва сипас андешакунон ба ман нигоҳ кард: “Ин охир риёкорӣ аст, дуруст гуфтам?”

Ман розӣ шудам. “Ту дуруст мегӯӣ. Риёкорӣ, ё созишкорӣ аз тарс ва беҷуръатӣ тавлид мешавад”, – гуфтам ман.

Ӯ тавба кард, ки рӯҳи беҷуръатӣ дошт, ва зуд азм кард, то бо чизҳое, ки аз онҳо метарсид, сарукор кунад. Бори дигар, вақте ки мо вохӯрдем, дар симои шубон табассуми калон аён буд ва ӯ хитоб кард: “Ман озодам!”

Дониста бошед, ки ин мисолҳои мухолифатҳои ногувор вазъиятҳои шадидро ифода мекунанд. Ман айнан дар садҳо хидматгузориҳо мавъиза кардаам, ва дар он ҷо ҳеҷ гуна муқовимате мавҷуд набуд, танҳо озодии комил. Озодӣ – ин меъёр; муқовимат – истисно. Аммо ман ҳис мекунам, ки якчанд мисолро барои фоидаи шумо бо ҷузъиёташ баён кунам.

Гарчанде ин воқеаҳо ба хидматгузорӣ дахл доранд, принсипҳоро ба ҳама гуна соҳаҳои ҳаёт истифода бурдан мумкин аст. Тарс ва беҷуръатӣ – ин рӯҳ, ва бо он бо тарзи муносиб рафтор кардан лозим аст. Агар мо дар ҷанги рӯҳонӣ бо аслиҳаи ҷисмонӣ ҷанг кардан хоҳем, дар беҳтарин ҳолат мо ба осонӣ худро гум мекунем, ва дар бадтаринаш – маҷрӯҳ ва мағлуб мешавем.

> *Зеро ки мо, агарчи дар ҷисм зиндагӣ мекунем, ба ҳасби ҷисм намеҷангем; зеро аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо боиқтидор аст барои хароб кардани қалъаҳо; мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем (2 Қӯр. 10:3-5).*

Душман бо номи “беҷуръатӣ” ба ҷони мо ҳамла мекунад. Вайро бо ёрии илми равоншиносӣ ё мафкураи мусбӣ мағлуб кардан номумкин аст. Аслиҳаи мо бар зидди тарс ва беҷуръатӣ шамшери Рӯҳ, яъне устуворона пайравӣ кардани Каломи Худо, аст (Эфс. 6:17). Муқовимат бо беҷуръатӣ дар шумо атои Худоро бедор мекунад. Дар ин бора дар боби оянда сӯҳбат мекунем.

*Фасли 3*

# НОБУД КАРДАНИ БЕҶУРЪАТӢ

# АВҶ ГИРОНИДАНИ АТО

Одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?

Мақсади тарс ва беҷуръатӣ он аст, ки мо қудратро аз даст диҳем, ва бо ҳамин тариқ, ба амалкарди атоҳои мо монеъ шавад. Он гоҳ мо маҷбур мешавем, ки неру ва қобилияти маҳдуди худамонро истифода барем. Одатан ин ба дигаршавии мавқеи мо аз ҳамла ба ҳимоя оварда мерасонад. Худро осебпазир ҳис карда, мо қадам ба қадам ба бехатарӣ ва роҳат ақибнишинӣ мекунем.

## Бедор кардани ато

Инак, агар беҷуръатӣ атоoро аллагӯён хобонад, чӣ онро бедор мекунад? Далерӣ. Тарс ва беҷуръатӣ одамро ба ақибнишинӣ кардан маҷбур месозанд, дар ҳоле ки далерӣ ҳатто дар аснои хатар одамро барои рафтан ба пеш водор мекунад. Аммо одами ҳаросон аз куҷо далерӣ ёфта метавонад?

*Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (2 Тим. 1:7).*

Далерӣ якҷоя бо чунин некӯкориҳо ба мисли қувват, муҳаббат ва солимӣ меояд (дар тарҷумаи тоҷикии Китоби Муқаддас – “парҳезгорӣ” – шарҳ. тарҷ.). Далерӣ худ аз худ некӯкорӣ намебошад. Баъзе одамони маъруф ҳам бо далериашон ва ҳам бо бешармиашон машҳур ҳастанд. Далерии ҳақиқӣ аз Худо бармеояд ва аз парҳезгорӣ ғизо мегирад. Далерие, ки аз хислати Худо сарчашма мегирад, дар зиндагонии мо атоҳоро бедор мекунад.

Далерии баъзе одамон ҳеҷ гуна алоқае ба некӯкорӣ надорад. Вақте ки онҳо ба муқовимати андак дучор мешаванд ё умуман ба муқовимат дучор намешаванд, чӣ гуфтани худро медонанд ва дилпурона рафтор мекунанд. Аммо қуввати онҳо амиқ нест. Он рӯякӣ аст. Қиёфаи далерона ниқобе аст, ки дар пушти он ҳавобаландӣ ва ҷаҳолат пинҳон шудааст. Решаи ин гуна далерӣ нозук аст, ва шамоли сахт онро решакан мекунад. Дар ҳоле ки обу ҳаво хуб аст, шумо дида наметавонед, ки решаи дарахт чӣ гуна аст, аммо ҳангоми шамоли сахт он ё решакан мешавад, ё тоб меорад.

## Кӣ қавитар аст?

Довуд гуфт: “Худованд нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам?” (Забур 27:1). Довуд Худовандро сарчашмаи қувват ва тавоноӣ номидааст. Ӯ медонист, ки аз Худо бузургтар касе нест, ва нотарсона гуфта метавонист: “Ман аз ҳеҷ кас наметарсам!”

Ӯ на танҳо эътимоди худро далерона эълон мекард, балки бо ҳамон тарз умр ба сар мебурд. Довуд қуввати Худоро медонист, чунки ӯ Худоро мешинохт. Ин гуна далерӣ ба ӯ имкон дод, ки рисолати худро иҷро кунад ва одилона ҳукмронӣ намояд. Биёед ба солҳои ҷавонии Довуд нигоҳ мекунем.

Довуд писари ҳаштумини Йисойи Байтлаҳмӣ буд. Се бародари калонӣ дар артиши шоҳ Шоул хидмат мекарданд.

Фалиштиён лашкари худро бар зидди Исроил ҷамъ оварданд. Ҳар рӯз қаҳрамони онҳо Ҷолёт сарбозони Исроилро ба майдон даъват мекард: “Барои худ касеро интихоб кунед, то ки назди ман фурӯд ояд. Агар вай тавонад бо ман ҷангида, маро бикушад, мо бандагони шумо хоҳем шуд; вале агар ман бар вай ғолиб омада, варо бикушам, шумо бандагони мо шуда, хизмати моро ба ҷо хоҳед овард” (1 Под. 17:8-9).

Умуман исроилиён мебоист ин рафторро ҳамчун даъват ба ҷанг қабул мекарданд, аммо Ҷолёт сарбози артиши мунтазам набуд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо, қади ӯ ба ёздаҳу ним фут (1 фут – 30,48 см. – шарҳ. тарҷ.) баробар буд. Барои хубтар тасаввур кардан ба сабади баскетбол нигоҳ кунед. Каллаи ӯ аз он ду дюйм (1 дюйм – 2,5 см шарҳ. тарҷ.) баландтар мебуд. Ӯ на танҳо бузургҷусса, балки ҷанговари моҳир ҳам буд. Танҳо нӯги найзаи вай понздаҳ фунт (1 фунт – 453,6 г. – шарҳ. тарҷ.) вазн дошт. Ӯ хӯди биринҷӣ дар сар дошт, зиреҳеро, ки 125 фунт вазн дошт, ба бар карда буд! Вазни умумии зиреҳ, найза ва шамшер тақрибан дусад фунт буд. Эҳтимол, он аз вазне, ки Довуд ҳамон вақт дошт, вазнинтар буд. Ҳоҷати баён кардан ҳам нест, ки намуди Ҷолёт хеле даҳшатовар буд! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Ва Шоул ва тамоми Исроил ин суханони фалиштиро шуниданд, ва воҳима карда, бағоят ҳаросон шуданд” (1 Под. 17:11). Ва инак, Довуд, чӯпони гӯсфандон, аз ҷониби падараш фиристода шуд, то ки барои се бародари калонии худ озуқа биёрад ва аз аҳволи онҳо хабар гирад. Озуқаро ба посбони ашё дода, ӯ ба назди бародарони худ шитобид. Дере нагузашта, Ҷолёти бузургҷусса ба пеш баромад, то ки аллакай чордаҳумин рӯз пайиҳам исроилиёнро масхара кунад.

Довуд аз он чизе, ки дид, ба ҳайрат афтод. Ӯ на аз дидани ҷуссаи Ҷолиёт, балки аз аксуламали бародаронаш ва ҳамватанонаш ҳайрон шуд. “Ва ҳамаи мардони Исроил он мардро дида, аз вай мегурехтанд ва бағоят ҳаросон мешуданд” (1 Под. 17:24). Довуд, албатта, ба тааҷҷуб афтод: “Оё онҳо фаромӯш карданд, ки ҷонибдорашон кӣ аст? Ӯ на бо мо ситезаҷӯӣ мекунад, балки бо Худо!”

Ва Довуд далерона изҳор кард: “Ин фалиштии номахтун кист, ки лашкарҳои Худои Ҳайро таҳқир намояд?” (1 Под. 17:26) Фазо аз муқовимат пур буд. Вақте ки Довуд тарсончакии бародарони калониро фош намуд, онҳо худро бараҳна ҳис карданд. Онҳо ин гуна изҳоротро аз даҳони бародари хурдӣ шунидан намехостанд. Сустиҳои онҳо, ки то ин дам бо онҳо рӯ ба рӯ нашуда буданд, ошкор шуданд. Бо розигии хомӯшонаи якдигар, ки асосаш созишкорӣ буд, онҳо танҳо лаб фурӯ баста буданд.

Онҳо ба Довуд дарафтоданд, зеро медонистанд, ки агар ӯро беобрӯ кунанд, шармандагии онҳо аён намешуд.

> *Ва ҳангоме ки ӯ бо мардум гуфтугӯ мекард, бародари калонии ӯ Элиоб шунид, ва хашми Элиоб бар Довуд аланга зада, гуфт: “Чаро ба ин ҷо фурӯд омадӣ? Ва он рамаи камеро дар биёбон назди кӣ гузоштӣ? Ман густохӣ ва шарорати дили туро медонам: ту барои тамошои ин ҷанг фурӯд омадаӣ” (1 Под. 17:28).*

Элиоб далер буд, - далер аз хашм. Ӯ ба хислати Довуд ҳамла кард, на ба мушкилие, ки Исроил ба он дучор шуда буд. Вақте ки одам ҳаросон шавад, ӯ ягон илоҷеро ё имкониятеро меҷӯяд, ки фишорро суст гардонад. Одами суст узр мепурсад. Одами қавӣ аксар вақт онҳоеро, ки ба ӯ муқобил баромадаанд, зери ҳамла қарор медиҳад, бо ин ё он шакл ҷавобан сарзаниш мекунад.

Диққат кунед, ки Элиоб Довудро ба ҳавобаландӣ ва сангдилӣ айбдор мекунад. Чуноне ки Элиоб дар бораи худ фикр мекард, ӯ ба хулоса омад, ки Довуд низ ҳамин гуна аст. Вале Довуд он гуна шахс набуд. Ӯ муддаои дили Худо буд. Ӯ дар назди Худо на мағрур, балки фурӯтан буд.

Одамони қавӣ тарс ва беҷуръатиро истифода мебаранд, то ки дурӯғро ҳамчун ҳақиқат вонамуд кунанд. Шумо бояд дар рӯҳ қоим бошед, то ки ин гуна ҳамлаҳоро бартараф карда тавонед.

Шояд, Элиоб ҳасад мебурд. Самуил Довудро ба подшоҳӣ тадҳин кард, гарчанде Элиоб калонӣ буд. Ҳама чиз чунин

намудор мешуд, ки ӯ дорои хислатҳои пешво ва ҷанговари бузург мебошад. Ҳатто Самуил Элиобро дида, гумон кард: “Яқинан, масеҳи Худованд ба ҳузури ӯст!” Вале Худованд ба Самуил гуфт: “Ба қиёфааш ва қомати баландаш назар наандоз, чунки Ман ӯро хуш накардаам; он чи одам мебинад, ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад” (1 Под. 16:6-7).

Пас, қалби кӣ мағрур буд? Худо ба Самуил ошкор кард, ки Элиоб на танҳо ба туфайли қаду қомат ва намуди зоҳирӣ интихоб нашуда ва ҳам аз ин сабаб рад нагардида буд. Худо аз рӯи ҳолати қалб одамро доварӣ мекунад. Вақте ки Худо дар қалби инсонӣ ғururро пайдо мекунад, Ӯ ба ин гуна шахс зид мебарояд (Яъқ. 4:6).  Худо Элиобро рад кард, чунки ӯ мағрур буд. Элиоб Довудро бо он айбдор мекард, ки дар ниҳоди худ дошт, яъне мағрурӣ!

Одатан одаме, ки рӯҳи беҷуръатӣ дорад, шуморо бо он сустие айбдор мекунад, ки дар худ пинҳон кардан мехоҳад. Онҳое, ки худро парҳезгор нишон медиҳанд, аммо дилашон пок нест, ҳамеша ба онҳое, ки дили пок доранд, ҳамла мекунанд. Тимотиюсро ба хотир оред. Ӯ, ки дили пок дошт, дар тарсу ваҳм буд. Ман боварӣ дорам, ки дар калисои Эфсӯс мардону заноне буданд, ки ба мисли Элиоб дилҳои нопок доштанд.

Исо ҳамеша ба таҳдид дучор мешуд. Фарисиҳо ва китобдонҳои бадкин Ӯро беобрӯ ё аз рӯи суханонаш айбдор кардан мехостанд. Агар онҳо Ӯро ба тарс меоварданд, он гоҳ онҳо метавонистанд, ки Ӯро ба зери назорати худ тобеъ кунанд. Бинобар ин онҳо мегуфтанд, ки Ӯ хоин, баднафс, майпараст ва гуноҳкорест, ки гирифтори рӯҳи палид мебошад. Ҳамаи ин хислатҳо ба худи онҳо тааллуқ доштанд. Исо дар зери назорати онҳо қарор гирифтанро рад карда, қалби нопоки онҳоро фош намуд.

Барои чӣ одамони шарир одамонеро, ки дили пок доранд, тарсонидан мехоҳанд? Барои он ки худро аз мазаммат раҳо кунанд ва вазъиятро дар зери назорати худ нигоҳ доранд. Дар ҳолати муваффақият барои онҳо зарур намешавад, ки дилҳои

худро тафтиш кунанд ва тавба намоянд. Элиоб медонист, ки ин ҳамлаи беобрӯкунанда ва ваҳмангез бародари ӯ Довудро маҷбур месозад, ки тобеъ шавад ва худи ӯро аз фишор раҳо кунад.

Ҳама чиз баръакс шуд. Ҳама ба зидди Довуд камин гирифтанд. Ӯ дар зери ҳамла монд, бародари калонии ӯ аз вай пурзӯртар буд. Дар ёд дошта бошед, ки бародарони калонӣ метавонанд бародарони хурдиро маҷбур созанд, ки худро хеле нороҳат ҳис кунанд. Агар Довуд он чиро, ки Элиоб талаб мекард, иҷро накунад, баъдтар дар хона ҷазо мегирифт. Ӯ маҷбур мешуд, ки барои қоим будан дар ростӣ бисёр маротиба товонашро диҳад. Оё яке арзандаи дигаре буд?

Ин на танҳо фишор ба зидди Довуд буд. Дигарон низ тарафдори Элиоб буданд. Онҳо низ намехостанд, ки тарси онҳо аз тарафи ким-кадом бачаи сурхрӯ фош карда шавад! Барои Довуд осонтар он буд, ки ақибнишинӣ кунад ва ба пеш нашитобад. Таҳдидгари Довуд Элиоб ва “ҷанговарони” дигар маҳз ҳамин чизро мехостанд.

Довуд азм кард, ки дар тарафи Худо бимонад, ва беҷуръатиеро, ки бар зидди вай равона карда шуда буд, бишканад. Ӯ аз Элиоб пурсид: “Ман чӣ кардаам? Фақат сухане гуфтаам” (1 Под. 17:29). Дар асл ӯ гуфт: “Ман чӣ кори нодурусте кардам? Куҷост далерии шумо? Ман наметарсам-ку. Мусалламан, азбаски шумо аллакай дар тӯли чиҳил рӯз аз тарс меларзед, Худо лозим донист, ки касеро ёбад, ки наметарсад, ва бо ин фалиштии номахтун ҷанг мекунад! Бинобар ин ман дар ин ҷо ҳастам”.

Довудро ба назди подшоҳ оварданд. Шоул, ки низ аз Ҷолёт ба тарс афтода буд, фикри худро баён кард: “Ту наметавонӣ ба муқобили он фалиштӣ биравӣ, то ки бо вай ҷанг кунӣ, зеро ки ту ҷавон ҳастӣ, ва ҳол он ки вай аз ҷавониаш марди ҷангӣ будааст” (1 Под. 17:33). Гарчанде риши Довуд насабзида буд (чуноне ки бародари ӯ қайд кард), ба ҳар ҳол ин аз даҳони шоҳи ҳаросон таҳқиру маломат буд.

Аммо Довуд ба подшоҳ на ба он тавре ки ба бародаронаш сухан ронда буд, ҷавоб гардонд. Ӯ гуфт:

*Бандаат рамаи падари худро мечаронид, ва ҳангоме ки шер ё хирсе омада, барраеро аз рама мерабуд, ман аз ақиби он берун омада, онро мекуштам ва аз даҳонаш раҳо мекардам, ва агар он ба ман ҳуҷум меовард, ман мӯи жӯлидаашро дошта, онро мезадам ва мекуштам. Бандаат ҳам шер ва ҳам хирсро куштааст, ва ин фалиштии номахтун мисли яке аз онҳо хоҳад шуд, зеро ки лашкарҳои Худои Ҳайро таҳқир кардааст. Ва Довуд гуфт: “Худованд, ки маро аз чанголи шер ва аз чанголи хирс раҳоӣ додааст, аз дасти ин фалиштӣ низ раҳоӣ хоҳад дод” (1 Под. 17:34-37).*

Ӯ нисбат ба бародарони худ ва сарбозон хеле далер ва ҷиддӣ буд. Аммо, бо подшоҳ гуфтугӯ карда истода, медонист, ки ба шахсе сухан меронад, ки дар сари қудрат меистад. Ӯ ба подшоҳ чуноне ки писар ба падараш сухан меронад, муроҷиат кард. Ӯ тамоми таҷрибаи худро изҳор мекунад ва Худовандро ҳамчун раҳокунандаи худ зикр менамояд, ва дар баробари ин бовар мекунад, ки подшоҳ дуруст мефаҳмад.

Масъулият барои қарор қабул кардан ба подшоҳ мутааллиқ буд. Агар муҳориба бо мағлубият поён меёфт, тамоми кишвар ба ғуломӣ меафтод. Довуд медонист, ки агар ҷанг кардани ӯ зарур бошад, Худо қалби подшоҳро омода мекард. Муҳим он аст, то мо бо одамоне, ки дар сари қудрат ҳастанд, айнан чунин муносибат кунем. Баъд аз суханронии Довуд Шоул ба ӯ иҷозат дод, ки ҷанг кунад. Ӯ гуфт: “Бирав, ва Худованд бо ту бод”.

Довуд лавозимоти ҷангиеро, ки Шоул ба ӯ пешниҳод кард, рад намуд. Ӯ худро ба ҳимояи Худованд, Сипар ва Паноҳгоҳи Довуд, ҳавола карда, таёқашро ба як дасташ ва фалахмонашро ба дасти дигараш гирифт, ва барои худ панҷ санги силиқро аз даруни ҷӯй хуш кард. Вақте ки фалиштӣ наздик омад, Довуд ба ситезаҷӯии аз ҳама ҷиддитарин дучор шуд. Агар ӯ ин дафъа беҷуръатӣ мекард, на танҳо атои Худо беамал мемонд, балки ҷони худи ӯ дар зери хатар меафтод,

ва тамоми мамлакат ба ғуломӣ гирифтор мешуд.

> *Ва фалиштӣ назар андохта, Довудро дид, ва аз ӯ нафрат кард, зеро ки ҷавони сурхрӯ буда, чеҳраи некӯ дошт. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: "Оё ман саг ҳастам, ки бо таёқе назди ман меоӣ?" Ва фалиштӣ Довудро бо худоёни худ лаънат кард. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: "Назди ман биё, то гӯшти баданатро ба мурғони ҳаво ва даррандагони саҳро бидиҳам" (1 Под. 17:42-44).*

Ҷолёт кӯшид, ки Довудро на танҳо бо ҷуссаи худ, балки бо суханони худ низ ба ҳарос андозад. Бузургҷусса Довудро лаънат карда истода, манзараи зиндаи он кореро, ки бо ӯ кардан мехост, тасвир кард. Гарчанде дар паси ин манзара Довуд хиратоб намояд ҳам, ӯ як лаҳзае ҳам ба сарчашмаи қувват ва пирӯзии худ шубҳа накард.

> *Ва Довуд ба фалиштӣ гуфт: ту бо шамшер ва найза ва мизроқ бар ман меоӣ, валекин ман бо исми Худованди лашкарҳо, Худои фавҷҳои Исроил, ки Ӯро таҳқир намудаӣ, бар ту меоям. Имрӯз Худованд туро ба дасти ман хоҳад супурд, ва ман туро кушта, каллаатро аз танат ҷудо хоҳам кард, ва лошаҳои ӯрдуи фалиштиёнро имрӯз ба мурғони ҳаво ва даррандагони замин хоҳам дод, то тамоми аҳли замин бидонанд, ки дар Исроил Худо ҳаст. Ва тамоми ин ҷамоат хоҳанд донист, ки Худованд на бо шамшер ва найза наҷот медиҳад, балки ин ҷанги Худованд аст, ва Ӯ шуморо ба дасти мо хоҳад супурд (1 Под. 17:45-47).*

Довуд ҷасурона вафодории Худоро эълон кард. Мардони исроилӣ танҳо онро диданд, ки ин азимҷусса чӣ қадар бузург аст, аммо Довуд азамати Худоро дид! Ва сипас мардони Исроил диданд, ки чӣ тавр Довуд ба сӯи душмани Худо давид, - ӯ на танҳо дар сухан, балки дар амал низ дилпуриашро нишон дод.

*Ва Довуд дасташро ба кӯлбор бурд, ва аз он ҷо сange гирифта, бо фалахмон андохт, ва ба пешонии фалиштӣ зад; ва санг ба пешонии вай ғӯтида, вай рӯй бар замин фурӯ ғалтид (1 Под. 17:49).*

Далерии Довуд исроилиёнро рӯҳбаланд кард ва онҳо аз нав умед пайдо карданд. Худо пуштибони онҳо буд, вале фалиштиён танҳо қаҳрамони мурда доштанд. Исроилиён ҳуҷумро сар карда, фалиштиёнро таъқиб намуданд, ва онҳоро саркӯб карданд. Довуд дар давоми ин вақт се бор ба беҷуръатӣ ва тарс рӯ ба рӯ шуд. Аввалан, бародарони ӯ ва сарбозон бо тамоми қувват кӯшиш карданд, ки вайро беобрӯ, бадном ва рӯҳафтода кунанд. Агар Довуд ба ин дода мешуд, ӯ аз майли он чизе, ки Худо ба қалбаш ниҳода буд, даст мекашид. Ӯ зуд тоб хӯрда, ба хона бармегашт. Натиҷа тамоман дигар мешуд: Довуд азимҷуссаро кушта наметавонист. Ҷолёт ба ҳарос андохтани тамоми кишварро давом медод, ва Худо лозим медонист, ки барои ин кор шахси дигарро пайдо кунад.

Дуюм, ӯ аз подшоҳ суханони рӯҳафтодакунанда ва таҳқиркунанда шунид. Агар Довуд ин дафъа ақибнишинӣ мекард, ҳамчунин атои Худо беамал мемонд. Ӯ дар назди подшоҳ низ беҷуръатӣ зоҳир накард. Ӯ ба пешвои халқи худ эҳтиром нишон дод, аммо тавонист ӯро ба зарурияти муҳориба бовар кунонад.

Сеюм, Довуд аз тарафи фалиштии азимҷусса ба таҳдид дучор шуд. На танҳо ҷуссаи ӯ таассуроти ҳузновар боқӣ мегузошт, балки худи ӯ низ аз худ хеле дилпур буд. Ӯ кӯшиш мекард, ки Довуд худро аз ҳайвони хурдтарин ҳам суст ва ночиз ҳис кунад. Агар ин дафъа Довуд ба тарс дода мешуд, атои Худо дар ҳолати хоб боқӣ мемонд, ва ин ҷони ӯро дар хавф мегузошт.

Довуд ба қуввати Худо ончунон бовар мекард, ки ҳаёти худро дареғ надошт. Ин далерӣ дар ӯ атои Худоро бедор кард, ва ӯ азимҷуссаро, ки тамоми лашкарро дар давоми чил рӯз ба тарсу ҳарос меандохт, саркӯб кард!

## Қуввати аҳди нав

Дар нома ба калисои Қӯринтӯс Павлус ҷалоли хидматгузории мамотро бо ҷалоли хидматгузории Рӯҳ (ё ҷалоли хидматгузории аҳди нав) муқоиса мекунад (2 Қӯр. 3:7-8). Ӯ чунин мешуморид, ки агар қуввати аҳди қадим он қадар бузург бошад, ки писарони Исроил ба рӯи Мӯсо нигоҳ карда натавонистанд, пас чӣ қадар тавонотар аст хидматгузории аҳди ҳаётбахши нав!

Павлус ин чизи "навро" ҳамчун ганҷина тасвир мекунад, ки "мо дар зарфҳои гилин дорем, то маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо" (2 Қӯр. 4:7). Ин боз як шахсе аст, ки Худои худро мешиносад, ва қувват ва тавоноиеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, мефаҳмад. Павлус идома медиҳад:

> *Зеро, агар чизи фонӣ ҷалол дошта бошад, пас чизи бақодор хеле зиёдтар ҷалол дорад. Бинобар ин мо, ки чунин умед дорем, бо камоли ҷасорат амал мекунем (2 Қӯр. 3:11-12).*

Қувват ҷасоратро тавлид мекунад. Шумо дар имондороне, ки ба қуввати худ такя намекунанд, ҷасорати бузургро мушоҳида мекунед. Онҳоро наметавонӣ бо вазъиятҳо, ба воситаи одамон ё иблис тарсонӣ, чунки бо ин Худоро низ тарсонида наметавонӣ. Дар нома ба Ибриён 13:5 ба мо ваъда дода шудааст:

Зеро ки Худи Ӯ гуфтааст: "Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт", бинобар ин мо метавонем далерона бигӯем: Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд: одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?

Мо бояд далерона изҳор кунем: "Одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?".

Айнан чунин эътимод ба ҳар як имондор дастрас аст. Барои чӣ мо имондор номида мешавем, вале худамон бовар намекунем? Мо ба чӣ имон дорем? Ба Худо! На одам, на иблис ҳақ надоранд, ки имондорони ҳақиқиро ба ҳарос андозанд.

Барои чӣ? Чунки Исо ҷонибдори мост. Ҳеҷ номи болотаре, ҳеҷ қуввати бештаре мавҷуд нест. Худи Ӯ гуфтааст: “Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки морон ва каждумон ва тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд” (Луқ. 10:19).

Оё фаҳмотар гуфтан мумкин аст? Ӯ ба халқи Худ бар ҳамаи душманон қувват бахшидааст. Беҷуръатӣ ва тарс ин душмани мо мебошад. Ӯ ба шумо дурӯғгӯӣ мекунад ва мегӯяд: “Ман назар ба ту қувват ва қудрати бештар дорам. Ту бояд таслим шавӣ  ва он кореро, ки ман мефармоям, иҷро кунӣ! Агар итоат накунӣ, ҷазо медиҳам”.

Агар мо ба ин дурӯғи вахмангез гӯш диҳем, атои Худо беамал мемонад, ва мо дар ҳолати рӯҳафтодагӣ умр ба сар мебарем. Вале агар мо Он Шахсро, ки вафодор буданро ваъда додааст, шиносем, мо дар қуввате қоим хоҳем буд, ки болотар аз ҳар гуна қувват аст, ва ҳамчун Довуд, бо ҷасорати бузург азимҷуссаҳои беҷуръатӣ ва тарсро мағлуб мекунем.

## Оё имони шумо он қадар мураккаб аст, ки бовар карда наметавонед?

Фаҳмидани ин ҳақиқат душвор нест. Ҳатто хеле осон аст. Ҳақиқати Инҷил мураккаб нест. Одамон аз сабаби беимонӣ ба он сарфаҳм намераванд.

Аз худ бипурсед, ва софдилона ҷавоб диҳед: “Оё дилпурии шумо дар он асос меёбад, ки Худо гуфтааст, ё дар он, ки шумо мебинед ва аз сар мегузаронед?” Агар шумо ҳамаи он чиро, ки ба вуқӯъ меояд, ба гузаштаи худ марбут донед, шумо ҳеҷ гоҳ аз он болотар ба камол расида наметавонед.

Оё имони худро дар асоси он бунёд мекунед, ки бо дигарон чӣ рӯй дода истодааст? Оё дараҷаи эътимоди худро бо садоқати одамони дигар чен мекунед?

Агар ба ин саволҳо ҷавоби “ҳа” дода бошед, пас чуқуртар кобед. Шояд, шумо барои шарҳ додани мағлубиятҳои гузаштаи худ ё дигарон, ҳама чизро мураккабтар карда истодаед? Имони

мураккаб азимҷуссаҳоро намекушад. Он моро ба “кишвари мӯъҷизот” ҳабс мекунад. Ва мо барои тасаввур кардани он кӯшиш мекунем, ки дар асл дигаргун карда наметавонем, ва пеш аз содир кардани ҳар гуна амал дудила мешавем.

Барои чӣ мо, имондорон, ҳамту бовар карда наметавонем? Барои чӣ мо ба ҳисси радшавии худ имкон медиҳем, ки Инҷилро мураккаб гардонад?

Ман ба шумо он чизеро нақл кардан мехоҳам, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ин воқеа дар соли 1980 рӯй дода буд. Ман донишҷӯ будам ва дар Каролинаи шимолӣ зиндагӣ мекардам. Боре ман соати чори субҳ аз шунидани овози худ бедор шудам. Овози ман фарёд мекард: “Ман касеро меҷӯям, ки бовар мекунад!”

Ин маро ба ҳайрат овард. Кати хобам аз араҷи ҷисмам нам шуда буд. Ман медонистам, ки ба ман ин Худо бо чунин тарзи ғайриоддии фавқуттабиӣ гап зад.

Он гоҳ ман фикр кардам: “Ин маълум аст-ку. Барои чӣ Худо ба ман чизи амиқтаре надиҳад? Албатта, ман медонам, ки ба Ӯ одамоне лозиманд, ки бовар мекунанд!”

Субҳи дигар ин фикрҳо дар майнаи ман тоб хӯрданд. Ман такрор ба такрор садои пичирросеро мешунидам: “Ман касеро меҷӯям, ки бовар мекунад; Ман касеро меҷӯям, ки бовар мекунад”. Ман инро такрор ба такрор мешунидам, ва дарк кардам, ки Худо ба ман ягон чизи хушку бемаъниро накушодааст, - ин калиди роҳ рафтан бо Ӯ буд!

Ман ба Инҷил фурӯ рафтам. Ва мушоҳида намудам, ки Исо аз сабаби беимонии одамон ғамгин ва ошуфта мешуд. Вақте ки шогирдони Ӯ девро аз ҷавоне ихроҷ карда натавонистанд, Исо онҳоро сахт сарзаниш кард.

> *Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред (Мат. 17:17).*

Чӣ тавр чунин суханонро ба шогирдони худ гуфтан мумкин

аст! Исо ба мисли роҳбарони ҳозира мӯҳмал набуд! Ӯ ба онҳо возеҳ нишон дод, ки агар онҳо имон надошта бошанд, атои Худо амал намекунад. Ӯ мехост, то шогирдон донанд, ки беимонӣ Ӯро ғамгин месозад.

Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки Исо аз чӣ ҳаловат мебурд: аз дидани онҳое, ки бе ҳеҷ гуна савол бовар мекунанд! Афсари румӣ, ғайрияҳудӣ, ба туфайли имони худ, назар ба ҳамаи дигарон дар Исроил, сазовори таваҷҷӯҳи бештаре гардид. Ин румӣ гуфт, ки ба Исо ҳатто лозим нест, ки ба хонаи ӯ биёяд, ва агар Ӯ фақат сухане бигӯяд, хидматгори ӯ шифо хоҳад ёфт. “Ва Исо ин суханонро шунида, дар тааҷҷуб монд ва ба пайравони Худ гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: чунин имоне дар Исроил ҳам наёфтаам” (Мат. 8:10).

Мо мехостем, ки Исо ба хонаи мо меҳмон шавад, аммо, агар ин ҳолат рӯй медод, дар Ӯ шубҳа мекардем. Мо имонро ҳамин қадар мураккаб кардаем. Пас, имон худаш чӣ аст? Бовар кардан ба он, ки Худо ҳар он чиро, ки мегӯяд, иҷро мекунад.

Исо гуфт, ки ба мо бар ҳамаи лашкари душман қувват ва қудрат додааст. Ҳар коре, ки мо бояд кунем, ба Ӯ бовар кардан ва бо ин қувват ва қудрат амал намудан аст. Лозим нест, ки ҳаётамонро бо тарс, шубҳа ё бо ёди камбудиҳо ва мағлубиятҳои пешинаи худ душвор кунем. Агар мо ин ин тавр кунем, мо худамонро аз далерӣ маҳрум месозем, ва барои такмил ёфтан дар қобилиятҳои Худо пешрафт карда наметавонем. Атои Худо дар мо дар ҳолати хоб боқӣ мемонад!

Пеш аз он ки мо дилпурона аз қаиқи худ ба мавҷи пуртуғёни баҳрҳо қадам гузорем, лозим аст, ки ниятҳои дили худро тафтиш кунем. Вагарна ғарқ мешавем! Дар боби оянда шумо фарқи байни нияте, ки барои истодагарӣ кардан ёрӣ мерасонад ва нияте, ки ба ғарқ шудан оварда мерасонад, хоҳед фаҳмид.

# РЕШАИ БЕҶУРЪАТӢ

Дар ҳоле ки Худо он чиро, ки мо интизор ҳастем, иҷро мекунад, дилпур будан осон аст.

Аз беҷуръатӣ озодона зиндагӣ кардан ҳатман маънои экстраверт буданро надорад. Баъзе аз одамони барҷастае, ки ман медонам, бо беҷуръатӣ меҷанганд. Аксар вақт чунин мешавад, ки ҷилои онҳо танҳо барои тарсу беҷуръатие, ки бо онҳо дар ботини худ мубориза мебаранд, ниқобе аст. Канораҷӯӣ аломати ягонаи беҷуръатӣ намебошад. Баъзе одамон ҳар қадар худро бисёртар нороҳат ҳис кунанд, ҳамон қадар бештар гап мезананд.

Сатҳи тарсидану ҳаросон шудан ҳеҷ алоқае ба он надорад, ки шумо то кадом дараҷа тадҳин шудаед. Ман одамонеро медонам, ки ходимони пурқувват ҳастанд, вале ба ҳар ҳол бо беҷуръатӣ меҷанганд. Вақте ки онҳо дар тадҳини худ амал мекунанд, онҳо бебоканд, сустиҳои онҳо аз таъсири тадҳини

Худо нопадид мешаванд. Аммо вақте ки ҷомаи тадҳин аз онҳо гирифта шавад, онҳо ба одамони оддие табдил меёбанд, ки бо тарс ва радшавӣ ҷанг мекунанд. Ҳангоми сӯҳбати як ба як беҷуръатии онҳо ба таври ҳайратангез маълум мешавад. Ҳамаи инро ман аз куҷо медонам? Худи ман ҳамин гуна будам.

Шумо одами махсус, қавӣ, далер, ҳатто тадҳиншуда буда метавонед, - вале ба ҳар ҳол бо беҷуръатӣ ҷанг мекунед. Вақте ки фишор ба қадри кифоя пурзӯр мешавад, ҳама чизе, ки шумо аз он таркиб ёфтаед, ба берун мебарояд. Беҷуръатӣ бо камбудии хислат, қуввати ҷисмонӣ, ё тадҳин ҳеҷ умумияте надорад. Пас чӣ одамонро барои беҷуръатӣ осебпазир мегардонад?

## Чизи намоён бар зидди ростӣ

Барои ҷавоб додан ба ин савол, биёед ҳаёти Шимъӯни Петрусро мушоҳида мекунем. Вай шахси ғайриоддӣ буд, ва ҳеҷ гоҳ аз изҳор кардани фикри худ худдорӣ намекард. Ӯ хеле далер буд. Зоҳиран, Петрус иродаи қавӣ дошт ва марди бебок буд. Ба назар чунин мерасид, ки ҳеҷ чиз Петрусро безобита карда наметавонад, вале ин рӯй дод. Тарс аз марг ӯро водор кард, ки се бор Исоро инкор кунад. Инак, қобилияти озодона аз беҷуръатӣ зиндагӣ кардан хислати одами қавӣ нест. Вагарна Шимъӯн бе ҳеҷ ваҷҳ Исоро инкор намекард ва барои содиқ мондан беҳтар аз дигарон омода мебуд.

Тамоюле мавҷуд мебошад, ки Шимъӯнро ҳамчун лаққии оддӣ тасвир мекунад. Баъзан мегӯянд, ки вақте кор ба амал наздик мешуд, ӯ худро ҳамчун “чӯҷа” намоён мекард. Ман ба ин бо чунин савол ҷавоб медиҳам: “Чӣ қадар “чӯҷаҳо” ҷуръат карда, ба издиҳоми саропо мусаллаҳ ва муҳофизатшаванда муқовимат намуда ва ба он ҳамла карда метавонистанд?” Петрус далерона ҳамин тавр кард! Дар Юҳанно 18:3,10 навишта шудааст:

Пас Яҳудо як даста сарбозон ва мулозимонро аз саркоҳинон ва фарисиён гирифта, бо чароғҳо ва машъалҳо ва аслиҳа ба он ҷо омад. Шимъӯни Петрус, ки шамшер дошт, онро кашида, ба ғуломи саркоҳин, ки Малхус ном дошт, зад, ва гӯши рости вайро бурида партофт.

Ин тамоман ба рафтори “чӯҷа” монанд нест. Пас чӣ, Петрус танҳо барои он ба сарбозон дарафтод, ки сипас аз хидматгорзан битарсад? Бале, дар ҳақиқат ин хидматгорзан ӯро тарсонид! “Аммо Петрус дар берун, дар рӯи ҳавлӣ нишаста буд. Ва канизе назди вай омада, гуфт: «Ту низ бо Исои Ҷалилӣ будӣ. Лекин вай дар назди ҳама инкор кард...” (Мат. 26:69-70).

Сабаби ин тағйирот чӣ аст?

## Далерии рӯякӣ

Барои ҷавоб додан ба савол, биёед ба воқеаҳои пештар рӯйдодаи ҳамон шаб бармегардем. Ҳамаи шогирдон якҷоя иди Фисҳро ҷашн мегирифтанд. Исо онҳоро огоҳ кард:

“Ҳамаи шумо имшаб дар ҳаққи Ман ба васваса хоҳед афтод” (Мат. 26:31). Аммо Петрус эътироз карда, гуфт:

“агар ҳама дар ҳаққи Ту ба васваса афтанд ҳам, ман ҳаргиз намеафтам” (Мат. 26:33). Чӣ гуна таҷассуми диловаронаи мардонагӣ. Зоҳиран, Худи Исо Петрусро ба ин шумора шомил карда, иштибоҳ содир кард.

Аммо Исо рост ба Петрус нигоҳ карда, ӯро ислоҳ кард: “Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки дар ҳамин шаб, пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард” (Мат. 26:34). Ин чӣ гуна зарбае буд ба худбоварии Петрус! Исо ба вай гуфт, ки ӯ на танҳо пешпо мехӯрад, балки ҳатто Ӯро инкор мекунад.

Шахсе, ки дорои хислат ва иродаи суст мебошад, дар ҳамин лаҳза бозмеистод. Магар Устод хато карда метавонад? Аммо Петрус дар мавқеи худ истодагарӣ карданро давом медод: “ҳатто агар бо Ту мурданам лозим ояд, Туро инкор намекунам!” (Мат. 26:35). Феълан ин изҳороти ҷуръатмандона дигаронро низ рӯҳбаланд кард, ки розӣ шаванд: “ҳамаи шогирдон низ ҳамчунин гуфтанд” (Мат. 26:35).

## Ниятҳо аз чизи дидашаванда фарқ карда метавонанд

Аз нуқтаи назари рӯякӣ, зоҳиран, ин одамон ниятҳои пок ва ҷуръати бузург доштанд. Вале агар бо диққат омӯзем, мефаҳмем, ки нияти пешбарандаи онҳо на муҳаббати Худо, балки чизи дигар буд.

Исо пеш аз огоҳ кардани онҳо, гуфт: “Ва инак, дасти таслимкунандаи Ман бо Ман дар сари суфра аст” (Луқ. 22:21). Чӣ гуна даҳшатовар, чӣ гуна зишт аст чунин фикр кардан, ки нафаре аз онҳо ба Исо хиёнат мекунад. Ба Исо, ки тамоми ин вақт бо онҳо буд; ба Исо, ки барояшон ғамхорӣ мекард! Ва акнун пошнаи худро ба Ӯ баланд мекунад, ба Ӯ – ба Масеҳ!

Гарчанде Исо медонист, ва аз худи аввал медонист, ки ба Ӯ кӣ хиёнат мекунад, шогирдон дар ин бора аввалин бор шуниданд. Оё изтироб ва фазои шубҳаю гумонро, ки баъд аз ин суханон хонаро пур карда буданд, ба худ тасаввур карда метавонед?

“Ва онҳо аз якдигар пурсидан гирифтанд, ки кадоме аз онҳо ин корро мекарда бошад” (Луқ. 22:23). Шогирдон ба изтироб афтоданд ва бовар намекарданд, ки яке аз онҳо ба содир кардани чунин рафтори бешарафона қодир мешавад. Пас барои ҳаллу фасли ин масъала ниятҳои онҳо чӣ гуна буданд? Албатта, ин ба Исо аз ягон ҷиҳат дахл дошт. Аммо аз кадом ҷиҳат? Гуфтугӯи байниҳамдигариашон онҳоро фош мекунад. Ба ояти навбатӣ нигоҳ кунед:

> *Дар миёни онҳо инчунин баҳсу мунозира шуд, ки кадоме аз онҳо бояд бузургтар ҳисоб ёбад (Луқ. 22:24).*

Мо равшан дида метавонем, ки сабаби тафтишоти онҳо ғурур ва худхоҳӣ буд. Исо гуфт, ки ба қарибӣ аз тарафи саркоҳинон дастгир ва ба марг маҳкум карда мешавад, вале шогирдон бошанд, барои ба даст овардани қудрат ва мақом аз чораҷӯӣ кардан шарм намедоштанд. Чӣ қадар худхоҳӣ!

Пай бурдан мумкин аст, ки мунозираро кӣ сар кард. Бо

эҳтимоли зиёд, ин Шимъӯни Петрус буд, ки мутобиқи хусусиятҳои пештараи мавқеъталабӣ ва хислати фармоишкоронаи худ амал мекард.

Шояд, ӯ ба ҳамаи дигарон ёдрас кард, ки ягона ӯ ҷуръат пайдо карда буд, то дар болои об роҳ равад (Мат. 14:28-31). Ё, шояд, пешгӯии худро оиди он, ки Исо дар асл кӣ буд, аз нав хотиррасон кард (Мат. 16:15-16). Ва боз ҳиссиёти худро, ки бо Исо, Мӯсо ва Илёс дар кӯҳи дигаргуншавӣ аз сар гузаронида буд, аз нав нақл намуд (Мат. 17:1-8).

Бо эҳтимоли пурра, ӯ мӯътақид буд, ки дар байни дувоздаҳ нафар шогирдон худро ҳамчун шахси бузургтарин намоён кардааст. Аммо оё ин боварӣ дар муҳаббат асос ёфта буд? Ман боварӣ дорам, ки Петрус ҳамон вақт маҳз ҳамин тавр фикр мекард. Аммо баъдтар ҳамааш баръакс мешавад. Дилпурии ӯ аз ғурур ва худхоҳӣ сарчашма мегирифт. Инро дар хотир доред, ва мо мулоҳизаронии худро давом медиҳем.

## Ҷувози равғанкашӣ

"Баъд аз ин Исо бо онҳо ба мавзее, ки Ҷатсамонӣ ном дошт, омад ва ба шогирдонаш гуфт: "Дар ин ҷо бинишинед, то дар он ҷо дуо гӯям" (Мат. 26:36).

Маънои калимаи "Ҷатсамонӣ" "ҷувози равғанкашӣ" мебошад. Бо ин тарз равғанро аз зайтун пахш карда, мебароранд. Зайтунро ба осонӣ пахш кардан ғайриимкон аст. Вақте ки сахт фишор медиҳанд, танҳо он гоҳ аз меваҳо равған мебарояд.

Ҷатсамонӣ мавзеи ҳамин гуна фишор аст, аммо на ба меваи зайтун, балки ба дил. Дар зери фишори пайиҳам ҳар чизе, ки дар даруни шумост, ба берун мебарояд, ва аксар вақт ин боиси ба ҳайрат омадани мо мегардад. Ба ибораи дигар, вақте ки озмоишҳо (фишор) меоянд, ниятҳои қалби мо санҷида ва фош карда мешаванд.

Исо ба боғи Ҷатсамонӣ бо ҳамроҳии Петрус, Яъқуб ва Юҳанно омад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Хеле маҳзун ва

дилтанг шуд” (Мат. 26:37). Қалби Исо “то ба дараҷаи марговар маҳзун шуд”, чунки Ӯ дар зери ҳамин фишор буд. Ӯ муҳорибаи бузургтарини Худро аз сар мегузаронид: васвасаи бо роҳи дигар иҷро кардани иродаи Падар, ва бо ин тарз раҳо кардани Худ.

Баъзе одамон бовар намекунанд, ки Исо ба гуноҳ содир кардан қодир буд. Вале мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Ӯ “дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард” (Ибр. 4:15). Маънои озмуда шудан, ё имтиҳон карда шудан, яъне ин бо чизе мубориза бурдан мебошад. Исо бар зидди гуноҳ масунияти дарунӣ надошт, аммо ҳамеша бар он ғолиб меомад. Барои чӣ? Чунки Ӯ тибқи иродаи Худ зиндагӣ намекард. Агар Ӯ ба гуноҳ кардан қодир намебуд, пас Ӯро озмудан ғайриимкон мебуд. Ин ҷалоли Ӯро кам намекунад, балки баръакс, шаъну шарафи Ӯро намоён месозад. Чунки Ӯ ба ҳар ҳол гуноҳ накард. Ҳаллелуёҳ!

Исо дар боғ дуо кард: “Эй Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман бигзарад; лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту” (Мат. 26:39).

Мо дар ин ҷо аввалин бор дар ҳаёти Исо мебинем, ки чӣ тавр иродаи Писар ба иродаи Падар муқовимат мекунад. То ин дам дар боғ онҳо чунон ягона буданд, ки мо танҳо иродаи Падарро, ки дар ҳаёти Исо зоҳир мешуд, медидем. Аммо фишори сахт дар ин муҳориба дар қалби Ӯ хашмро ба вуҷуд овард. Ягона чизе, ки Ӯро нигоҳ дошта метавонист, зоҳир шуд: бо роҳи дигар иҷро кардани иродаи Падар, ва бо ин тарз, раҳо кардани Худ. Исо ҳанӯз барвақт ба фарисиён гуфта буд, ки Ӯ барои фидо кардани ҷони Худ ихтиёрдор аст (Юҳ. 10:17-18). Худо барои ин кор Ӯро маҷбур накарда буд. Бинобар ҳамин ҳам Ӯ бо Худ мубориза бурд.

Ӯ ҳанӯз пеш аз он ки дар боғ зону зад, медонист, ки бояд ин муҳорибаро аз сар гузаронад. Ӯ дар ин бора ба шогирдон се бор хабар дод. Ӯ ҳанӯз пеш аз омаданашон ба Ерусалим, ба онҳо гуфт, ки ин иродаи Худо аст, то Ӯ маслуб шуда, бимирад ва аз мурдагон эҳё шавад.

Чанд рӯз пештар аз ин Исо ба шогирдон қалби Худро боз кард: “Алҳол ҷони Ман дар изтироб аст; чӣ бигӯям? Эй Падар!

Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам. Эй Падар! Исми Худро ҷалол деҳ” (Юҳ. 12:27-28).

Исо тайёр буд, ки ҷони Худро ба марг супорад, то ки номи Падар ҷалол ёбад. Ӯ ҳатто ин принсипро ба шогирдон нақл кард: “Касе ки ҷони худро дӯст дорад, онро барбод медиҳад; ва касе ки аз ҷони худ дар ин ҷаҳон нафрат кунад, то ҳаёти ҷовидонӣ онро нигоҳ хоҳад дошт” (Юҳ. 12:25).

Ин ҷои Навиштаҷот якбора ду хел ҷавоб медиҳад: барои чӣ Петрус он чиро, ки барояш савганд хӯрда буд, иҷро карда натавонист, вале Исо тавонист. Исо назар ба ҷони Худ бештар Падари Худро дӯст медошт, бинобар ин Ӯ тавонист, ки ҷони Худро фидо кунад. Петрус фикр мекард, ки Исоро бештар аз ҳаёти худ дӯст медорад, аммо ҷувози равғанкашӣ дар боғи Ҷатсамонӣ ниятҳои ӯро ошкор кард.

Дар боғ аллакай кифоя набуд, ки Исо танҳо иродаи Худоро донад. Худи Ӯ мебоист ба иродаи Худо табдил меёфт. Ин кор он қадар мушкил буд, ки Ӯ аз Худо пурсид, ки оё илоҷи дигар ҳаст. Дуогӯён, Ӯ бо рашк бар зидди васвасаи нигоҳ доштани ҷони Худ ҷанг кард, ва ончунон муқовимат нишон дод, ки арақи ҷабинаш ба хун мубаддал шуд (Луқ. 22:44).

Қуввати муқовимат ба васваса дар Исо ба муҳаббат ва худинкоркунии Ӯ асос меёфт. Ӯ ба хотири муҳаббати Падар Худро инкор кард (Юҳ. 14:31). Ин муҳаббат чизеро, ки пештар ҳеҷ кас онро мағлуб карда наметавонист, мағлуб кард, яъне дӯст доштани худро! Равған ба сатҳ баромад, ва исбот кард, ки муҳаббат ба Падар на танҳо сухан, балки фидокорӣ, ва итоат низ мебошад.

Ҳоло мебинем, ки чӣ тавр ин исканҷа, ё фишор, ба Петрус ва дигар шогирдон таъсир расонид.

## Рӯҳ бардам аст, вале ҷисм нотавон

Исо як соати пурра бо иродаи Худ мубориза бурд, сипас бархеста, ба назди шогирдон омад, вале “онҳоро дид, ки аз ғусса хоб рафтаанд” (Луқ. 22:45). Шогирдон аллакай баҳс

намекарданд, ки дар байни онҳо кӣ бузургтар аст. Аҳволи онҳо аз ғаму ғусса вазнин шуда буд. На танҳо Исо дар зери фишор монда буд. Шогирдони Ӯ низ ба ин ҷувози равғанкашӣ афтода буданд!

Онҳо ба васвасаи раҳонидани худ афтоданд. Вале онҳо қувват надоштанд, ки аз он халосӣ ёбанд, чунки онҳо диққати худро на ба иродаи Падар, балки ба иродаи худ равона карданд. Баръакси Исо, онҳо ҳатто хоҳиши он надоштанд, ки диққати худро баргардонда, ба иродаи Падар равона кунанд. Агар барои мо ҳаёт хеле қимат бошад, мо қодир нахоҳем буд, то чунон ҷанг кунем, ки онро фидо созем.

Дар ин бора фикр кунед. Дар ҳоле ки Исо мубориза мебурд, то ҷони Худро фидо кунад, шогирдон хоб карда, аз мубориза дар канор monданд. Дар навбати аввал Исо ба Петрус муроҷиат кард: “оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед? Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед: рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон” (Мат. 26:40-41).

Петрус, шахсе, ки ваъдаҳои далерона дода буд, ба ҷои он, ки дуо кунад, ба хоб рафт. Ӯ то ҳол ба қуввае, ки аз они ӯ нест, такя карданро ёд нагирифта буд. Бинобар ин ӯ тавре ки метавонист, ҳимоя мекард: хобида.

Рӯҳи мо, қалби мо бардам буда метавонад, аммо ҷисми мо ҳамеша барои ҳимоя кардани худ мекӯшад. Дар натиҷа, агар ҷисм маслуб нашуда бошад, мо он чиро, ки он аз мо металабад, ба вай медиҳем. Петрус ба Исо содиқ будан мехост, аммо натавонист, чунки ҷисм ӯро мағлуб кард. Ӯ ҳаёти худро бештар аз иҷро кардани иродаи Худо дӯст медошт. Ӯ ҳолати аслии қалби худро намедонист. Ӯ он чиро, ки дар назар дошт, изҳор мекард, ва дар ҳақиқат боварӣ дошт, ки барои Исо ҷони худро фидо мекунад. Аммо аз “ҷувоз” он чиз баромад, ки дар Таоми Шом пешгӯӣ шуда буд, - ғурур ва худхоҳӣ.

## Ду оқибатҳои гуногун

Вақте Исо мушоҳида кард, ки шогирдонро хоб бурдааст, боз барои дуо кардан рафт. Баргашта, Ӯ боз онҳоро хуфта ёфт, “зеро

чашмонашон хоболуд буд” (Мат. 26:43). Ҳатто баъд аз огоҳии Исо, онҳо бедор шуда натавонистанд. “Ва онҳоро гузошта, боз рафт ва бори сеюм бо ҳамон суханон дуо гуфт. Он гоҳ назди шогирдонаш омада, ба онҳо гуфт: «Шумо ҳанӯз мехобед ва истироҳат мекунед? Инак, соат расидааст” (Мат. 26:44-45).

Исо то он даме, ки дар муҳориба ғолиб омадани Худро нафаҳмид, се соат дуо кард. Иродаи Ӯ бо иродаи Падар пурра як шуд. Ҳоло Ӯ тайёр буд, то бо таҳдиди душман, ки ба воситаи пешвоёни яҳудӣ ва сарбозони румӣ амал мекард, рӯ ба рӯ шавад. Қобилияти Исо дар бобати истодагарии Ӯ дар байни таъқиботи даҳшатнок ҳокими румиро ба ҳайрат овард. “Вақте ки саркоҳинон ва пирон Ӯро айбдор мекарданд, Ӯ ҳеҷ ҷавоб намедод. Он гоҳ Пилотус ба Ӯ гуфт: Оё намешунавӣ, чӣ қадар бар зидди Ту шаҳодат медиҳанд? Лекин дар ҷавоби вай як сухан ҳам нагуфт, ба тавре ки ҳоким бисёр дар ҳайрат монд” (Мат. 27:12-14).

Далерӣ на дар он зоҳир мешавад, ки мо чӣ қадар баланд ё зиёд гап мезанем. Айни ҳамин чизро дар бораи хомӯшӣ низ гуфтан мумкин аст, - дар бораи хомӯшӣ, вақте ки дар рӯ ба рӯямон бо айбу гуноҳҳо моро муттаҳам месозанд. Баъзан Исо дар мавқеи қудрати Худ қоим мемонд ва ба даъвоҳо аҳамият намедод. Ӯ медонист, ки ҳеҷ гуна қуввае болотар аз Ӯ мавҷуд нест, ва агар Ӯ аксуламал нишон медод, ин маънои онро дошта метавонист, ки чунин қувва вуҷуд дорад. Фарисиён мехостанд, ки бо айбҷӯиҳо, таҳдидҳо ва мавқеи қудрати худ Исоро ба зери назорат гиранд. Ба онҳо посух додан беақлӣ ҳисоб шуда метавонист, чунки онҳо ҳеҷ гуна рабте ба ҳақиқат надоштанд. Исо медонист, ки онҳо ҳаёти Ӯро кашида гирифта наметавонанд, чунки Ӯ аллакай онро ба Падар додааст!

Вақте ки Исо бо айбдоркунандагони Худ рӯ ба рӯ меистод, Петрус дар назди гулхан гарм мешуд. Петрус аз хидматгорзани оддии роҳбарони исроилӣ тарсида, ҳатто инкор карда, гуфт, ки ӯ Исоро намешиносад (Мат. 26:69-75). Гарчанде Петрус гуфта бошад ҳам, ки беҳтараш мемирад, назар ба он ки Исоро инкор мекунад, ҳамааш бо он анҷом ёфт, ки вай ҳаросон шуд ва айнан он кореро ба амал овард, ки кардан намехост. Сабаб: ӯ ҷони

худро беҳад дӯст дошт.

Суханони ӯ дар бораи муҳаббати бузург ба Исо шаҳодат медоданд, аммо рафтори ӯ баландтар гап заданд. Худро дӯст доштан сарчашмаи тарс ва беҷуръатии ӯ буд. Ӯ онҳоро дар паси изҳорот ва амалҳои далерона, ки пештар анҷом медод, пинҳон мекард. Аммо ҷувози равғанкашӣ ин рӯҳи ваҳмангезро ошкор кард.

Решаи тарс ва изтироб муҳаббат доштан ба худ мебошад. Муҳаббати комил тарсро меронад ва ба мо далерӣ медиҳад. Далерие, ки аз муҳаббат тавлид мешавад, занҷирҳои тарс ва беҷуръатиро пора мекунад. Муҳаббати нокомил, ё муҳаббати худписандона дарҳоро ба рӯи тарс мекушояд.

> *Муҳаббат дар мо чунон ба камол расидааст, ки мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон ҳаст, essential онҷунон мо ҳастем. Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад, чунки ҳарос азоб дорад, ва касе ки меҳаросад, дар муҳаббат комил нест (1 Юҳ. 4:17-18).*

Вақте ки мо худамонро дар маркази диққати худ қарор медиҳем, тарс ва беҷуръатӣ афзоиш меёбад. Аз ҳамин сабаб фарёдҳои ҷонкоҳ садо медиҳанд: “Ҳоли ман чӣ мешавад? Бо ман чӣ рӯй медиҳад?”

Исо гуфтааст: “Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои дӯстони худ фидо кунад” (Юҳ. 15:13). Вақте ки мо дар ҳақиқат аз рӯи муҳаббат ҳаёти худро ба Исо медиҳем, мо дигар дар бораи он, ки аҳволи мо чӣ мешавад, ғамхорӣ намекунем. Зеро мо медонем, ки дар таҳти парастории Ӯ қарор дорем. Он гоҳ мо мурдаем ва дар Ӯ ниҳон мебошем. Мо набояд ташвиш кашем, чунки ҳаёти мо дигар ба худамон тааллуқ надорад. Он ба Ӯ тааллуқ дорад. Ӯ моро харид, бинобар ин дар ҳама ҳолат Ӯ ба мо ғамхорӣ мекунад. Мо фақат бо итоаткорӣ ва муҳаббат зиндагӣ мекунем.

Тарс дигар моро азоб намедиҳад, чунки одами мурдаро азоб додан ғайриимкон аст. Шумо метавонед ба одаме, ки дар гӯр хобидааст, бо туфанг таҳдид кунед, аммо ӯ ҳатто боре ҳам мижжа намезанад.

## Дар бораи дигарон чӣ?

Дар бораи шогирдони дигар чӣ гуфта метавонем? Зеро онҳо низ ба Петрус ҳамроҳ шуда гуфта буданд, ки аз инкор кардани Исо дида, беҳтараш ҷони худро қурбон мекунанд. Онҳо аз ин ҷувози равғанкашӣ чӣ тавр гузаштанд? Онҳо аз Петрус ҳам барвақттар гурехтанд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки чун сарбозон Исоро дастгир карданд, “ҳамаи шогирдон Ӯро вогузошта, гурехтанд” (Мат. 26:56).

Онҳо аз ҷони худ дар хавотир буданд ва назар ба дуо кардан хобро афзал донистанд. Вақте ки бори охир дар сари суфра бо Исо нишаста буданд, онҳо дар бораи он баҳсу мунозира карданд, ки дар байни онҳо кӣ бузургтар аст. Ҳама чиз чунон намудор мешуд, ки шогирдон намешуниданд, ё шунида наметавонистанд. Ҳама чизе, ки онҳо дар борааш фикр мекарданд, ин буд: “бо ман чӣ рӯй медиҳад?” Ҳангоми ин фишор муҳаббате, ки ба худ доштанд, намоён шуд.

Ниятҳои онҳо аз ниятҳои Петрус он қадар ҳам фарқ намекарданд. Фақат ин ки Петрус дар вазъияти боз ҳам мураккабтар қарор дошт, чунки аз паси сарбозон ба он ҷое рафт, ки Исоро бурданд.

## Асоси на ҳар гуна далерӣ муҳаббат аст

Шумо, шояд то ҳол сарфаҳм рафта наметавонед, ки Петрус шамшер дар даст барои муқовимат кардан бо артиши хурд аз куҷо далерӣ пайдо кард. Ман фикр мекунам, ки асоси далерии ӯ хоҳиши таърифу таҳсин шунидан аз дигарон буд. Вақте ки ӯ ба одамони атроф таассурот мебахшид, гул-гул мешукуфт. Дар ин бора фикр кунед. Зеро онҳо баҳс мекарданд, ки дар байнашон кӣ бузургтар аст. (Ва ин мавзӯъ аллакай на бори аввал мавриди

баҳсу мунозира қарор мегирифт. Шогирдон доимо бо якдигар мусобиқа мекарданд.) Петрус дар ин бора хотираҳои тоза дошт, ва ҳоло имкон ёфт, ки садоқати бузурги худро исбот кунад.

Аммо вақте ки ӯ дар назди гулхан бо хидматгорони саркоҳин менишаст, вай акнун дар иҳотаи рафиқони худ набуд, ва норасоии ҳақиқии ӯ ошкор шуд.

Дар ҳолатҳои пештара низ далерии Петрус фоида намедод. Боре ин ҳамон вақте рӯй дод, ки ӯ дар рӯи об равон шуд. Дар ҳоле ки ҳамаи дигар шогирдон нигоҳ карда меистоданд, ӯ хитоб кард: “Худовандо! Агар ин Туӣ, ба ман амр деҳ, то ки бар рӯи об назди Ту биёям” (Мат. 14:28). Петрус аз қаиқ баромад ва дар баҳр роҳ гашт. Эҳтимол, далерии ӯ аз таассуроте, ки ба рафиқони худ мебахшид, сарчашма мегирифт. Аммо, дар байни мавҷи пуртуғёни баҳр монда, ӯ ба Исо фарёд зад, то ки ӯро наҷот диҳад. Ба мавҷҳо қадам гузошта, ӯ дарк кард, ки ҳеҷ яке аз ҳарифони ӯ дар паҳлӯяш набуданд. Дар зери фишор монда, ӯ ба Исо фарёд кард, то ки ӯро аз ғарқ шудан раҳо кунад.

Бо эҳтимоли зиёд, Петрус фикр кард, ки Исо ӯро аз он вазъияте, ки дар боғ рӯй дод, низ халос мекунад, чуноне ки Ӯ пештар маротибаҳои зиёд карда буд. Ва ӯ ҳақ буд. Аммо на Петрус, ва на шогирдони дигар гумон накарда буданд, ки Исоро дастгир мекунанд. Гарчанде Исо ба онҳо бори зиёд гуфта буд, ки чӣ бояд рӯй диҳад, онҳо то ҳол фикр мекарданд, ки худи ҳозир Ӯ дар замин подшоҳии Худро барқарор мекунад (Аъм. 1:6; Мат. 16:21).

Дар ҳоле ки Худо он чиро, ки мо интизор ҳастем, иҷро мекунад, дилпур будан осон аст. Вале вақте ки Ӯ ғайричашмдошти мо амал мекунад, мо дудила мешавем. Чунин мешавад, ки дар ҳаёт ё хидматгузории мо ногаҳон чизе рӯй дода, моро дар ғафлат мегузорад, ва мо далерии худро аз даст медиҳем. Аксар вақт мо омода нестем, ки азобҳо, таъқиботҳо ва озмоишҳоро аз сар гузаронем. Ба мисли кӯдакон, мутобиқи сенарияи худ бо ҳаёти маъмулӣ зиндагӣ карда, худро бароҳат ҳис мекунем. Аммо вақте мо он чиро, ки мехоҳем, дар вақти дилхоҳ ва бо тарзи

дилхоҳ ба даст наорем, қалбҳои мо озмуда мешаванд. Агар ин озмоишҳо моро мағлуб кунанд, қалбҳои мо вазнин мегарданд. Шояд, вақте ки Худо ба мо чизи дилхоҳамонро аниқ медиҳад, ва ҳаёт пешгӯишаванда аст, мо дилпур ба назар мерасем. Вале агар ҳама чиз баръакс рӯй диҳад, ниятҳои ҳақиқии мо ошкор мешаванд. Иисус ин ҳолатро чунин шарҳ медиҳад:

> *Ҳамчунин кошташудагон дар санглох касоне мебошанд, ки чун каломро бишнаванд, дарҳол онро бо шодӣ қабул мекунанд, лекин дар худ реша надоранд ва ноустуворанд, ва чун аз боиси калом азияте ё таъқиботе рӯй диҳад, дарҳол ба васваса меафтанд (Марқ. 4:16-17).*

Диққат кунед, ки одамон аз сабаби надоштани реша, озмоишро паси сар карда наметавонанд. Мо чӣ тавр решаҳои худро мустаҳкам карда метавонем, то ки онҳо моро устуворона нигоҳ доранд? Мо бояд дар чӣ реша давонем? Дар Эфсӯсиён 3:17 гуфта мешавад, ки мо бояд дар дар муҳаббати Масеҳ шинонида шавем ва реша давонем. Муҳаббати ҳақиқӣ толиби манфиатҳои худ намебошад. Одамоне, ки муҳаббаташон реша надорад, вақте ки осон аст, онҳо дӯст доштанро давом медиҳанд. Онҳо бо Масеҳ маслуб нашудаанд, вале ба назди Исо барои он омадаанд, ки Ӯ ба онҳо чӣ дода метавонад, на барои он ки Ӯ Кӣ аст!

Он касоне, ки дар ҳақиқат дӯст медоранд, фақат Дӯстдори худро меҷӯянд ва он чиро, ки ба Ӯ писанд аст. Муҳаббат умедвориҳои дурӯғ надорад. Муҳаббат медиҳад. Ва вақте ки ҳаёт аз чашмдошти мо фарқ мекунад, ин ният дастнорас боқӣ мемонад. Муҳаббат рӯҳафтода намешавад, аз ин рӯ намеҳаросад.

Далерие, ки барои шикастани қуввати тарс ва бечуръатӣ лозим аст, бояд аз муҳаббат ба Худо сарчашма гирад. “Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст” (2 Тим. 1:7). Барои раҳо шудан аз бечуръатӣ қувват зарур аст, вале худ аз худ он ҳам кифоя нест.

Чуноне ки ман аллакай гуфтам, ман одамони тадҳиншудаеро дидаам, ки ҳангоми фишор ба зери беҷуръатӣ хам шудаанд.

Ақли солим, ё хирад, низ кофӣ нест. Рӯҳулқудс ба Петрус ошкор кард, ки Исо Масеҳ аст (Мат. 16:13-18). Аммо ин вақте рӯй дод, ки Петрус аз муҳаббати Худо, ки барои фидокорӣ қобилият медиҳад, пур буд. Мо дар боби минбаъда дар ин бора сӯҳбат мекунем.

*Боби 10*

# ХОҲИШ КИФОЯ НЕСТ

Илоҷи ягонаи мағлуб кардани беҷуръатӣ барбод додани ҳаёт аст.

Ниятҳои хуб кифоя нест. Петрус нишон додан мехост, ки ҳатто агар кор то ба марг расад ҳам, ӯ содиқ буда метавонад. Аммо қуввати хоҳишҳои ӯ барои ин кор кифоя нашуд. Тарсе, ки дар дил дошт, бар муҳаббате, ки ба Устод дошт, ғолиб омад. Исо бо ин масъала баъди эҳё шудани Худ машғул шуд.

Дар Инҷили Юҳанно, дар боби 21, Исо ба шогирдон зоҳир мешавад ва барои наҳорӣ нон ва моҳӣ омода мекунад. Сипас Ӯ се маротиба аз Петрус мепурсад: “Оё ту Маро дӯст медорӣ?” Ду дафъаи аввал Исо калимаи “агапе”-ро истифода бурд, ки маъноаш амал кардан дар муҳаббат мебошад. Аммо Петрус ҳар дафъа бо калимаи юнонии “филео” ҷавоб медод. Маънои ин калима бо дилбастагии қалбонӣ ё ҳисси муҳаббат маҳдуд мешавад, вале амалро намефаҳмонад.

Вақте ки Исо бори сеюм пурсид, Петрус зиқ шуд. Дар ин маротибаи сеюм Исо калимаи “филео”-ро истифода бурд. Дар ин савол Исо маънои муҳаббатро ба ҳиссиёт мувофиқ кард, на ба амал. Петрус безобита шуда, ҷавоб дод: “Худовандо! Ту аз ҳама чиз воқиф ҳастӣ; Ту медонӣ, ки Туро дӯст медорам” (Юҳ. 21:17). Суханони ӯ чунин маъно доштанд: “Ту медонӣ, ки ман нисбат ба Ту чиро ҳис мекунам”.

Аслан Исо дар аввал пурсид: “Оё ту Маро он қадар дӯст медорӣ, ки ҷони худро фидо кунӣ?” Ин мисоли муҳаббат аст, ки бо калимаи “агапе” ифода ёфтааст. Петрус софдилона ва бо фурӯтанӣ ҷавоб дод, ки муҳаббати ӯ дилбастагии эмотсионалӣ буд. Ба хотир оред, ки ӯ худи ҳозир Исоро инкор кард. Ӯ сустии худро дарк кард. Танҳо муҳаббати эҳсосотии ӯ кифоя набуд, ки ҷони худро фидо кунад. Ниҳоятан Исо аз Петрус пурсид: “Оё ту Маро ҳиссиётан дӯст медорӣ?” Исо мефаҳмид, ки Петрус он вақт пурра шикаста шуда буд ва ба муҳаббати “агапе” қодир набуд, аз ин рӯ чунин савол дод.

Исо бо ду савол чиро дар назар доштани Худро ба Петрус фаҳмониданӣ шуда, гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: вақте ки ҷавон будӣ, камаратро худат мебастӣ ва ба ҳар ҷо, ки мехостӣ, мерафтӣ; лекин вақте ки пир шавӣ, дастҳоятро дароз хоҳӣ кард, ва дигаре туро баста, ба он ҷое ки намехоҳӣ, туро хоҳад бурд. Чунин гуфт, то ишорат кунад, ки бо чӣ гуна фавт вай бояд Худоро ҷалол диҳад. Ва чун инро гуфт, ба вай фармуд: аз ақиби Ман биё” (Юҳ. 21:18-19).

Ман фикр мекунам, ки Исо ба Петрус тақрибан чунин гуфт: “Пештар ту бо қуввати муҳаббати эҳсосотӣ зиндагӣ карда, ноком мешудӣ, вале рӯзе мерасад, ки ту бо тарси бузургтарини худ рӯ ба рӯ мешавӣ ва онро бо қуввати муҳаббати комил ғалаба мекунӣ”. То ин дам Петрус он қадар дӯст медошт, ки қобилиятҳои инсониаш ба вай имкон медоданд, аммо ин қобилиятҳо ӯро ба нокомӣ оварданд. Барои пайравӣ кардани Исо Петрус бояд бо “агапе” муҷаҳҳаз мешуд. Ин намуди муҳаббат бо хоҳиши одамӣ пайдо намешавад, балки аз тарафи

Падар ба қалби мо рехта мешавад (Рум. 5:5). Муҳаббати Худо, яъне “агапе” аз ҷон фидо кардан ба дигарон наметарсад.

Исо Петрусро рӯҳбаланд карда, гуфт, ки вақте ӯ боз ба ҷувози равғанкашӣ меафтад, пирӯз шуда мебарояд. Ва барои иҷро кардани он қодир мешавад, ки пештар бо худбоварӣ қасам мехӯрд: Исоро инкор намекунад, балки барои Ӯ мемирад. Петрус аз бандҳои тарс ва беҷуръатӣ халос шуда, ба шахси дигар табдил меёбад.

Худо ин корро барои фоидаи мо ба амал меорад. Вақте ки мо ҳаросон мешавем, Ӯ моро устувор мегардонад. Ӯ ба мо имкон медиҳад, то бо чизе, ки аз он метарсем, на як маротиба вохӯрем, то даме ки ғолиб наоем. Қуввати худро то охир ба кор бурда, мо бо талаби қувват ба сӯи Ӯ фарёд мекунем. Бо ин қувват мо ноком намешавем, чунки муҳаббат ҳаргиз мағлуб намешавад (1 Қӯр. 13:8). Худо намехоҳад, ки мо аз сустиҳои худ гурезем. Ӯ мехоҳад, ки мо онҳоро далерона пешвоз гирем.

## Илтимос, маро аз ин раҳо кунед!

Павлус сарчашмаи худро медонист. “Ва барои он ки ман ба сабаби фавқулоддагии ин ваҳйҳо худро баланд нагирам, неше дар ҷисми ман ҷой дода шудааст, яъне қосиди шайтон барои нихта задани ман, то ки худро баланд нагирам” (2 Қӯр. 12:7).

Дар ин ҷо калимаи “қосид” истифода бурда шудааст. Ман фикр мекунам, ки дар ин ҷо фариштаи бадкор, ки шайтон барои зарар расонидан ба Павлус фиристодааст, дар назар дошта шудааст. Дар натиҷа, ҳар ҷо, ки Павлус мерафт, мушкилҳо рӯй медоданд. Дар 2 Қӯринтиён 11:24-27 баъзе нохушиҳо, ки Павлус рӯ ба рӯ мешуд, баён карда шудаанд:

> *Панҷ маротиба аз дасти яҳудиён як кам чилтагӣ тозиёна хӯрдам; се бор маро калтаккорӣ карданд, як карат сангсор карданд, се карат киштии ман ғарқ шуда, шабу рӯзро дар қаъри баҳр гузарондам; дафъаи бисёр дар сафарҳо будам, дар хатарҳои*

*дарёҳо, дар хатарҳои роҳзанон, дар хатарҳо аз ҷониби қавми худ, дар хатарҳо аз ҷониби халқҳо, дар хатарҳо дар шаҳр, дар хатарҳо дар биёбон, дар хатарҳо дар баҳр, дар хатарҳо дар миёни бародарони козиб, дар меҳнат ва дар аҷз, аксар вақт бе хоб, дар гуруснагӣ ва ташнагӣ, аксар вақт дар рӯзадорӣ, дар сармо ва дар бараҳнагӣ.*

Павлус дар ҳар ҷое, ки мавъиза мекард, ба хотири Инҷил бо таъқиботҳои пайдарҳам вомехӯрд. Занҷирҳо ва хатарҳо дар ҳар шаҳр ӯро интизор буданд. Ӯро бо қамчинҳо мезаданд, калтаккорӣ ва сангсор мекарданд, ғорат менамуданд, ӯ дар киштӣ ғарқ шуда буд ва ғ. Бо ҳамаи ин мушкилиҳо ӯ ба назди Худо меомад.

*Се маротиба ман ба Худованд тазаррӯъ намудам, ки онро аз ман дур кунад (2 Қӯр. 12:8).*

Ӯ беихтиёрона аз ин муқовиматҳо ва таъқибот халос шудан мехост. Худо ҷавоб дод:

*Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад (2 Қӯр. 12:9).*

Феълан Худованд мегуфт: "Павлус, аз Ман талаб накун, ки ин чизҳоро аз ту дур кунам, вале талаб кун, ки файз ва қуввати Ман туро бар он чизҳое, ки худи ту паси сар карда наметавонӣ, ғолиб гардонанд. Павлус, дар он ҷое, ки муқовимат вуҷуд надорад, дар он ҷо қувват ҳам лозим нест. Дар ҷанг танҳо бо муҳориба ғолиб омадан мумкин аст. Чӣ қадар муҳориба зиёд шавад, пирӯзӣ ҳамон қадар бештар мешавад. Сарбози ҳақиқӣ аз муноқишаҳо намегурезад, балки ба пешвози онҳо мебарояд".

Дар авҷи муҳориба вақти он нест, ки аз Худо талаб кунем, то Ӯ моро аз майдони ҷанг берун барад. Дар ин вақт файзи Ӯро талабидан лозим аст, то ки мо ба пирӯзӣ мушарраф шавем. Вақте мо бо он мушкилиҳое, ки бо кӯшишҳои инсонии худ паси сар

карда наметавонем, рӯ ба рӯ мешавем, Худо ҷалол меёбад. Он гоҳ қуввати Ӯ ба мо нозил мешавад, ва ҳама инро мебинанд. Файзи Худо ҳама гуна тарс ва монеаҳоеро, ки дучор меоем, мағлуб мегардонад! Бо чунин панди Худо худро рӯҳбаланд кунед:

> *Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад ва накҳати дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн мекунад (2 Қӯр. 2:14).*

> *Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо ғалаба бахшидааст! (1 Қӯр. 15:57).*

> *Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер? Чунон ки навишта шудааст: "Ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем, мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем". Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем (Рум. 8:35-37).*

Фотеҳ бо муқовимат вомехӯрад ва онро паси сар мекунад, дар майдони ҷанг парчами ғалабаро баланд мебардорад! Павлус инро маҳкам нигоҳ медошт, ва изтироби вай ба умед мубаддал шуд. Ӯ навиштааст:

> *Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад. Бинобар ин ман аз заъфҳо, озорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва ситамҳое ки ба хотири Масеҳ мебинам, дилшодам, зеро ки дар ҳолати заъф боқувватам (2 Қӯр. 12:9-10).*

Диққат диҳед, ки ӯ чӣ гуфтааст: "Ман дилшодам". То чӣ андоза мо одамонеро мебинем, ки дар вақти фишорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва мусибатҳо дилшоданд? Танҳо одаме, ки дар Масеҳ ниҳон аст (Ғал. 2:20), аз ин гуна чизҳо ҳаловат бурда

метавонад. Танҳо он касе, ки барои ҷалол додани Масеҳ зиндагӣ мекунад. Павлус медонист, ки барои устувор гардонидани худ ба файзи Худо такя карда метавонад, то ки Масеҳ бузургӣ ёбад.

Павлус Исоро бештар аз ҷони худ дӯст медошт. Ӯ ба мурдан омода буд, вале ба хотири ҷалол додани Ӯ боз ҳам бештар зиндагӣ кардан мехост! Ба ин сатрҳое, ки дар нома ба Филиппиён навишта шудааст, бо диққат нигоҳ кунед:

> *Ва ман яқин дорам ва умедворам, ки дар ҳеҷ хусус шарманда нахоҳам шуд, балки бо камоли ҷуръат ҳозир ҳам, чунон ки ҳамеша буд, Масеҳ дар ҷисми ман бузургӣ хоҳад ёфт, хоҳ дар ҳаёт бошад, хоҳ дар мамот (Фил. 1:20).*

Барои Павлус муҳим набуд, ки ӯ Масеҳро бо марг ҷалол медиҳад ё бо ҳаёт. Танҳо муҳим он буд, ки Масеҳ ҷалол ёбад. Павлус маргеро, ки бар асари беморӣ ё заъф фаро мерасад, дар назар надошт. Исо онҳоро дар салиб ба ҷои мо ба Худ гирифтааст. Бемориҳо ва заъфҳо Ӯро ҷалол намедиҳанд. Бовар кардан ба он, ки мо бар асари бемориҳо мурда, Исоро ҷалол медиҳем, нодуруст аст, ҳамчунон ки агар мо дар ғуломии гуноҳ бимирем, гӯё Исо ҷалол меёфта бошад. Ҳам ину ҳам онро Ӯ дар салиб ба Худ гирифт (Иш. 53:4-5). Дар Забур 102:2-3 гуфта шудааст: “Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон, ва ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун. Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад; ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад”. Чуноне ки мебинем, Павлус дар бораи бемориҳо ва заъфҳо ҳарфназадааст. Вале муносибати мо бояд чунин бошад: “Худовандо, муҳим нест, ки бо кадом роҳ, аммо Ту ҷалол хоҳӣ ёфт, роҳи писандидаи Худро интихоб кун, ва иблис бошад, ба ҳеҷ чиз соҳиб намегардад!”

Муҳаббати фидокоронаи Павлус чунон далериеро ба вуҷуд овард, ки ҳеҷ гуна беҷуръатӣ ба он монеа шуда наметавонист (Нигаред Фил. 1:20!). Ӯ чун медонист, ки дар ҳар шаҳр бо таъқибот ва хатарҳо вомехӯрад, шитоб мекард. Ӯ аз одамон наметарсид. Павлус ба пирони калисои Эфсӯс чунин гуфта буд:

*Ва инак, ҳоло бо тақозои Рӯҳ ба Ерусалим меравам ва аз он чи дар он ҷо ба сарам хоҳад омад, чизе намедонам, ҷуз ин ки Рӯҳулқудс дар ҳар шаҳр шаҳодат дода, мегӯяд, ки занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳайёст (Аъм. 20:22-23).*

Ин аст каломи нубувват! Аҷиб аст, ки оё имрӯз одамон чунин суханонро оид ба пешомадҳои номатлуби худ донистa, ба пеш ҳаракат мекунанд? Не, онҳо ин гуна суханонро шунидан намехоҳанд. Ба ҳамаи мо шунидани суханони нек писанд аст, аммо Худо дар бораи мушкилиҳо низ пешакӣ хабар медиҳад, то ки умед ва далериро фароҳам биёрад. Павлус бо чунин суханон навимондоронро тақвият медод: “мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем” (Аъм. 14:22).

Аҷиб аст, вақте ки мо чунин каломи нубувватро оид ба он, ки дар паси ҳар гардиш моро таъқибот ва муқовиматҳо интизоранд, шунида, чӣ ҷавоб медодем. Гарчанде, албатта, ман гуфтан намехоҳам, ки ҳар бор, вақте ки аз Худо каломи ҳақиқӣ мегирем, он ҳатман бояд ин гуна бошад.

Мушкилӣ дар он аст, ки бисёр суханони ба мо гуфташуда одамонро ба ҷустуҷӯи чизҳои нодуруст водор мекунанд. Ин суханони ширину гуворое мебошанд, ки дар бораи чӣ тавр дар кору хидмат муваффақият пайдо кардан ва дар ҳама чиз комёб гардидани одамон гуфта мешаванд.  Аксар вақт кор то ба ҷое мерасад, ки одамон танҳо барои он Худоро меҷӯянд ва ба Ӯ хидмат мекунанд, ки Ӯ ба нафъи онҳо чӣ кор карда метавонад. Муҳаббати онҳо ба он равона карда нашудааст, ки бо марг ё бо ҳаёт Ӯро ҷалол диҳанд. Диққат диҳед, ки Павлус ба суханони нубувват оид ба машаққату азобҳо чӣ ҷавоб дод:

*Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи Инҷили файзи Худоро ба хушӣ анҷом диҳам (Аъм. 20:24).*

Асоси ҷасорати Павлус дар он буд, ки ӯ ҳаёти худро ҳамчун як чизи қимат баррасӣ намекард. Ӯ ҳамчунин дарк карда буд, ки нақшаи Худо барои ҳаёти ӯ бо озмоишҳо ва таъқиботҳо рӯ ба рӯ шуданро дар бар мегирад. Муҳаббати ӯ ба Исо аз он муҳаббате, ки ба худи ҳаёт дошт, бузургтар буд. Павлус дар ҳаёти худ ба сӯи сирре мешитобид, ки ӯ онро “анҷом додани давиши худ” номида буд. Маънои ин суханон фидо кардани ҳаёти худ ва қабул кардани ҳаёти Масеҳ мебошад. Аксар вақт ин онро дар назар дошта метавонад, ки мо аз чизи қулай даст кашида, он чизеро қабул мекунем, ки ноқулай мебошад, яъне салибро.

## Оё шумо мутмаин ҳастед, ки инҷил амрикоӣ аст?

Ман медонам, ки чунин мулоҳизарониҳо ба масеҳияти муқаррарии ғарбӣ мувофиқ намеоянд. Ин аз мавъизаҳо ва тарзи зиндагоние, ки дар солҳои ҳаштодум ва навадум доштем, фарқ мекунад. Иқрор мешавам, ман яке аз аввалинҳое будам, ки аз ин сабаб пешпо мехӯрдам. Дар давоми даҳ соли охир ман танҳо барои он ба вазъиятҳои “равғанкашӣ” меафтодам, ки ниятҳои дили ман ошкор гарданд. Ба мисли Петрус, вақте ки ман ваъдаҳои хушку холӣ ва ҳолати ҳаққонии қалби худро медидам, рӯҳафтода мешудам. Дар чунин вазъиятҳои сершумор ман ба сӯи Худо бо илтиҷо овоз баланд мекардам, ки қалби маро дигар кунад. Ман барои озмоишҳои таҳкимбахш шукргузор буданро ёд гирифтам (1 Пет. 1:6-7) ва оятҳои зерини Китоби Муқаддасро возеҳтар фаҳмидам:

> *Пас, чи тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад, то ки боқии умри ҷисмониро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки мувофиқи иродаи Худо ба сар барад (1 Пет. 4:1-2).*

Машаққатҳоро паси сар карда, мо комил мешавем. Ман ҳоло дар бораи ғояи динии машаққат намегӯям. Ин ғоя

дар бораи он аст, ки беморӣ ва қашшоқиро бояд пазируфт, гӯё онҳо дар бораи хидматҳои мо дар назди Худо шаҳодат медиҳанд. Ҳамчунин ман машаққатҳоеро, ки аз сабаби ҷаҳолат ва рафтори нодурусти бешармона ба бор меоянд, дар назар надорам. Аз ин ба Худо ҷалол зам намешавад! Машаққатҳое, ки мо бо онҳо дучор мешавем, бояд он гуна бошанд, ки Масеҳ аз сар мегузаронид, - озмоиш дар ҳар чиз, вале бе гуноҳ (Ибр. 4:15). Машаққатҳое, ки Петрус тасвир кардааст, муқовимате мебошад, ки одам ҳангоми дар зери фишори ҷисми худ ё одамони дигар мондан вомехӯрад, то ки ӯ на бо он роҳе, ки Худо ӯро раҳнамун кардан мехоҳад, равон шавад. Агар мо дар муҳаббати Исо реша надавонда бошем, он гоҳ беҷуръатӣ ва тарс бартарият ёфта метавонанд.

Ба мисли Петрус, ман то он дам Исоро пайравӣ кардан мехоҳам, ки на танҳо бо сухан гуфта тавонам, ки ҳаёти ҷисмонии худро ба Ӯ мебахшам, балки то даме, ки ман омода мешавам, то барои ҳаёт ва ҳавасҳои худ маргро қабул кунам. Бигзор ягона Ӯ ҷалол ёбад! Танҳо бо файзи Ӯ ба ин муяссар шудан мумкин аст. Ӯ файзи Худро ба фурӯтанон медиҳад (Яъқ. 4:6). Маҳз барои ҳамин Павлус дар байни таъқиботҳо чунин гуфта метавонист: “Ман аз онҳо дилшодам”. Бубинед, ки ҳавворӣ Яъқуб дар бораи онҳое, ки иблисро мағлуб кардаанд, чӣ мегӯяд:

> *Онҳо бар вай ба василаи хуни Барра ва каломи шаҳодати худ ғолиб омаданд ва ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд (Ваҳй 12:11).*

Ман мешунидам, ки чӣ тавр ин ҷои Навиштаҷотро такрор ба такрор зикр мекарданд. Аммо фақат қисман. Аксар одамон хеле барвақт бозмеистанд: онҳо қисми охиринро сарфи назар мекунанд. Ин порча дар фарҳанги ғарбии мо маъмул нест. Вале мо ҳеҷ гоҳ, то даме ки аз гиромӣ доштани ҷонҳои худ даст накашем, дар муҳориба бо беҷуръатӣ ғолиб намеоем. Агар мо ҳаёти худро дӯст дорем, пас илоҷ мекобем, ки онро халос кунем. Мардон ва занони Худо, ҳоло шумо ҳақиқатро медонед:

Танҳо як илоҷи мағлуб кардани беҷуръатӣ мавҷуд мебошад, - аз даст додани ҳаёти худ. Инро хонда, ба Худо фарёд кунед. Ақибнишинӣ накунед, балки ҷуръатмандона бовар кунед. Аз Ӯ биталабед, ки қалби шуморо аз муҳаббат, - муҳаббати Ӯ, ки ҳеҷ гоҳ хотима намеёбад, пур кунад. Аз Ӯ файз талаб кунед, то монеаҳоеро, ки дар роҳи зиндагӣ дучор меоед, паси сар карда тавонед. Аз Ӯ имтиёзи дар ҷойҳои мушкил буданро дархост кунед. Дуо кунед, то дар маркази он корҳое бошед, ки Ӯ дар рӯи замин ба амал меорад. Ҳаёти осонро талаб накунед. Беҳтараш он гуна ҳаётро талаб кунед, ки Ӯро ҷалол медиҳад.

## “Оқибати ин чӣ хоҳад буд?”

Биёед ба он лаҳза бармегардем, ки Исо пас аз эҳё шуданаш барои шогирдон наҳорӣ омода карда буд. Пас аз наҳорӣ Исо ба Петрус дар бораи баракатҳо нубуввват накард. Баръакс, суханони Исо ваъдаҳоеро дар бар мегирифтанд, ки Петрус тарси бузургтарини худро мағлуб мекунад ва дигар ҳавасҳои шахсиашро бо қуввати худ пайравӣ намекунад. Исо ба Петрус гуфт, ки ӯ ҳамчун азияткаш мемирад, аз рӯи садоқат ба Исо ҷони худро фидо мекунад. Петрус он чизро ба даст меорад, ки пештар бо он ҳатто вохӯрда наметавонист. Исо Петруси навро, онеро дид, ки табдил меёбад. Ӯ кори ба анҷом расидаро дид.

Петрус ҳоло ҳам тайёр набуд. Дар бораи он чизе, ки бояд рӯй диҳад, шунид, ва тоб хӯрда ба ҳаворӣ Юҳанно рӯ овард, ва аз Исо пурсид: “Худовандо! Оқибати ин чӣ хоҳад буд? (Юҳ. 21:21). Петрус ҳанӯз ҳам худро бо дигарон муқоиса мекард. Дар асл ӯ чунин гуфт: “Агар ман ин чизҳоро паси сар кунам, вай чӣ кор бояд кунад?”

> *Исо ҷавоб дод: “Агар хости Ман ин бошад, ки то вақти омаданам вай бимонад, ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз ақиби Ман биё” (Юҳ. 21:22).*

Ба ибораи дигар, ин муҳим нест. Худро бо дигарон муқоиса накун. Ҳамту Маро пайравӣ кун! Он қадар одамони зиёд ҳаёт ва хидматгузории худро бо он чен мекунанд, ки

дигарон чӣ мегӯянд ва чӣ кор мекунанд. Охир шумо худро бо ченакҳои нодуруст чен намекунед-ку. Дар байни сантиметр ва километр фарқи калон ҳаст. Бисёр одамон дар калисоҳои мо чунон зиндагӣ мекунанд, ки ба онҳо писанд аст, яъне осон ва бароҳат. Вақте ки мо худро бо якдигар муқоиса мекунем, хеле нармакаку гармакак метобем. Ин ҳузуру ҳаловати дурӯғин ва имкони чунин гуфтан аст: "Ман аз дигарон бад нестам". Фиребе мавҷуд аст, ки агар аҳволи ту хуб бошад, пас аҳволи ман ҳам хуб аст. Вале мо танҳо як меъёр, як воҳиди ченкунӣ дорем. Мо ба сифати меъёр на воизони дигар, на калисоҳои дигар, на хоҳару бародаронамонро истифода мебарем. Меъёри мо Исо аст! Охир Ӯ ба Петрус "Юҳанноро пайравӣ кун" нагуфт-ку. Ӯ гуфт: "Маро пайравӣ кун!"

Роҳе, ки Исо тай мекард, роҳи худинкоркунӣ буд. Барои пайравӣ кардани Исо танҳо ният ва хоҳиш кифоя нест. Шумо бояд амал кунед. Порчаи зеринро хонед:

> *Пас мардумро бо шогирдонаш назди Худ хонда, гуфт: Ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд: зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад (Марқ. 8:34-35).*

Нигоҳ кунед, Ӯ гуфт, ки агар хоҳиши шумо наҷот додани ҳаёт бошад, пас онро аз даст медиҳед! Инро бинед-а! Хоҳиши соҳиб шудан ба чиз, ки ҷаҳон ба он саъй мекунад, - ҳатто агар шумо онро ҳеҷ гоҳ ба даст намеоред, - ҳаёти шуморо барбод медиҳад. Аммо бо диққат нигоҳ кунед, ки Исо дар идомаи суханаш чӣ мегӯяд:

> *Ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад (Марқ. 8:35).*

Диққат кунед, ки Ӯ "касе хоҳад, ки ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад" нагуфт. Хоҳиш кифоя нест! Петрус ҳамон шабе, ки Исоро инкор кард, Ӯро пайравӣ кардан мехост. Аммо ниятҳои

ӯ на муҳаббати Худоро дошту на қуввати Худоро. Бинобар ин вай мағлуб шуд.

## Дили худро тафтиш кун

Вақте ки хонда истодаед, ниятҳои худро тафтиш кунед. Шумо шогирди ҳақиқии Исои Масеҳ ҳастед, ё бо шартҳои худ Ӯро парастиш кардан мехоҳед? Оё аз худқурбонкунӣ дур шуда, дар маҳдудиятҳои худ боқӣ мемонед? Оё имкон дорад, ки ин маҳдудиятҳо шуморо аз роҳҳои Исо боздоранд ва дар натиҷа барои Подшоҳии Худо ношоям гардонанд (ниг. 2 Қӯр. 13:5)?

Барои қарор қабул кардан, ки Исоро пайравӣ кунем ё не, мо пешакӣ бояд нархро донем. Бале ҳамин тавр. Ин роҳ арзише дорад. Он аз тамоми ҳаёти шумо дида, камтар чиз талаб намекунад. Бишнавед, чӣ тавр Исо ба издиҳоме, ки Ӯро пайравӣ кардан мехостанд, инро мефаҳмонад.

> *Бо Ӯ мардуми бисёре равона буданд; ва Ӯ ба онҳо рӯ оварда, гуфт: агар касе назди Ман ояд ва аз падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин аз ҷони худ нафрат накунад, вай наметавонад шогирди Ман бошад; Ва ҳар кӣ салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намекунад, наметавонад шогирди Ман бошад; зеро кист аз шумо, ки бурҷе сохтанӣ шуда, аввал нишаста харҷи онро ҳисоб накунад, ки оё ӯ имконияти ба анҷом расондани онро дорад, ки мабодо, баъд аз ниҳодани таҳкурсии он, ба тамом карданаш қуввати ӯ нарасад, ва ҳамаи касоне ки инро мебинанд, ӯро тамасхур кунанд ва гӯянд: "ин шахс ба сохтан шурӯъ намуд ва ба тамом кардан қувваташ нарасид?"... Ҳамчунин ҳар яке аз шумо, агар аз тамоми доротии худ даст накашад, наметавонад шогирди Ман бошад (Луқ. 14:25-30, 33).*

Ана, то охир сабр кардан, чӣ арзиш дорад. Чуноне ки мо худи

ҳозир дар китоби Ваҳй хондем, онҳое, ки ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд, ғалаба мекунанд. Мутаассифона, ин манзара тасвири аниқи калисои имрӯзаи Амрико намебошад.

Ман дар бораи он, ки масеҳиён, мардон ва занон, ҳанӯз ҳам ҳаёти худро  гиромӣ медоранд, бисёр мисолҳо оварда метавонам. Вақте ки ман шубон будам, як ҷавондухтаре ба наздам омада, шикоят кард: “Шубон Ҷон, ман дар бораи худам тасаввуроти хеле нохуш дорам. Дуо кунед, ки ман дар бораи худам фикри беҳтар дошта бошам”.

Ман ба вай нигоҳ кардам ва гуфтам: “Дар асл мушкилии шумо ҳамин аст!”

Вай ҳайрон шуд. Ҷавондухтар ба машварати тӯлоние, ки мебоист бо дуо анҷом ёбад, омода буд. Ӯ умед дошт, ки ман бо нармдилию меҳрубонӣ сӯҳбат мекунам, то ки вай худро нағз ҳис кунад. Ҷавоби ман ӯро ба тааҷҷуб овард. Вале ҳақиқате, ки моро озод мекунад, ҳамин гуна аст: дар бораи мушкилӣ сухан наронда, бо решаҳои он сарукор кардан лозим аст.

Ман ба ӯ савол додам: “Шумо дар куҷои  Китоби Муқаддас дидаед, ки оиди худэҳтиромкунӣ ва муносибати нағз кардан ба худ зикр карда шудааст? Исо гуфтааст, ки барои пайравӣ кардани Ӯ шумо бояд бимиред! Оё шумо ягон бор мурдаеро дидаед, ки дар тобут нишаста, мегӯяд: “Эй! Барои чӣ шумо маро ба ин агрегат тиққондед? Ин ба ман маъқул нест! Барои чӣ мӯи маро ин тавр шона кардед? Одамон чӣ фикр мекунанд?”

Ман ба ӯ нишон додан хостам, ки худэҳтиромкунӣ ва муносибати нағз кардан ба худ аз Китоби Муқаддас нест. Барои муҳаббат доштан ба Исо ва пайрави кардани Ӯ муносибати нағз кардан ба худ талаб карда намешавад. Он ҷавондухтар ба чизи муваққатӣ нигоҳ мекард, на ба чизи абадӣ.

Мо танҳо вақте ки худро хуб ҳис мекунем, вақте ки ба ваҷд меоем ё ҳама чиз мувофиқи хоҳиши мо пеш меравад, ба Худо хидмат карда наметавонем. Мо одамонеро, ки чунин рафтор мекунанд, “дӯстони мавсимӣ” ном гузошта метавонистем. “Масеҳиёни мавсимӣ” низ ҳастанд. Онҳо оқил нестанд. Дар

ниҳояти кор, онҳо маҷбур мешаванд бо чизҳое рӯ ба рӯ гарданд, ки ба тасаввуроти онҳо мувофиқ намеоянд. Ин дар ҳама гуна зинаи роҳравии онҳо бо Худо рӯй дода метавонад. Агар онҳо тайёр набошанд, пас таслим мешаванд. Онҳо метавонанд ба калисо раванд, чизҳои дурустро эълон кунанд, ушру ионат диҳанд, бо забонҳо сухан ронанд, аммо дар қалбҳои худ онҳо пайравӣ кардани Худоро инкор кардаанд. Муҳаббати Худо сарҳад надорад. Агар мо дар ҳақиқат бо Ӯ роҳ равем, бояд ҳама гуна маҳдудиятҳои худро  бартараф кунем.

## Инсони дигаршуда

Вақте ки мо Петрусро дар китоби Аъмол мебинем, базӯр бовар мекунем, ки ин ҳамон шахсе аст, ки савганди садоқат хӯрд ва дар назди хидматгорзан Исоро инкор кард. Ӯ аз Рӯҳулқудс пур шуда, дар назди тамоми сокинони Ерусалим ҷуръатмандона ва далерона Исоро Худованд ва Масеҳ хонд. Ӯро дастгир карда, ба назди сардорон ва пешвоёне оварданд, ки Исоро маслуб карда буданд. Акнун ӯ на дар назди хидматгорони онҳо меистод, балки дар назди худи шӯрое, ки Исоро ба марг маҳкум карда буд. Ӯ ба онҳо нигоҳ кард ва бо ҷасорати бузург гуфт: “Шумо Исои Масеҳро маслуб кардед, ва дар ҳеҷ кас наҷот нест, магар ин ки ба василаи Ӯ” (ниг. Аъм. 4:8-12).

Ҷасорати Петрус ва Юҳанно синедрионро ба ҳайрат овард, ва онҳо бар зидди коре, ки Худо ба амал меовард, чизе гуфта натавонистанд. Ин одамон барои назорат аллома буданд. Бинобар ин онҳо ба таҳдидкунӣ сар карданд.

Байни  ҳамдигар онҳо мегуфтанд: “Аммо барои он ки бештар аз ин дар миёни мардум овоза нашавад, бояд онҳоро сахт таҳдид кунем, ки дигар ба ҳеҷ кас дар бораи ин исм гап назананд” (Аъм. 4:17).

Ба хотир оред, ки ба наздикӣ ин пешвоён Исоро маслуб карда буданд. Ва Исо аллакай ба Петрус гуфта буд, ки ӯ ба мисли Исо мемирад. Ва ин танҳо таҳдид набуд. Вале дар пешорӯи марг Петрус ва Юҳанно далерона изҳор мекарданд: “Худатон

ҳукм кунед, оё дар назари Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем? Мо наметавонем аз гуфтани он чи дидаем ва шунидаем, даст кашем” (Аъм. 4:19-20).

Агар Юҳанноро ба ҳисоб нагирем, Петрус дар назди синедрион танҳо меистод. Касеро ҳайрон кардан ё ба хашм овардан лозим набуд. Аммо акнун ӯ аллакай дорои навъи дигари ҷасорат буд. Он аз муҳаббате, ки ӯ ба Исо дошт, ғизо мегирифт. Петрус ва Юҳанноро раҳо карданд, ва онҳо ба шогирдон ҳамроҳ шуда, дар бораи он чизе, ки рӯй дод, ва дар бораи таҳдидҳое, ки онҳо дучор шуданд, хабар расониданд. Ва нигоҳ кунед, ки ин бачаҳо чиро аз Худо талаб доранд:

> *Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба бандагони Худ ато фармо, то ки бо камоли ҷасорат каломи Туро баён кунанд, дар сурате ки Ту дасти Худро барои шифо бахшидан ва барои нишон додани аломоту мӯъҷизот ба исми Писари Муқаддаси Худ Исо дароз бикунӣ (Аъм. 4:29-30).*

Ин одамон аз Худо боз чизҳои аз он бузургтареро талаб карданд, ки онҳоро ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ намуда буданд. Онҳо медонистанд, ки мавъизаи Инҷил ҳаёти онҳоро ба хатар меандозад. Вале онҳо мавъиза карданро давом медоданд, ва Худо амин буд, ва онҳоро бо мӯъҷизаҳои бузург тақвият медод. Онҳо имкон надоданд, ки атоҳои онҳо аз сабаби тарс ва беҷуръатӣ беамал монад. Қуввати Худо он қадар пурзӯр буд, ки беморонро ба кӯчаҳои Ерусалим мебароварданд, ва вақте ки сояи Петрус ба онҳо меафтид, онҳо шифо меёфтанд (Аъм. 5:15).

Саркоҳинон ва синедрион таҳдиди худро иҷро карданд. Шогирдонро ҳабс намуданд ва ба маҳбас партофтанд. Саркоҳин гуфт: “Оё шуморо ба таври қатъӣ амр нафармудаем, ки ба ин исм таълим надиҳед? Ва инак, шумо Ерусалимро бо таълимоти худ пур кардаед” (Аъм. 5:28).

Ва боз Петрус далерона ҷавоб дод:

*Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод; Худои падарони мо Исоро эҳё кард, ки шумо Ӯро ба дарахт овехта, кушта будед: Худо Ӯро ба ямини Худ боло бардошта, Сарвар ва Наҷотдиҳанда гардонд, то ки ба Исроил тавба ва омурзиши гуноҳҳоро ато фармояд; мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудс аст, ки Онро Худо ба фармонбардорони Худ бахшидааст (Аъм. 5:29-32).*

Чӣ қадар ҷасорат! Шогирдон наҳаросиданд. Петрус акнун дар бораи раҳонидани ҷони худ андеша намекард. Ӯ аз худхоҳӣ озод ва аз Рӯҳулқудси Худо пур буд. Муҳаббати Худо қалби ӯро саршор мекард. Чуноне ки дар Румиён 5:5 навишта шудааст, “муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст”.

Маълум аст, ки Рӯҳулқудс муҳаббати Худоро ба қалби мо меорад. Вале ҳамчунин аз мисоли Петрус маълум аст, ки Рӯҳулқудс ба итоаткорон дода мешавад. Бисёр масеҳиён бе итоаткорӣ муҳаббат талаб мекунанд.

Бо забонҳои ғайр сухан рондан кафолат намедиҳад, ки муҳаббати Худо дар қалбҳои мо сокин мешавад. Аз Рӯҳулқудс пур шудан азсаргузаронии якдафъаина нест. Ва дар баробари ин муҳим нест, ки шумо Навиштаҷотро чӣ қадар хуб медонед ва чӣ қадар худ бо забонҳо ҳарф мезанед. Агар шумо дар назди Худо бо ҳаёти итоаткорона зиндагӣ накунед, муҳаббати шумо сард мешавад. Бар асари ҳар як беитоатӣ ин муҳаббат кам мешавад!

Исо гуфт, ки аломати замони охир он аст, ки ба сабаби афзудани шарорат ва беитоатӣ дар қалби бисёр масеҳиён муҳаббати Худо сард мешавад (Мат. 24:12). Муҳаббате, ки Исо дар назар дорад, - муҳаббати “агапе” мебошад. Танҳо онҳое, ки Исоро қабул кардаанд, ин муҳаббатро пайдо карда метавонанд. Имкон дорад, ки аз Рӯҳ пур шавем, вале муҳаббати самимии Рӯҳро надошта бошем!

Итоаткории Петрус ва Юҳанно ба онҳо ҷасорати бузург бахшид ва аз муҳаббат пур кард.

> *Ба гапи вай даромаданд ва ҳаввориёнро ҷеғ зада оварда, қамчинкорӣ карданд ва минбаъд ба исми Исо ҳарф заданро ба онҳо манъ карда, онҳоро озод намуданд. Онҳо аз шӯрои пирон баромада, хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Ӯ сазовори беҳурматӣ гардидаанд (Аъм. 5:40-41).*

Петрус ва Юҳанно дар назди сардорон наҳаросиданд. Баръакс онҳо пур аз шодӣ буданд. Онҳо акнун тамоман шогирдони дигар буданд, тамоман на онҳое, ки дар боғи Ҷатсамонӣ буданд. Онҳо шодӣ мекарданд, ки сазовори шарафу эътибори Худо гардиданд, ва имкон ёфтанд, ки муҳаббат ва садоқати худро нишон диҳанд. Муҳаббати Петрус акнун аллакай на ҳамту эҳсосотӣ буд, он дар тамоми шахсияти ӯ зоҳир мешуд.

"Foxe's Christian Martyrs of the Word" (нашриёте, ки дар бораи азияткашони имон маълумот медиҳад- шарҳ. тарҷ.) хабар медиҳад, ки Петрус шиканҷа карда шуда буд, чуноне ки Исо пешгӯӣ карда буд. Мегӯянд, ки вақте Петрусро маслуб карданӣ шуданд, ӯ гуфт: ман сазовор нестам, ки ба мисли Худованди худ бимирам". Бинобар ин пои ӯро ба боло гардонида, маслуб карданд! Петрус ин ҷаҳонро ҳамчун ғолиб тарк кард! Ҳаллелуёҳ!

# ТАРСИ ХУДО БАР ЗИДДИ ТАРСИ ОДАМӢ

Шумо ба касе хидмат мекунед, ки аз вай метарсед.

Ҳар чизе, ки мо то ин дам хондем ва омӯхтем, моро дар мубориза бар зидди беҷуръатӣ ба лаҳзаи ҳалкунанда меорад. Ин на танҳо ҳангоми ба таҳдид рӯ ба рӯ шудани мо, балки барои ҳамаи соҳаҳои ҳаёт муҳим аст. Ман ҳоло дар бораи тарси Худованд ҳарф мезанам.

Калисо чӣ будани тарси Худовандро намефаҳмад. Ва ин хеле таассуфовар аст, зеро ин фаҳмиш ҷузъи аҳамиятноки ҳаёти пирӯзмандонаи масеҳӣ мебошад. Ишаъё дар бораи Исо нубувват карда, гуфта буд: “Ва рӯҳи худотарсӣ Ӯро пур хоҳад кард” (Дар Китоби Муқаддаси англисӣ – “Ва дар тарси Худо ҳаловат мебарад”. – шарҳ. тарҷ.) (Иш. 11:3). Ҳаловати Ӯ бояд аз они мо низ бошад!

Одами худотарс ба роҳҳои Худо раҳнамун карда мешавад (Заб. 24:12). Ин гуна одам “дар некӣ сокин хоҳад шуд, ва зурёти вай вориси замин хоҳанд буд” (Заб. 24:13).

Гуфта шудааст, ки тарси Худованд ибтидои ҳикмат ва ибтидои маърифат аст (Мас. 9:10; 1:7; 2:5). Он айёми умри моро зиёд мекунад (Мас. 10:27). Моро огоҳ мекунанд, ки бидуни қудсият, ки бо тарси Худо комил мегардад, ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид (Ибр. 12:14; 2 Қӯр. 7:1). Ин танҳо мисоли он аст, ки Китоби Муқаддас дар бораи тарси Худованд мегӯяд.

Усули ягонаи он, ки чӣ тавр мо озодона аз беҷуръатӣ зиндагӣ карда метавонем, аз он иборат аст, ки дар тарси Худованд роҳ равем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааает: “Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст” (Мас. 14:26). Дилпурӣ далериеро ба вуҷуд меорад, ки барои пайравӣ кардани роҳҳои Худо зарур аст, на роҳҳои одамӣ. Биёед фарқи тарси Худоро аз тарси одамӣ меомӯзем.

## Фарқ кардани тарси Худо аз тарси одамӣ

Аввалан, тарси Худо чӣ аст? Ин аз ҳамту ҳурмат кардани Ӯ бузургтар аст. Маънои аз Ӯ тарсидан Худоро дар мақоми ҷалол, эҳтиром, шукргузорӣ, иззату икром, ситоиш ва бартарият, ки Ӯ сазовор аст, қарор додан мебошад. (Диққат кунед, ки Ӯ на он чиро сазовор аст, ки мо фикр мекунем.) Вақте ки мо Худоро эҳтиром мекунем, Ӯ чунин мақомро дар ҳаёти мо ишғол мекунад, ва хоҳишҳои Ӯ назар ба хоҳишҳои мо бартарӣ меёбанд. Мо бояд он чизеро, ки Ӯ бад мебинад, бад бинем, он чиро, ки Ӯ дӯст медорад, дӯст дорем, дар ҳузури Ӯ ва Каломаш ба тарсу ларз оем.

Дуввум, дида мебароем, ки тарси одамӣ чӣ гуна аст. Аз одамон тарсидан  маънои дар изтироб, ташвиш, бим, шубҳа ва ҳаросон аз одами миранда зиндагӣ карданро дорад. Дар асорати ин гуна тарс, мо аз дард ва сарзанишҳо пинҳон шуда, дар ташвишу изтироб зиндагӣ мекунем ва доимо аз радшавӣ ва муқовимат канора меҷӯем. Мо он қадар машғули ҳифзи

худамон ва хидмат ба мардум мешавем, ки дар хидмати Худо самарнок буда наметавонем. Аз тарси он, ки одамон ба мо чӣ кор карда метавонанд, мо ба Худо он чиро, ки Ӯ сазовор аст, дода наметавонем.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "Тарсончакии одам ба дом меоварад" (Мас. 29:25). Дом ин тузоқ аст.

Тарс аз одамон қудратеро, ки Худо ба шумо додааст, медуздад. Атои Ӯ беамал мешавад. Шумо худро барои иҷрои ягон кори дуруст беқувват ҳис мекунед, чунки қудрати Худо амал намекунад. Дар Ишаъё 51:7-13 моро огоҳ мекунанд: "Маро бишнавед, эй адолатшиносон, эй қавме ки шариати Ман дар дили шумост! Аз мазаммати мардум натарсед, ва аз таҳқири онҳо наҳаросед... Ту кистӣ, ки аз одаме, ки миранда аст ва писари одам, ки чун алаф аст, ҳаросон мешавӣ ва Худованди Офаридгори худро фаромӯш мекунӣ".

Вақте ки мо ба одамон писанд омадан мехоҳем, то ки аз шармандагӣ гурезем, мо Худовандро фаромӯш месозем. Мо хидматгузориро ба Ӯ тарк мекунем. "Агар ман ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам" (Ғал. 1:10).

Шумо ба касе хидмат мекунед ва тобеъ мешавед, ки аз вай метарсед! Агар аз одам тарсед, ба вай хидмат мекунед. Агар аз Худо тарсед, ба Ӯ хидмат мекунед. Шумо агар аз одам тарсон бошед, наметавонед аз Худо битарсед, чунки ба ду хоҷа хидмат кардан ғайриимкон аст (Мат. 6:24)! Аз дигар тараф, агар шумо аз Худо тарсон бошед, аз одам ҳаросон намешавед!

## Оё лозим аст, ки имондорони аҳди ҷадид аз Худо битарсанд?

Тарси Худо таълимоти мурдаи аҳди қадим намебошад. Ин роҳи ҳаёт аст. Агар шумо Худоро дӯст доред, танҳо аз Ӯ тарсон хоҳед буд. Тарси Худо ҳамаи тарсҳои дигарро фурӯ мебарад.

Вақте ман мешунавам, ки одамон дар бораи Худо он тавр гап мезананд, ки гӯё Ӯ бачаи дастёри онҳо бошад, ғамгин мешавам. Одаме, ки дар бораи Худо ин тавр гап мезанад,

Худовандро ба таври ҳаққонӣ намешиносад. Ҳатто шогирдони наздики Исо Ӯро Хоҷа ва Устод меномиданд (Юҳ. 20:28). Вақте ки мо ба Худованд густохона муносибат мекунем, тасаввуротро дар бораи мақоми шоистаи Ӯ гум мекунем.

Ин гуна муносибат моро ба он оварда мерасонад, ки беодоб мешавем. Ин падидаҳо ҳам дар калисо ва ҳам дар ҳаёти шахсии “имондорон” намоён ҳастанд. Онҳо худро имондор меноманд, вале тарзи ҳаёти онҳо дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад? Ман аксар вақт чун мебинам, ки одамон дар калисо чӣ гуна рафтор мекунанд, ғамгин мешавам. Пеш аз ибодат онҳо давутоз мекунанд, якдигарро тела медиҳанд, ва агар касе аз онҳо пеш гузарад, хашмгин мешаванд. Онҳо дар вақти ибодат гап мезананд ва ғалоғула мекунанд. Агар онҳо чунин ҳисобанд, ки ибодат хеле тӯлонӣ аст, ё он чизе, ки мешунаванд, ба онҳо маъқул намешавад, бархеста мераванд.

Набудани эҳтиром нисбат ба шубонҳо хеле изтиробнок аст. Дар бораи ходимони Худо бо ҳамон тарз сухан меронанд, ки дар рӯзномаҳо роҷеъ ба сиёсатмадорон ҳарф мезананд. Эҳтимол, рафтори бисёр ходимон назар ба мардони Худо бештар рафтори сиёсатмадоронро ба ёд меорад, вале ба ҳар ҳол, онҳо ходимони Худо мебошанд, ва Худи Ӯ онҳоро доварӣ хоҳад кард. Вақте ки мо аз Худо метарсем, хонаи Ӯ ва ходимони таъинкардаи Ӯро ҳурмат мекунем. Ҳатто баъд аз он ки Шоул ҳаштоду панҷ коҳинони Худовандро кушт, Довуд бар зидди тадҳиншудаи Худо шоҳ Шоул даст набардошт (1 Под. 22:11-23). Довуд аз Худо метарсид! Вақте ман мебинам, ки бисёр имондорон чиро мешунаванд, тамошо мекунанд ва мехонанд, ғамгин мешавам. Дар баъзе оилаҳо, ба назарам, дар байни он, ки онҳо чӣ тавр зиндагӣ мекунанд ва чӣ тавр ҷаҳон зинагӣ мекунад, ҳеҷ гуна фарқе нест. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки мутавозин, мӯътадил ва мақбул бошанд, ва зимнан фаромӯш кардаанд, ки он чиро, ки ҷаҳон “мӯътадил” мешуморад, Худо “мӯътадил” намешуморад. Агар шумо Худоро дар ҳақиқат дӯст доред ва танҳо аз Ӯ битарсед, шумо бо ҳаёти фидокорона зиндагӣ мекунед, на бо ҳаёти дунявӣ. Петрус огоҳ мекунад:

> *Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед, зеро ки навишта шудааст: "Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам". Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед (1 Пет. 1:15-17).*

Тарси Худо – илҳомбахши бузурге, ки шуморо аз шарорат нигоҳ медорад.

## Оё калисо метарсад?

Дар боби 2-юми китоби Аъмол шогирдон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, бо забонҳо ҳарф заданд ва нубувват карданд. Онҳо чунон саршор буданд, ки ҳамчун одамони маст рафтор карданд. Ханда ва шодӣ ин имондорони навро пур мекарданд. Худо ба онҳо қуввати тоза мебахшид. Ин кор ба Ӯ писанд аст. Ӯ на як Худои қасосгире аст, ки аз зулмат лаззат мебарад. Ӯ аз муҳаббат, меҳрубонӣ, қудсият, оромӣ ва фараҳ лаззат мебарад.

Шогирдон дар давоми чанд рӯзи минбаъда шоҳиди наҷот ёфтани шумораи зиёди одамон гардиданд. Аммо баъзе аз ин навимондорон ба Худованд ба хотири баракат омаданд, на ба хотири Он Кас, ки дар ҳақиқат Ӯ Кӣ аст. Бо мурури замон онҳо ба Худованд муносибати густохона мекардагӣ шуданд. Ин густохӣ ба он оварда расонд, ки онҳо ба чизҳои Худованд чунон муносибат мекардагӣ шуданд, ки гӯё ба чизи оддӣ муносибат карда истода бошанд. Онҳо дар ҳузури Ӯ ва каломи Ӯ ба тарсу ларз намеомаданд. Зуҳуроти инро мо дар боби 5-уми китоби Аъмол мебинем.

Зан ва шавҳар замини худро фурӯхта, ионат оварданд. Ин на ҳамаи он пуле буд, ки дар натиҷаи фурӯш ба даст омада буд. Аммо онҳо мехостанд, ки дар назари имондорони дигар обрӯ пайдо кунанд. Онҳо чизи намоёнро назар ба ростӣ дӯст доштанд ва аз Худо дида бештар аз одамон тарсиданд. Онҳо ионат оварданд, дурӯғ гуфтанд (бисёриҳо суханони онҳоро

ҳамчун “дурӯғи безарар” арзёбӣ карда метавонистанд), ва афтода, мурданд.

Онҳо барои он мурданд, ки дар ҳузури пурҷалоли Худо дурӯғ гуфтанд. Ман медонам, ва боварӣ дорам, шумо низ медонед, ки дар замони мо одамоне ҳастанд, ки айни ҳамин корҳоро дар назди воизон ба амал меоранд, аммо афтода намемиранд. Барои чӣ?

Ба фикри ман, барои он ки ҳузури Худо дар замони китоби Аъмол назар ба ҳозира пурқувваттар буд. Масалан, дар Аъмол навишта шудааст, ки зуд баъд аз ин воқеа Петрус дар кӯчаҳои Ерусалим роҳ рафт, ва аз сояи ӯ беморон шифо меёфтанд (Аъм. 5:15). Мо ин гуна мӯъҷизаҳоро дар замони худ намебинем.

Ман мутмаинам, ки вақте ҳузур ва ҷалоли Ӯ зиёд мешавад, воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки дар боби 5-уми Аъмол тасвир карда шудаанд. Нигоҳ кунед, ки пас аз афтода мурдани ин одамон, чӣ рӯй дод.

> *Тамоми аҳли калисо ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба ҳароси азиме афтоданд (Аъм. 5:11).*

Тарси амиқ ва эҳтиром ба Худо барқарор карда шуданд. Одамон дарк карданд, ки муносибати худро ба ҳузур ва тадҳини Худо аз нав ҳаллу фасл кунанд. Дар ёд дошта бошед, ки Худо чӣ гуфтааст:

> *Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт (Ибод. 10:3).*

## Вақте ки Худо хомӯш мемонад, қалби мо ошкор мешавад

Худо барои санҷидан ва такмил додани мо ҷалоли Худро нигоҳ медорад. Ҳатто агар ҳузури Ӯ зоҳир нашавад, оё мо ба таври шоиста рафтор мекунем? Аксар вақт калисои муосир ба мисли фарзандони Исроил рафтор мекунад. Ва дар асл ҳам,

чуноне ки Павлус мегӯяд, таҷрибаи онҳо барои мо ба таври намуна баён карда шудааст (1 Қӯр. 10:6).

Вақте ки Худо исроилиёнро баракат медод ва мӯъҷизаҳо ба амал меовард, онҳо ба ваҷд меомаданд. Вақте ки Худо баҳри Қулзумро ба ду тақсим карда, онҳоро ба тарафи дигари соҳил гузаронд, ва баъд душманонро ба об ғарқ кард, онҳо сурудҳо сароида, рақсу бозӣ карданд ва ғалабаро ҷашн гирифтанд (Хур. 15:1-21). Аммо, пас аз чанд рӯз, дар ҳоле ки қуввати Худо он қадар сахт аён набуд, ва хӯрокию нӯшокӣ ба охир мерасид, исроилиён ба Худо шиквакуниро сар карданд (Хур. 15:22).

Боз баъдтар Мӯсо қавмро ба кӯҳи Сино овард, то ки онҳоро ба Худованд тақдим кунад. Худо ба кӯҳ ба назди халқ фуруд омад. Ин як чизи махсусе буд: бо раъду барқ ва абри ғализ дар кӯҳ. Он гоҳ Мӯсо қавмро аз ӯрдугоҳ ба ҳузури Худо овард, аммо "тамоми қавме, ки дар ӯрдугоҳ буданд, ба ларза даромаданд" (Хур. 19:16). Онҳо ба даҳшат афтода, ақибнишинӣ карданд, - на аз тарси Худо, балки аз тарси ҷонҳои худ. Вақте ки Худо фуруд омад, маълум шуд, ки онҳо ҳаёти худро бештар аз Худо дӯст медоранд.

> *Онҳо ба Мӯсо гуфтанд: "Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем. Ва Мусо ба қавм гуфт: натарсед;*
>
> *зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед" (Хур. 20:19-20).*

Диққат кунед, ки тарси Худо ба мо бар зидди гуноҳ қувват мебахшад. Дар Масалҳо 16:6 гуфта шудааст: "Бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад".

Зимнан дар Хуруҷ 20:21 воқеаҳо идома меёбанд: "Ва қавм аз дур истоданд, ва Мусо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, наздик омад". Мӯсо ба Худо дар бораи он ки қавм чӣ гуфт ва чӣ тавр онҳо тарсиданд, нақл кард. Худо ҷавоб дод: "Суханони ин қавмро, ки ба ту гуфтанд, шунидам; ҳар он чи онҳо гуфтанд,

дуруст аст. Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд, то ки барои онҳо ва барои писарони онҳо ба сурати абадӣ некӯ бошад!” (Так. Шариат 5:28-29).

Бубинед, дар ҳоле ки Мӯсо ба Худо наздик мешуд, қавм ақибнишинӣ карданд. Дар ин ҷо фарқи байни Мӯсо ва қавм аён аст. Мӯсо аз Худо метарсид, аз ин сабаб ӯ далер буд. Одамон аз Худо наметарсиданд, бинобар ин аз тарс пур буданд. Тарси Худо шуморо ба ҳузури Худо ҷалб мекунад, на ин ки аз он дур месозад. Аммо тарси одамӣ шуморо водор мекунад, то аз Худо ва ҷалоли Ӯ дур шавед.

Вақте ки мо дар асорати тарс аз одамон ҳастем, мо худро на дар ҳузури Худо, балки дар ҳузури одамон бароҳат ҳис мекунем. Ҳатто дар калисо! Сабаби ин дар он аст, ки ҳузури Худо қалбҳои моро боз мекунад ва фошшавиро меорад.

## На Сино, балки Сион

Барои исбот кардани он, ки тарси Худо воқеияти аҳди нав мебошад, мо як ҷойро аз нома ба Ибриён дида мебароем: Шумо наздик наомадаед ба кӯҳе ки ламсшаванда ва оташфишон аст, ба торикӣ ва зулмот ва тундбод, ё ба овози карнай ва садои суханон, ки шунавандагонаш илтимос карданд, ки ба онҳо дигар сухане гуфта нашавад, зеро ба он тоб оварда натавонистанд, ки амр фармуда шуда буд... Балки шумо наздик омадаед ба кӯҳи Сион (Ибр. 12:18-22).

Аввалан, ба мо ёдрас мекунанд, ки дар кӯҳи Сино чӣ рӯй дод. Сипас дар бораи кӯҳе нақл мекунанд, ки мо ба наздаш омадем, ва Сион ном дорад. Пештар Худо дар замин, дар кӯҳи Сино, гап мезад. Ҳоло бошад,

ҳамон Худо аз осмон ба ин кӯҳи нав, Сион, гап мезанад.

> *Бохабар бошед, ки шумо низ аз сухангӯ рӯ нагардонед. Зеро, агар онҳое ки бар замин ба сухангӯ гӯш наандохтанд, аз ҷазо раҳо нашудаанд, пас алал-*

> *хусус мо, агар аз Ӯ, ки аз осмон сухан мегӯяд, рӯ гардонем, раҳо нахоҳем шуд (Ибр. 12:25).*

Ба калимаи “алалхусус” диққат кунед! Вақте ки мо ба садои Худо гӯш намедиҳем ва итоат намекунем, доварӣ барои мо сахттар мешавад. Файзе, ки дар аҳди нав дода шудааст, - на барои он дода шудааст, ки чӣ тавр хоҳем, зиндагӣ кардан гирем. Барои чӣ исроилиён овози Ӯро пайравӣ накарданд? Онҳо аз Худо наметарсиданд. Ҳоло ки хонда истодаед, инро дар хотир доред, ва шумо равшан мебинед, ки дар аҳди нав бо худи ҳамон сабаб одамон итоат намекунанд:

> *Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард, чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст (Ибр. 12:28-29).*

Нигоҳ кунед,  дар ин ҷо “бо таъзиму такрим ва тарс” гуфта шудааст. Агар тарси Худо танҳо аз таъзиму такрим иборат мебуд, муаллифи паём боз дар бораи тарси Худо низ наменавишт. Диққат кунед, ки муаллиф на бо суханони “чунки Худои мо Худои муҳаббат аст”, балки бо суханони “Худои мо оташи фурӯбаранда аст” тамом кард. Ин изҳорот дар бораи Худо мефаҳмонад, ки чаро Исроилиён аз ҳузури Худо дур шуданд. “Зеро ки ин оташи бузург моро хоҳад сӯзонид: агар мо боз овози Худованд Худои худро бишнавем, хоҳем мурд” (Так. Шариат 5:25). Худо дигар нашудааст! Ӯ ҳанӯз ҳам қуддус аст. Ӯ оташи фурӯбаранда аст!

Бале, албатта. Худо муҳаббат аст, вале Ӯ ҳамчунин оташи фурӯбаранда ҳам ҳаст. Дар калисоҳоямон мо муҳаббати Худоро таъкид мекунем ва дар бораи тарси Худо хеле кам мешунавем. Азбаски мо тамоми панду ҳикмати Худоро мавъиза намекунем, тасаввуроти мо оид ба муҳаббат таҳриф шудааст.

Муҳаббате, ки мо мавъиза мекунем, муҳаббати суст аст. Он барои ба ҳаёти фидокорона роҳнамоӣ кардани мо қувват

надорад. Он оташро хомӯш гардонда, моро ширгарм боқӣ мегузорад. Мо ба бачагони нозпарварде монанд мешавем, ки падари худро эҳтиром намекунанд! Агар мо дар тарси Худо ба камол нарасем, муносибатҳои мо бо Худо густохона мешаванд ва мо ба он чизҳое, ки Худи Ӯ муқаддас мешуморад, саҳлангорона муносибат мекардагӣ мешавем.

Ба ин оят бори дигар назар кунед: “Файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард” (Ибр. 12:28). Файз на танҳо барои он дода мешавад, ки бадрафторӣ ва гуноҳҳои моро пӯшонад; он барои он дода мешавад, ки мо ба таври шоиста ба Худо хидмат кунем. Ба таври шоиста, - яъне бо муҳаббат, эҳтиром ва тарс.

Павлус низ дар ин бора навиштааст: “бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред” (Фил. 2:12). Тарсу ларзи мо дар куҷост? Магар мо фаромӯш кардем, ки Худо Довар аст? Магар мо доварии Ӯро фаромӯш кардаем? Панди навбатиро бо диққат хонед.

> *Ғурур макун, балки битарс. Зеро ки агар Худо шохаҳои табииро (Исроилро) амон надода бошад, туро низ амон нахоҳад дод. Пас, меҳрубонӣ ва сахтгирии Худоро бубин: Ӯ сахтгир аст ба онҳое ки афтода ҷудо шудаанд, ва меҳрубон аст ба ту, агар дар меҳрубонии Ӯ бимонӣ; вагарна ту низ бурида хоҳӣ шуд (Рум. 11:20-22).*

Мо оид ба некӯии Ӯ мутахассис шудаем. Аммо набояд дар бораи некӯии Ӯ ғамхорӣ кунем. Мо ҳамчунин бояд сахтгирии Худоро низ дарк кунем. Меҳрубонии Ӯ моро ба қалби Худо наздик месозад, ва сахтгирии Ӯ бояд моро аз ғурур ва ҳама гуна маъсият нигоҳ дорад. Шахсе, ки танҳо меҳрубонии Худоро қабул мекунад, тарсеро, ки ӯро бояд аз ғурур ва рафтори дунявӣ раҳо кунад, фаромӯш месозад. Ва баръакс, шахсе, ки танҳо сахтгирии Худоро қабул мекунад, метавонад ба осонӣ ба доми шариатпарастӣ афтад. Ҳам муҳаббат, ва ҳам тарси Худо бояд моро дар пайроҳаи танги ин ҳаёт нигоҳ доранд.

Ман умедворам, шумо мефаҳмед, ки ман қасдан тарси Худоро таъкид месозам, чунки дар калисои муосир ин мавзӯъро сарфи назар мекунанд. Ман бо тамоми қалбам Худоро дӯст медорам, аз фарзанди Ӯ будан ва аз шарафи хидмат кардан ба Ӯ беҳад шодам. Ман медонам, ки маҳз меҳрубонии Худо моро ба тавба роҳнамоӣ мекунад (Рум. 2:4). Вале ҳамчунин ман медонам, ки тарси Худо ва доварии Ӯ моро аз гуноҳи дидаю дониста нигоҳ медорад.

> *Зеро, агар мо, пас аз пайдо кардани дониши ростӣ, худсарона гуноҳ кунем, — дигар қурбоние барои кафорати гуноҳ боқӣ намемонад, балки кадом як интизории пурдаҳшати доварӣ ва шиддати оташе ки хасмҳоро ба коми худ хоҳад кашид. Агар касе шариати Мусоро рад мекард, дар асоси баёноти ду ё се шоҳид бе марҳамат ба қатл расонда мешуд, пас, ба гумонатон, сазовори чӣ қадар ҷазои сахттар хоҳад буд шахсе ки Писари Худоро поймол мекунад ва Хуни аҳдро, ки аз он тақдис ёфтааст, азиз намедорад ва Рӯҳи файзро таҳқир менамояд? Зеро мо Ӯро мешиносем, ки гуфтааст: "Интиқом аз ҷониби Ман аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд". Ва боз: "Худованд қавми Худро доварӣ хоҳад кард. Ба дасти Худои Ҳай афтодан даҳшатангез аст!" (Ибр. 10:26-31).*

Вақте ки одам ба чизҳое, ки Худо муқаддас мешуморад, саҳлангорона ва густохона муносибат карданро сар мекунад, бо гуноҳ фирефта мешавад. Аксар вақт мо ба он чизҳое, ки Худо ҷиддӣ муносибат мекунад, саҳлангорона муносибат мекунем, аммо чизҳоеро, ки барои Худо муҳим нестанд, ҷиддӣ қабул мекунем. Мо барои бовиқор намудор шудан дар назди одамон ҷиддӣ ҳастем, аммо ин ҳамчун нияти қалби мо барои Худо тамоман аҳамият надорад.

Ман одамонеро медонам, ки дар гуноҳ мезистанд, вале ҳамеша мегуфтанд: "Ман Исоро дӯст медорам". Онҳо сатҳи рӯҳонияти худро бо ҳиссиёте, ки нисбат ба Исо доштанд, чен

мекарданд. Аммо онҳо оё Исоро ба қадри кофӣ дӯст медоштанд, то барои гуноҳе, ки онҳоро асир гардонда буд, бимиранд. Не, онҳо тарси Худо надоштанд!

Боре ман ба ҳабсхона барои хабаргирии ходиме рафтам, ки ба бадахлоқии шаҳвонӣ ва ҷинояткории молиявӣ гирифтор шуда буд. Ӯ гуфт: “Ҷон, ман доимо Исоро дӯст медоштам, ҳатто вақте ки фирефта шуда будам. Ӯ Наҷоткори ман буд, вале на Хоҷаи ман. Ин шахс дар зери таъсири тарс аз одамон қарор қабул мекард. Ӯ ба одамон писанд омадан мехост. Ӯ ба шарафи худ маросимҳои бошукӯҳ доир мекард. Ин ӯро ба ҷинояткории молиявӣ оварда расонд. Дар он ҳабсхона Худо ба ӯ муҳаббат ва раҳмати Худро нишон дод ва тарси Худовандро омӯхт. Ҳоло ӯ аз Худованд метарсад ва пурра барқарор шуд.

## Рад кардани таклифи Худо

Биёед ба мисоли кӯҳи Сино бармегардем. Ман чизеро таъкид кардан мехоҳам, ки одатан дигарон аз он бехабар мемонанд. Худо ба Мӯсо ва Ҳорун гуфт, ки якҷоя ба кӯҳ бароянд (Хур. 19:24). Мӯсо рафт, вале мо Ҳорунро бо баъзе сабабҳо дар ӯрдугоҳ мушоҳида мекунем! (Хур. 32:1). Ман фикр мекунам, ки Ҳорун ба ӯрдугоҳ баргашт, чунки ӯ худро назар ба ҳузури Худо дар ҳузури “имондорони” дигар бароҳат ҳис мекард. Оё мо дар калисоҳои имрӯза ин гуна нестем? Мо назар ба он, ки бо Худо вақт гузаронем, калисо рафтан, бо дигар масеҳиён муошират кардан, ба хидмат машғул шуданро афзалтар медонем. Мо аз ҳузури танҳо ба танҳои Ӯ мегурезем, ва ба ҷои он, бо умеди он, ки холигии қалби худро пинҳон кунем, худро бо одамон ё ягон навъ фаъолият андармон мекунем.

Еҳушаъ ибни Нун, баръакс, аз таҳти дил муштоқи Худо буд. Ӯ ба ҳузури Худо, чи қадаре ки имкон дошт, ҳамон қадар наздик будан мехост. Вақте ки Мӯсо бо Худо буд, Еҳушаъ дар доманаи кӯҳ чил рӯз нигарон истод (Хур. 32:17). Ӯ ба назди Худо чи қадаре ки тавонист, наздик омад, вале ба он ҷое, ки танҳо Мӯсо ва Ҳорун таклиф шуда буданд, нарафт. Еҳушаъ ибни Нун аз

Худо ба ҳадди кифоя метарсид, то ки худбовар ва бетакаллуф набошад.

Дар ҳоле ки Еҳушаъ ибни Нун дар поёни кӯҳ мунтазир буд, қавм дар ӯрдугоҳ тоқати худро гум мекард. Онҳо дар замини бегона буданд, ва пешвояшон онҳоро барои бештар аз як моҳ тарк карда буд, вале Худо ҳеҷ зоҳир намешуд. Онҳо ҳам ба Худо ва ҳама ба Мӯсо шубҳа карданд.

> *Ва қавм чун диданд, ки Мусо дар фуромадан аз кӯҳ даранг мекунад, қавм назди Ҳорун ҷамъ шуда, ба ӯ гуфтанд: бархоста, барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст (Хур. 32:1).*

Зоҳиран онҳо Худоро ҳурмат мекарданд ва аз Ӯ метарсиданд. "О, Мӯсо, Мӯсо, - илтиҷо мекарданд онҳо, - Ӯ барои мо беҳад бузург аст. Рав бо Ӯ сӯҳбат кун, ва он чиро, ки Ӯ мегӯяд, ба мо нақл кун. Мо мешунавем ва итоат мекунем". Онҳо диданд, ки Худо чӣ қадар боҳашамат ва тавоно аст, аммо дар асл, - азбаски барои худ бутҳоро бунёд карда буданд, аз Ӯ наметарсиданд. Ҳоло бошад, Худо хомӯш буд, ва хислати ҳақиқии онҳо ошкор мешуд.

Вақте ки Худо мӯъҷиза ба амал меорад ва қуввати Худро намоён мекунад, аз Вай тарсидан осон аст. Вале Худо он касонеро меҷӯяд, ки аз Ӯ метарсанд ва Ӯро эҳтиром мекунанд, ҳатто вақте ки Ӯ ҳузур ва қуввати Худро маълум намекунад. Ӯ мехоҳад, ки мо ба кӯдаконе монанд бошем, ки ҳатто агар падари онҳо назорат намекунад, итоат менамоянд. Итоати ҳақиқӣ он аст, ки ҳатто агар барои мушоҳида кардани мо дар атроф касе набошад ҳам, мо итоат мекунем!

Худо ба Исроил гуфт: "Оё на аз он сабаб ки Ман дер вақт хомӯш мондаам, ва ту аз Ман натарсидаӣ?" (Иш. 57:11). Феълан Худо мепурсад: "Барои чӣ қавми Ман аз Ман наметарсад?" Ва дар худи ҳамин ҷо ба саволи Худ ҷавоб медиҳад, ки қавм

аз Ӯ наметарсад, чунки чандин вақт Ӯ қуввати ваҳмангези Худро намоён накардааст. Ба ибораи дигар, вақте ки одамон аломотҳои аҷоиби Ӯро намебинанд, онҳо чунон рафтор мекунанд, ки гӯё Ӯ вуҷуд надорад. Хомӯшии Худо ниятҳои ҳаққонии қалби инсонро фош мекунад.

Имондорони ҳақиқӣ на дар натиҷаи хидматгузориҳои пуртадҳин ба камол мерасанд, балки дар биёбон, ҳангоми озмоишҳо. Одам дар зери фишор чӣ гуна бошад, дар асл низ ӯ ҳамон гуна аст. Нигоҳ кунед, ки Ҳорун дар чунин вазъият чӣ кор кард:

> *Ва Ҳорун ба онҳо гуфт: ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳои занон, писарон ва духтарони шумост, кашида, назди ман биёред. Ва тамоми қавм ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳошон буд, кашида, назди Ҳорун оварданд. Ва онҳоро аз дасташон гирифта, бо қалами ҳаккокӣ ба шакле даровард, ва гӯсолаи рехтае аз он сохт; ва гуфтанд: ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард! (Хур. 32:2-4).*

Онҳо аз баракатҳои Худо, аз ғаниматҳои Миср, ба худ бутҳо сохтанд. Аммо аз ҳама изтиробангезаш, ин корро Ҳорун, ки бояд ба кӯҳ мебаромад, ба амал овард. Ӯ овози Мӯсо буд. Пештар ӯ ҳамеша дар паҳлӯи Мӯсо меистод, шоҳиди ҳамаи мӯъҷизаҳои бузург ва мусибатҳо буд. Аммо акнун ӯ аз одамон тарсид, ва он чиро, ки онҳо талаб карданд, дод. Ӯ назар ба Худо аз одамон бештар метарсид, аз ин рӯ аз қавм ҳаросон шуд. Азбаски ӯ ҷасорат надошт, атои Худо беамал монд. Ин ӯро ба роҳбари заиф мубаддал кард. Вақте ки Мӯсо ӯро сарзаниш кард, Ҳорун қавмеро, ки ӯро ба ҳарос андохта буд, айбдор кард.

Ва Ҳорун гуфт: бигзор хашми оғоям аланга назанад; ту ин қавмро мешиносӣ, ки ба бадкорӣ омӯхта шудаанд. Ва онҳо ба ман гуфтанд: “Барои мо худое бисоз, то ки пешопеши мо равона шавад, зеро ки ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст“. Ва

ман ба онҳо гуфтам: "Ҳар кӣ тилло дорад, бикашад". Ва ба ман доданд, ва онро дар оташ андохтам, ва ин гӯсола баромад (Хур. 32:22-24).

Ҳорун масъулияти он кореро, ки ба амал овард, ба дӯши худ нагирифт. Бале, баҳое, ки ба қавм дод, дуруст буд. Ин идеяи онҳо буд, на аз они Ҳорун. Аммо аз сабаби тарс ӯ дигар барои шикастани беҷуръатӣ ва ба роҳи рост бурдани қавм ба таври кифоя қавӣ набуд. Ӯ ба тарсе, ки дар назди одамон дошт, асир гардида буд.

Роҳбароне, ки аз одамон метарсанд, ақибнишинӣ мекунанд ва ба онҳо он чизеро, ки мехоҳанд, медиҳанд, на он чизеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд! Ин гуна одамон тӯъмаи осони беҷуръатӣ мегарданд. Ва муҳим нест, ки ин роҳбар чӣ қадар зиёд мегӯяд, ки ӯ Худо ва қавми Ӯро дӯст медорад. То даме ки дар назди одамон гирифтори тарс аст, дар худ ва дар одамоне, ки ӯ роҳбарӣ мекунад, дигаргуниҳои ҳақиқиро намебинад!

Одаме, ки аз Худо метарсад, он чиро ба эътибор мегирад, ки Худо дар борааш мегӯяд. Шахсе ки аз одамон метарсад, бештар ба он чиз диққат медиҳад, ки дигарон дар бораи ӯ чӣ фикр доранд, вале на Худо. Ӯ бо мақсади он, ки одамонро ғамгин накунад, Худоро ғамгин мекунад.

Ман мушоҳида кардаам, ки роҳбарон чӣ тавр қарор қабул мекунанд, то ба одамони худ он чизеро, ки онҳо талаб мекунанд, бидиҳанд. Нияти онҳо обрӯи худашонро нигоҳ доштан аст. Албатта онҳо дар ин бора фикр накардаанд, ва эҳтимол, ҳатто ҳеҷ гоҳ дар ин бора гумон набурдаанд. Онҳо "Мо одамонро ранҷонидан намехоҳем", ё "Ин аз ҳама кори беҳтарине аст, ки барои ҳама карда метавонем" , ё "Агар мо ин корро анҷом диҳем, ба шумораи зиёди одамон хидмат карда метавонем" гӯён қарорҳои худро асоснок карданӣ мешуданд. Подшоҳии Худо демократия нест. Ин Подшоҳӣ аст. Обрӯ муҳим нест. Он шахсон ҳатто пай намебурданд, ки онҳо гирифтори тарс ва беҷуръатӣ мебошанд. Таконбахши амалҳои онҳо на муҳаббат ба одамон, балки муҳаббат ба худашон аст.

## Вақте ки мо аз Худо наметарсем, чӣ рӯй медиҳад?

Худо ба Мӯсо гуфт: “Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд” (Так. Шариат 5:29). Аммо қавм наметарсид. Ва нигоҳ кунед, ки чӣ рӯй дод. Баъди солҳои зиёде, ки дар биёбон сипарӣ шуд, вақти он расид, ки рафта, замини мавъудро забт кунанд. Худованд ба Мӯсо гуфт: “Одамонро аз ҷониби худ бифирист, то ки замини Канъонро, ки Ман ба банӣ-Исроил медиҳам, ҷосусӣ кунанд” (Адад. 13:2). Диққат кунед, ки Ӯ чӣ гуфт: “Ман медиҳам...” . Худо нагуфт: “Ҷосусӣ кунед ва бинед, ки оё заминро забт карда метавонед”.

Инак, Мӯсо онҳоро фиристод. Онҳо дар тӯли чил рӯз ҷосусӣ карданд ва фаҳмиданд, ки сокинони ин замин хеле хуб зиндагӣ мекунанд, шаҳрҳо калон буданд ва хуб ҳимоят карда мешуданд.

Ҳамаи дувоздаҳ ҷосусон айни ҳамон қавм, айни ҳамон артиш, айни ҳамон шаҳрҳои истеҳкомдор ва айни ҳамон бузургҷуссаҳоро диданд. Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб омода буданд, ки зуд амал карда, ваъдаи Худоро ба даст оранд. Аммо даҳ ҷосуси дигар аз чизҳое, ки диданд, ба тарс афтоданд. Онҳо фақат лашкари бузург ва азимҷуссаҳоро диданд, дар ҳоле ки Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб некӯӣ ва вафодории Худоро медиданд!

Ин даҳ ҷосусон ба қавм гуфтанд, ки забт кардани он замин ғайриимкон аст. Онҳо беш аз чаҳорсад сол ғулом буданд ва дар муқоиса бо он лашкаре, ки дар он ҷо диданд, таҷрибаи ҷангӣ надоштанд.

> *Ва чаро Худованд моро ба ин замин мебарад, то ки мо ба дами шамшер биафтем, ва занону кӯдакони мо ба асирӣ бурда шаванд? Оё барои мо беҳтар нест, ки ба Миср баргардем? (Адад. 14:3).*

Дар ин оят мо решаи тарси одамиро мебинем: магар ҳоли мо бад намешавад? Ин одамон ҳаросон шуданд, чунки фақат

дар бораи худ фикр мекарданд. Онҳо нагуфтанд: “Худо чиро беҳтар мешуморад?” Ба ҷои ин онҳо пурсиданд: “Барои мо чӣ беҳтар аст?”

Оё аз ин ҳам возеҳтар ифода кардан мумкин аст? Решаи тарс аз одамон муҳаббати худхоҳона аст. Агар шумо ҳаёти худро дӯст доред, саъй мекунед, ки онро нигоҳ доред. Ва аз он чизе, ки ба он таҳдид мекунад, метарсед.

Худо қавми Худро ба он ҷое овард, ки онҳо дар он ҷо ғайр аз итоат кардан ба Худо илоҷи дигар надоштанд. Ба назар чунин намудор мешуд, ки сокинони ин замини номаълум ба осонӣ онҳоро торумор мекунанд. Аммо ба ҷои он ки ба Худо эътимод кунанд, исроилиён чунин рафтор мекарданд, ки гӯё Худо онҳоро танҳо барои он аз Миср баровард, то ба канъониён иҷозат диҳад, ки онҳоро бикушанд. Албатта, ин хандаовар менамояд, вале мо ҳамаамон он вақтҳоеро аз сар мегузаронем, ки Худовандро бояд дар чунин вазъиятҳое пайравӣ кунем, ки ба назари мо хатарнок ва ба ҳаёти мо таҳдидкунанда метобанд.

Мо дар чунин шароитҳо танҳо дар он сурат Ӯро пайравӣ карда метавонем, ки дар дилҳои худ мутмаин бошем, ки Худо дар ҳақиқат нек аст. Танҳо дар Ӯ некӯӣ ниҳон аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ кореро ба хотири манфиати Худ ба амал намеорад, то ки ба мо азобу машаққатро раво бинад. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Худо ба чизҳо аз нуқтаи назари абадият баҳо медиҳад, дар ҳоле ки баҳои одамон аз ҳафтод-ҳаштод сол намегузарад.

## Радшавӣ аз ҷониби Худо ё одам?

Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун роҳи мушкилро интихоб карданд. Худо гуфт, ки онҳо рӯҳи дигар доштанд, ва онҳо Ӯро пурра пайравӣ мекарданд. Ҳамаи дигарон намехостанд, ки ба Худо итоат карда, ҳузури ҳаловати худро ба зери хавф гузоранд. Худо ба Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун вафодор буд. Онҳо дар байни тамоми насли худ ягона касоне буданд, ки ба замини мавъуд дохил шуданд (ниг. Адад. 14:24,30).

Одамоне, ки ҳаёти худро меҷӯстанд, онро аз даст доданд.

Худо ҳукми Худро бо чунин суханон эълон кард: “Ва ҷасадҳои шумо дар биёбон хоҳад афтод, то бидонед, ки аз таваҷҷӯҳи Ман маҳрум шуданатон чӣ маънӣ дорад” (Адад. 14:32,34). Вақте ту медонӣ, ки бисёриҳо аз тарафи Худо рад карда мешаванд, чунки аз тарафи одамон рад шуданро фикр карда, тарсиданд, - ин ҳушёр мегардонад.

Ман дуо мекунам, ки ҳамаи мо аз тарси Худованд лаззат бурданро ёд гирем. Чунки “тарси Худованд чашмаи ҳаёт аст, ки аз домҳои мамот дур мекунад” (Мас. 14:27). Дар боби минбаъда шумо мебинед, ки чӣ тавр тарси Худо ба шумо, вақте ки беҷуръатӣ ҳамла мекунад, барои роҳ гаштан мутобиқи иродаи Худо ёрӣ мерасонад.

# АМАЛ КУНЕМ Ё ЭЪТИНО НАМОЕМ?

Тарси Худованд дилпурӣ ва далериро ба вуҷуд меорад. Беҷуръатӣ ва тарсу ваҳм ба воситаи шароитҳо, афкор ё одамон омада метавонанд. Бисёр шахсон бо беҷуръатӣ ва таҳдиде, ки аз дигар одамон бармеояд, мубориза мебаранд. Тарси одамӣ  - ана ин аст таърифи аниқи ин гуна фишор.

Тарси одамӣ моро маҷбур мекунад, ки аз радшавӣ, кина ва сарзанишҳое, ки аз тарафи одамон бармеоянд, канораҷӯӣ кунем, ва ба он чизҳое, ки моро аз Худо дур месозад, аҳамият надиҳем. Барои наранҷондани онҳое, ки дидашавандаанд, шахсе, ки аз одамон метарсад, Худоро, ки дида наметавонад, таҳқир мекунад.

Исо моро насиҳат мекунад: “Аз кушандагони ҷисм, ки қодир нестанд баъд аз он ягон кори дигаре бикунанд, натарсед; лекин

ба шумо нишон медиҳам, ки аз кӣ тарсидан лозим аст: аз Ӯ ҳаросон бошед, ки баъд аз куштан қодир аст ба дӯзах андозад; оре, ба шумо мегӯям, ки аз Ӯ тарсед" (Луқ. 12:4-5).

Агар шумо аз одам тарсед, пас вақте ки Худо шуморо аз вазъиятҳои мураккаб ва душвор мегузаронад, шумо барои ҳифз кардан ва нигоҳ доштани худ саъй мекунед. Ба ҷои иродаи Худоро ҷустан, шумо иродаи худро иҷро мекунед. Аммо агар шумо аз Худованд тарсед, он гоҳ шумо аз ҳар гуна душвориҳо мегузаред ва бо ин коратон Худоро ҷалол медиҳед. Шумо дарк мекунед, ки танҳо ягона Ӯ шуморо ҳифз карда метавонад. Шумо бовар мекунед, ки дар системаи арзишҳои ҷовидонӣ Ӯ барои шумо нақшаи беҳтаринро медонад.

Дар бораи тарси Худованд дар Масалҳо як ваъдаи пурқуввате ҳаст:

> *Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст, ва Вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад. Худотарсӣ чашмаи ҳаёт аст, ва аз домҳои мамот дур мекунад (Мас. 14:26-27).*

Ва, баръакс, дар Навиштаҷот возеҳ гуфта шудааст:

> *Тарсончакии одам ба дом меоварад (Мас. 29:25).*

Беҷуръатӣ ва тарс ин дом, тузоқ аст. Аммо тарси Худованд дилпурӣ ва далериро ба вуҷуд меорад, – айнан он чизе, ки барои аз доми беҷуръатӣ раҳо шуданамон, зарур аст.

## Фишор фош мекунад

Ман ду подшоҳро бо якдигар муқоиса мекунам. Ҳарду дар ҳамон як подшоҳӣ ҳукмронӣ кардаанд, ҳарду дар назди ҳамон як Худо савганд хӯрдаанд. Яке рад карда шуд, вале дигареро Худо ҳамчун муддаои табъи Худ сарфароз кард. Ин ду ҳаётро муқоиса карда, мо равшан мефаҳмем, ки фарқи байни тарси Худо ва тарси одамӣ чӣ гуна аст. Биёед ба яке аз воқеаҳои

пуршиддат ва кам омӯхташудаи ҳаёти Шоул нигоҳ мекунем.

Қисса чунин аст. Шоул ду сол салтанат ронд. Ва чуноне ки дар ин ҳолатҳо рӯй медиҳад, асалмоҳи ҳукмронӣ хислати ҳаққонии ӯро ошкор накард. Аммо ҳангоми ин воқеа ниятҳои ӯ фош шуданд.

Вақте ки Шоул бо сарбозони беҳтаринаш дар Миҳмос буд, фалиштиён барои ҷанг бар зидди ӯ ҷамъ шуданд (1 Под. 13:5-15). Шоул маҷбур шуд, ки бо лашкари қавӣ рӯ ба рӯ шавад. Душманон дорои сию се ҳазор ароба, шаш ҳазор саворон ва сарбозони зиёде буданд, ки танҳо метавон бо “реги лаби баҳр” муқоиса кард. Гуфтан ҳам шарт нест, ки ин лашкари азиме буд! Бо сию се ҳазор ароба рӯ ба рӯ шудан, - баробар ба он аст, ки ба сию се ҳазор танк рӯ ба рӯ шавӣ. Боз ба замми ин лашкар низ чунон бузург буд, ки имкони шумурдан нест! Аз нуқтаи назари артиши исроилиён ин хеле ваҳмангез ба назар мерасид.

Аз тарс сарбозони Шоул ба зери буттаҳо, ғорҳо, чоҳҳо ва сахраҳо пинҳон шуданд. Онҳо рӯҳафтода шуда буданд. Баъзеҳо мегурехтанд: Ӯрдунро гузашта, ба кишвари Ҷод ва Ҷилъод мерафтанд. Онҳое, ки пайравӣ кардани Шоулро давом медоданд, аз тарс меларзиданд.

Пеш аз ҳар гуна муҳориба Исроил мебоист ба Худо дуо мекард. Самуил ба Шоул амри Худовандро расонида, гуфт, ки пас аз чанд вақт барои ба ҷо овардани қурбонии сӯхтанӣ бармегардад. Шоул “ҳафт рӯз, то мӯҳлате ки Самуил таъин намуда буд, интизорӣ кашид, вале Самуил ба Ҷилҷол наомад; ва қавм аз пеши Шоул пароканда мешуданд” (1 Под. 13:8).

Шоул дар зери фишор монда, гуфт: “Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатиро назди ман биёред”. Ӯ қурбониро ба ҷо овард, ва ҳамон лаҳза, ки анҷом дод, Самуил омад.

Самуил аз Шоул пурсид, ки вай чӣ кор кард. Ба ҷавоби Шоул бо диққат нигоҳ кунед:

> *Чун дидам, ки қавм аз пеши ман пароканда мешаванд, ва ту дар мӯҳлати таъиншуда наомадӣ, ва*

> *фалиштиён дар Миҳмос ҷамъ шудаанд, ба дили худ гуфтам, ки алҳол фалиштиён ба муқобили ман дар Ҷилҷол фурӯд хоҳанд омад, дар сурате ки ман ҳанӯз ба ҳузури Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намуда, қурбонии сӯхтаниро баровардам (1 Под. 13:11-12).*

Самуил Шоулро мазаммат карда гуфт, ки ӯ ахмақона рафтор кардааст, ва аз амри Худованд сар тофтааст.

Ҳоло, вақте ки мо дида баромадем, ки чӣ рӯй дод, худро дар ҷои Шоул тасаввур кунед. Шумо роҳбар ҳастед. Шумо ва одамони шумо беш аз ҳафт рӯз дар назди лашкари азим истодаед. Сафҳои шумо камтару камтар мешаванд, вале сафҳои душманон рӯз ба рӯз афзун шуда истодаанд. Одамони шумо аз тарс ба ларза омада, аз корзор гурехта истодаанд. Ва он нафарони каме, ки боқӣ мондаанд, аз даҳшат меларзанд. Шумо набии Худоро интизор ҳастед, аммо ӯ дар вақташ намеояд, то ки қурбониро ба ҷо орад!

Шумо фишори сахтро эҳсос карда метавонистед. Ин ҳамон вазъияте аст, ки ба “ҷувози равғанкашӣ” шабоҳат дорад. Одамони атрофатон ба шумо нихта мекунанд: “Ягон коре бикун, вагарна ҳамаи мо мемирем!”

Шумо тибқи фармони Худо интизор мешавед, ё барои наҷот додани худ чорае меандешед?

Шоҳ Шоул маҳз ба чунин вазъият дучор шуд (1 Под. 13:1-8). Бадбахтона, ӯ дар зери ин фишор шикаста шуд. Ӯ беитоатӣ карда, худсарона қурбониро ба ҷо овард. Нигоҳ кунед, ки Шоул чӣ тавр узр мепурсад: “Фалиштиён ба муқобили ман... фурӯд хоҳанд омад, дар сурате ки ман ҳанӯз ба ҳузури Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намуда, қурбонии сӯхтаниро баровардам” (1 Под. 13:12). Ӯ қурбонӣ овард, то ки худро дар назди халқ одами хуб нишон диҳад, ва баъд кӯшиш кард, ки дар назди Самуил чун шахси рӯҳонӣ намудор шавад. Ӯ арз кард: “Бинобар ин ман ҷуръат намудам”. Дар асл бошад, ӯ ҳамин тавр ба вазъият эътино кард ва ба доми беҷуръатӣ афтод.

## Коре бикун!

Аксар одамон, ба ҳар ҳол, ба ин гуна вазъиятҳо дучор мешаванд.

Оё шумо боре чунин фикр карда будед: “Ман медонам, ки Худо ба ман ором истоданро амр мефармояд, вале ман бояд ба пеш ҳаракат кунам, то вазъиятеро, ки дар он қарор дорам, дигаргун созам”.

Ман дар вазъиятҳое будам, ки дӯстон ва дастпарварони ман илтиҷо мекарданд: “Ҷон, ту бояд коре бикунӣ!” Аммо ман дар дили худ медонистам, ки Худо ба ман инро нагуфтааст. Ӯ хомӯш буд.

Интизор шудани Худованд аз ҳама мушкил аст, махсусан вақте ки Ӯ ҳеҷ чиз намегӯяд! Ин ҳақиқат алалхусус имрӯз маъмул аст. Дар кишвари мо Амрико, бо захираҳои бузург ва пулҳоямон, мо одатан ҳатто бе иштироки Худо чорае андешида метавонем. Бо қуввати истеъдодҳо ва қобилиятҳои табиии худ, бе иштироки Худо, мо чизе сохта метавонем, ки ҳамчун маҳсули дасти Худо намудор мешавад.

Вақте ки кор ба қабули қарор омада мерасад, дар аксари ҳол мо боб ва оятеро, ки чӣ кор кардани моро нишон дода метавонанд, ёфта наметавонем. Дар ҳар як лаҳза мо донистан мехоҳем, ки Худо ба мо чӣ мегӯяд. Вале гоҳе чунин ба назар мерасад, ки Худо чизе намегӯяд, дар асл Ӯ гап мезанад! Ӯ мегӯяд: “Он чиро, ки Ман ба ту гуфтам, аниқ ба ҷо оварданро давом деҳ. Ҳеҷ дигаргуние нест!” Махсусан вақте ки мо тарсону ҳаросон мешавем, душвор мешавад.

Ман мехоҳам каломеро, ки боре Худованд ба ман дар иди Соли нав гуфта буд, нақл кунам. Ман дар хориҷа будам, ақли ман хобида буд, ман пас аз саёҳати чилу шашсоата ва ду мавъизаи ҳаррӯза хаста шуда будам. Ногаҳон, ман соати дуи шаб аз хоби сахт бедор шудам. Ман медонистам, ки танҳо Худованд бо ин тарз маро бедор карда метавонист, зеро ман танҳо се соат хуфта будам ва бедор шудан намехостам.

Худованд ба ман каломе дод, ки дар вазъияти муқаррарӣ

нақл намекардам, чунки он хеле шахсӣ буд. Аммо ман боварӣ дорам, ки Худованд мехоҳад, то онро барои изҳороти худ ҳамчун мисол нақл кунам. Ман бовар дорам, ки ин бисёр касонеро, ки дар ин гуна вазъиятҳо қарор доранд,  қавӣ мегардонад. Ин аст як қисми ин калом:

*Ту нисбат ба худат таваҷҷӯҳ ҳис накардӣ, ва ин як қисми озмоиш буд. Ман барои он чунин кардам, ки туро бисанҷам ва бубинам, ки ту бе роҳнамоии Ман амал мекунӣ ё не. Ту дар вақти хомӯшии Ман ҳеҷ коре накардӣ, ва ин ба Ман писанд буд. Зеро вақте ки Ман чизе нагуфтам, ту амал накардӣ, ва азбаски ту нақшаҳои худро тартиб надодӣ ва бо умед нақшаҳои Маро интизор шудӣ, акнун ту чизҳои бузургро хоҳӣ дид. Зеро Ман ба ту ва ба ҳамсарат нақшаҳои бузург ва махсусро ошкор мекунам, ва онҳо ба ҳар дуи шумо шодии бузург меоранд.*

Худованд айнан дар ҳамон вақт ба ман гап зад, ки ҳамсарам ва ман худро беҳолу заиф ҳис мекардем. Мо ким-кадом хоҳишҳо ва мӯҳтоҷиҳое доштем, ки ба назарамон, амалӣ нашуда буданд. Дар давоми чандин сол ҳар дуи мо дар зери фишори сахт зиндагӣ мекардем. Дӯстоне, ки самимона дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекарданд, маслиҳат медоданд, ки бояд чорае биандешем, вале мо ҳис намекардам, ки ин калом аз Худо бошад. Ҳамаи ин чизҳоро гуфта истода, онҳо ноҳақ набуданд. Фақат ин ки онҳо ба вазъияте, ки мо дар он қарор доштем, эътино мекарданд. Ва айни ҳамин чиз имтиҳони мо буд.

Мо барои суст кардани фишоре, ки дар зераш будем, метавонистем, ки чизеро тағйир диҳем. Лозим буд, ки бо шубҳаҳои худ ҷанг кунем ва ҳайрон шавем:

"Наход  ки мо аз Худо ғофил монда бошем?" Аммо дар умқи дил мо ҳарду медонистем, ки Худо ба мо иҷро кардани кореро амр нафармудааст.

Аллакай то охири моҳи аввали ҳамон соли нав, мо дидем,

ки Худо мӯъҷизаҳоеро ба амал овард, ки болотар аз ҳамаи интизориҳои олитарини мо буданд! Ман ҳатто намедонам, ки оё боре шоҳид шуда бошам, ки ҳамагӣ дар як моҳ ҳамин қадар чизҳои зиёд рӯй диҳад. Ба назар чунин мерасид, ки Худо дар ҳамин як моҳ назар ба панҷ соли гузашта бештар кор кард!

Хеле муҳим аст, ки мо ба фишор эътино накунем. Мо бояд мутобиқи каломи Худованд амал намоем.

## Марде, ки муддаои табъи Худо аст

Шоул тарсид. Обрӯ, ҳаёт ва подшоҳии ӯ ба зери хатар гузошта шуда буданд, ва бинобар ин дар ҳоле ки Худо ба ӯ амр дод, ки интизор шавад, ӯ амал карданро ихтиёр намуд.

Баъд аз он ки Самуил Шоулро мазаммат кард, ӯ ҳукм эълон намуд:

> *Вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид: Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва ӯро Худованд бар қавми Худ раис таъин хоҳад кард, зеро ки ту он чиро, ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардаӣ (1 Под. 13:14).*

Шоул на як бор дар назди тарс зону зада буд. Ӯ борҳо дар зери фишори сахт монда, аз амри Худованд сар метофт. Дар ҳолати дигар ӯ ба хоҳиши қавм сар фаровард ва иҷозат дод, ки аз шаҳр ғаниматҳоро бо худ баранд, дар ҳоле ки Худованд амр фармуда буд, ки шаҳрро пурра хароб кунанд. Ӯ нахост, ки аз илтифоти одамон маҳрум шавад. Вақте ки Самуил ба ӯ муқобил баромад, Шоул розӣ шуд: “Ман гуноҳ кардам, зеро ки аз фармони Худованд ва аз суханони ту берун баромадам, чунки аз қавм тарсида, овози онҳоро шунидам” (1 Под. 15:24).

Суханони минбаъдаи ӯ нишон медиҳанд, ки ӯ назар ба беитоатӣ бештар барои обрӯю эътибори худ ғамхорӣ мекард. Суханони ӯ, ки ба Самуил гуфта шудаанд, ниятҳои дили ӯро ошкор карданд: “Гуноҳ кардам; алҳол, лутфан, маро ба ҳузури

пирони қавмам ва ба ҳузури Исроил иззат намо” (1 Под. 15:30).

Шоул такрор ба такрор гуноҳ мекард, чунки аз одамон метарсид. Ҳар қадаре ки ӯ метарсид, ҳамон қадар ҳамчун роҳбар мағлуб мешуд. Бо роҳбарони беҷуръат аксар вақт чунин ҳолат рӯй медиҳад. Онҳо ба одамон дағалона муносибат мекунанд, то вонамуд кунанд, ки вазъиятро ба зери назорати худ гирифтаанд, дар ҳоле ки аслан онҳо тарс ва беҷуръатии худро пинҳон медоранд.

Самуил ба Шоул гуфт, ки Худо салтанатро ба марде медиҳад, ки аҳкоми Ӯро риоя мекунад (1 Под. 13:14). Довуд ҳамин гуна шахс буд. Ман шунидаам, ки баъзеҳо мегӯянд, ки дар қалби худ ташнаи Худо ҳастанд. Аммо ман шунидан мехостам, ки Худо он суханонеро гӯяд, ки дар ҳаққи Довуд гуфта буд: “Қалби ту ба Ман писанд аст”. Ман медонам, ки ин хоҳиши ҳар як имондоре аст, ки Худовандро дӯст медорад! Ман бо мақсади донистани он, ки чӣ Худовандро водор кард, то Ӯ худро бо вай дар як саф ҷой диҳад, бодиққатона ҳаёти Довудро омӯхтаам.

Ман фаҳмидам, ки Довуд хеле боэҳтиёт рафтор мекард, то ки ягон кореро бидуни амри Худованд сар накунад. Такрор ба такрор дар зери фишорҳои сахт ӯ иродаи Худоро ҷустуҷӯ мекард (1 Под. 20-31). Биёед як вазъияти бисёр пуразоброро дида мебароем.

## Оё аз ин ҳам бадтар буда метавонад?

Дар соли охирини ҳукмронии Шоул Довуд ва одамони ӯ дар сарзамини фалиштиён паноҳ ёфтанд. Бо тасодуфи аҷибе Довуд ва одамони ӯ дар худи ҳамон вақт ба фалиштиён ҳамроҳ шуданд, ки лашкари фалиштиён бар зидди Исроил ба ҷанг ҷамъ омада буд. Аммо ба сардорони фалиштӣ маъқул нашуд, ки ибриён ҳамроҳи онҳо ба ҷанг мераванд. Бинобар ин онҳо ба Довуд ва одамони ӯ иҷозат надоданд, ки ҷанг кунанд.

Субҳи дигар дастаи Довуд азм кард, ки ба назди занону кӯдакони худ ба Сиқлоҷ баргарданд. Аз ҳаққи иштирок дар ҷанг маҳрум шуда, Довуд ва одамони ӯ, эҳтимол, худро нолозим

ҳис карда бошанд. Онҳоро на танҳо подшоҳ ва кишвари онҳо рад карданд, балки ҳамчунин онҳое, ки барояшон сарпаноҳ дода буданд. Эҳтимол, Довуд худро хеле танҳо ҳис кард. Ин як рӯзи бебарор буд. Вале дар муқоиса бо он воқеае, ки бояд рӯй медод, ин ҳоло ҳеҷ чиз буд. Бо диққат хонед, ки чӣ ҳолат рӯй дод, вақте ки Довуд ба назди оилааш баргашт, ва тасаввур кунед, ки дар ин ҳолат ӯ чӣ ҳис мекард.

Ва ҳангоме ки Довуд ва одамонаш дар рӯзи сеюм ба Сиқлоҷ расиданд, маълум шуд, ки амолеқиён ба ҷануб ва ба Сиқлоҷ ҳуҷум кардаанд, ва Сиқлоҷро торумор намуда, онро ба оташ сӯзонидаанд. Ва занон ва ҳар каси дар он бударо, аз хурд то калон, асир кардаанд, ҳеҷ касро накуштаанд, балки ба асирӣ бурда, ба роҳи худ рафтаанд. Ва Довуд бо одамонаш ба шаҳр омад, ва инак, он ба оташ сӯхтааст, ва занон ва писарон ва духтаронашон асир гардидаанд. Ва Довуд ва қавме ки бо ӯ буданд, овози худро баланд карда, гиристанд, то ба дараҷае ки дигар маҷоли гиристан надоштанд. Ва ду зани Довуд:

> *Аҳинӯами изреъилӣ ва Абиҷайл, зани Ноболи кармилӣ, асир шуда буданд (1 Под. 30:1-5).*

Оё дардеро, ки ӯ эҳсос мекард, ба худ тасаввур карда метавонед? Оилаи ӯро дуздида бурданд, тамоми чизҳои гаронбаҳоро ғорат карданд, ва боқимондаашро оташ заданд! Ба замми он ӯ на танҳо аз боиси оилаи худ, балки аз боиси оилаҳои одамони худ азоб мекашид. Онҳо ҳамагӣ худро нолозим ва бесарпаноҳ ҳис мекарданд. Онҳо танҳо ба он хотир баргаштанд, то бубинанд, ки хонаҳои онҳо чӣ тавр оташ гирифтааст, ва бидонанд, ки маҳбубони онҳоро душманон бурдаанд. Агар ин кифоя набошад, нигоҳ кунед, ки баъд чӣ рӯй дод:

> *Ва Довуд бағоят ба танг омад, зеро ки қавм мехостанд ӯро сангсор кунанд, чунки тамоми қавм — ҳар яке барои писарону духтаронашон — талхком гардида буданд (1 Под. 30:6).*

Боз инаш кам буд: одамоне, ки бо ӯ ба ҷанг мерафтанд, омода буданд, ки Довудро сангсор кунанд, чунки занону фарзандони онҳо бе ҳимоят монда буданд! Аз ин бадтар буда наметавонад. Ин аз озмоиши Шоул хеле ҳам душвортар буд. Ягон ҷони зиндае набуд, ки Довудро дастгирӣ кунад. Шоул, ҳадди ақал, сарбозони тарсону ҳаросонро бо худ дошт, ва одамони ӯ таҳдид намекарданд, ки вайро сангсор кунанд.

Дар ҳаёти аксари имондорон лаҳзае фаро мерасад, ки онҳо худро комилан танҳо ҳис мекунанд. Ман боварӣ дорам, ки Худо иҷозат медиҳад, то ин рӯй диҳад. Ин корро на Ӯ ба роҳ мемонад, чунки Ӯ муаллифи бадӣ нест. Вале Худо дахолат намекунад, зеро Ӯ дар ин давраҳои яъсу ноумедӣ ягон маъноеро мебинад. Довуд метавонист таслим шавад, аз паси душман таъқиб кунад ё ягон илоҷи дигари сабук кардани дарди сарбозони худро ёбад. Аммо бубинед, ки ӯ ба ҷои ин чӣ кор кард.

> *Вале Довуд ба Худованд Худои худ таваккал намуда, қувват меёфт. Ва Довуд ба Абётори коҳин, ибни Аҳималик, гуфт: Лутфан, эфӯдро назди ман биёр. Ва Абётор эфӯдро назди Довуд овард. Ва Довуд аз Худованд пурсида, гуфт: Оё ин фавҷро дунболагирӣ намоям? Оё ба онҳо метавонам бирасам?» Ва ба ӯ гуфт: Дунболагирӣ намо! Зеро ки ҳатман ба онҳо хоҳӣ расид ва раҳо хоҳӣ кард (1 Под. 30:6-8).*

Ҳатто дар зери фишори сахттарин Довуд, то даме ки аз Худованд амр нагирифт, амал накард. Ӯ садоқат ва аҳди Худоро ба ёди худ овард, ва сипас пурсид, ки чӣ кор бояд кунад. Ва Худо гуфт: “Дунболагирӣ кун”.

Довуд аз паси амолеқиён таъқиб кард. “Ва Довуд ҳар чиро, ки амолеқиён гирифта буданд, раҳо кард; ва ду зани худро Довуд раҳо кард. Ва онҳо аз ҳеҷ чизи хурд ва калон маҳрум нашуданд: на аз писарон ва духтарон, на аз ғанимат ва на аз ҳар чизе ки аз онҳо гирифта бурда буданд: ҳамаашро Довуд баргардонид” (1 Под. 30:18-19).

Вазъияте, ки тамоман чоранопазир менамуд, ба ғалабаи бузург табдил ёфт. Барои Худои мо ҳеҷ чиз имконнопазир нест. Довуд назар ба одамон аз Худо бештар метарсид. Ва ин ӯро водор кард, ки дар навбати аввал ба Худованд муроҷиат кунад. Аксуламали ӯ ба фишор аз аксуламали Шоул сахт фарқ мекард.

Дар ҳоле ки Шоул ба воқеа эътино мекард, Довуд амал менамуд. Довуд ба воқеа эътино намекард, балки амал менамуд, зеро медонист, ки Худованд мефармояд. Вақте ки мо хиради Масеҳро дорем, мо омода ҳастем ва барои амал кардан ҷуръат дорем, на ин ки фақат ба воқеа эътино мекунем.

## Ақли солим

Дар яке аз бобҳои гузашта мо фаҳмидем, ки барои нобуд кардани беҷуръатӣ чӣ талаб карда мешавад. Ин нотарсии табиӣ набуда, балки нотарсие аст, ки аз қуввати некӯкорӣ, муҳаббат ва ақли солим бармеояд. Ин ҷои Навиштаҷот ояти калидии мо буд:

> *Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ; зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ (дар Китоби Муқаддаси англ. – “ақли солим”- шарҳ. тарҷ.) додааст (2 Тим. 1:6-7).*

Биёед мебинем, ки чӣ тавр ин се хислат дар қалби Довуд далериеро ба вуҷуд оварданд, ки дар мубориза бо беҷуръатӣ ба ӯ имкони истодагарӣ карданро доданд.

1. Қувват. Довуд Худоро мешинохт, ва медонист, ки Худо аз ҳама чизе, ки ӯ ба он дучор шуда метавонад, бузургтар ва пурқувваттар аст.
2. Муҳаббат. Ӯ аз ҷони худ дида, Худоро бештар дӯст медошт.
3. Ақли солим. То даме ки Довуд аз Худованд роҳнамоӣ намегирифт, ё мақсади Ӯро намефаҳмид, амал намекард.

Муҳим набуд, ки фишор чӣ қадар сахт буда метавонад.

Вақте ки рӯҳи мо аз қувват, муҳаббат ва каломи Худо пур аст, мо тӯъмаи беҷуръатӣ намегардем. Чуноне ки Павлус низ таъкид мекунад, на танҳо яке аз ин ҷиҳатҳои хуб, балки ҷамъи ҳар сеи он лозим мебошанд. Агар фақат яке аз онҳо талаб карда мешуд, Павлус ҳамин тавр менавишт. Вале барои бо ҷасорати илоҳӣ зиндагӣ кардан, ҳар сеи онҳо заруранд.

Мо аллакай ба таври ҷузъӣ қувват ва муҳаббатро дида баромадем. Биёед ақли солимро низ таҳлил мекунем.

*Боби 13*

# РӮҲИ АҚЛИ СОЛИМ

Ақли солим медонад, ки Худо дар айни замон чӣ мегӯяд ва чӣ кор мекунад.

Ҳеҷ чизи дигаре ба ғайр аз нодонӣ нест, ки ин қадар зиёд ба тарс оварад. Нодонӣ камбудии дониш аст. Дар бораи арзиши дониш дар Навиштаҷот бисёр гуфта мешавад. Дар Масалҳо гуфта шудааст: “Марди хирадманд боиқтидор аст, ва шахси донишманд бо қуввати худ ҷасур аст”. Ва дар Масалҳо 11:9 ба мо ёдрас мекунанд, ки “одилон ба воситаи дониш раҳо мешаванд”. Дониш барои раҳо шудан аз доми беҷуръатӣ қувват медиҳад.

Бифаҳмед, ки ҳам дониши табиӣ ва ҳам дониши рӯҳонӣ мавҷуд аст. Донишҳои рӯҳонӣ ва хирад аз дониши табиӣ бартар мебошанд. Маҳз барои ҳамин мо онҳоро фавқуттабиӣ меномем. Ин чунин маъно дорад, ки аз дониши табиӣ бартар аст.

Дар Номаи 2-юм ба Тимотиюс 1:6-7 Павлус се ҷузъи асосие,

ки барои пирӯз шудан бар тарс (беҷуръатӣ) лозиманд, зикр мекунад: муҳаббат, қувват ва ақли солим. Дар ин боб дар бораи ҷузъи охирин – ақли солим сухан ронда мешавад.

Ақли солим худаш чӣ аст? Дониши Навиштаҷот? Шогирдон моҳигирони нохонда буданд, вале гурӯҳи одамони аз ҳама маълумотнок дар Исроил, саддуқиён, хирад ва ҷасорати онҳоро дида, ҳайрон монда буданд.

> *Вақте ки ҷасорати Петрус ва Юҳанноро диданд ва пай бурданд, ки одамони нохонда ва оддӣ ҳастанд, мутааҷҷиб шуданд ва онҳоро шинохтанд, ки аз ҳамроҳони Исо буданд (Аъм. 4:13).*

Шахсе бо номи Истефанус сардорони донишманди куништро бо хиради худ лол гардонид. Китоби Муқаддас чунин шаҳодат медиҳад:

> *“Лекин ба он ҳикмат ва Рӯҳе ки дар суханонаш буд, ёрои мухолифат надоштанд” (Аъм. 6:10).*

Мо зуд мефаҳмем, ки рӯҳи ақли солим аз хиради табиӣ ё дар натиҷаи машғулиятҳои махсуси таълимӣ оид ба Навиштаҷот намеояд. Пас рӯҳи ақли солим аз куҷо гирифта мешавад?

## Дониши кушоиш

Солимии ақл аз дониши ақли Масеҳ бармеояд. Танҳо донистани Навиштаҷот дониши Масеҳро кафолат намедиҳад. Навишта шудааст, ки “ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад” (2 Қӯр. 3:6). “Ҳарф” - яъне Навиштаҷот.

Фарисиён Навиштаҷотро ба дараҷаи аъло медонистанд, аммо рӯҳи онро намешинохтанд. Бинобар ин хидмати онҳо маргро ба вуҷуд меовард. Он одамонро аз қалби Худо дур мекард, на наздик. Онҳо Худоро ба таври худ – на бо дил, балки бо калла тасаввур карда, бо донишҳои шариатпарастонаи худ одамонро аз Худо дур мекарданд.

Исо гуфтааст: “Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо бараояд” (Мат. 4:4). Диққат кунед, ки вай “баромадааст” нагуфт. Он гоҳ ин замони гузаштаро дар назар медошт. Танҳо Навиштаҷот он чиро, ки аз даҳони Худо баромадааст, тасвир мекунанд.

Ӯ “барояд” гуфт, ки ин замони ҳозираро дар назар дорад. Мо барои донистани он, ки имрӯз аз даҳони Худо чӣ мебарояд, бояд Худованди Навиштаҷотро донем. Инҷили Юҳанно 16:13-14: “Чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод”. Диққат диҳед, Исо “ҳар чи мешунавад” гуфт, на “ҳар чи шунид”. Бо ёрии Рӯҳулқудс мо дониста метавонем, ки Исо ҳоло чӣ мегӯяд.

Он гоҳ шумо пурсида метавонед: “Пас, Навиштаҷот чӣ лозим аст?” Он раҳнамо аст, то ки ба мо ёрӣ диҳад ва раҳнамун кунад. Он аз рӯи илҳоми илоҳӣ навишта шудааст, ва вақте ки Рӯҳулқудс онро зинда мегардонад, Навиштаҷот дар дилҳои мо зинда мегардад, на танҳо дар сари мо.

Онро барои тасдиқ кардани ҳар чизе, ки мо аз Рӯҳи Худо мешунавем, чун маҳак истифода мебарем. Рӯҳулқудс ҳеҷ гоҳ ба Навиштаҷот мухолифат намекунад. Аммо вақте ки дарки ақлонии Навиштаҷот он чиро, ки Рӯҳулқудс мегӯяд, маҳдуд месозад, мо фирефта мешавем. Иштибоҳи фарисиён аз ҳамин иборат буд.

## Донистани боб ва оят кифоя нест

Фарисиён одамони донишманд буданд. Феълан онҳо панҷ китоби аввали Аҳди Ҷадидро аз ёд медонистанд! Онҳо Навиштаҷотро таҳқиқ мекарданд ва омадани Масеҳро бесаброна мунтазир буданд. Аммо онҳо Ӯро мутобиқи фаҳмиши ақлонии худ интизорӣ мекашиданд. Онҳо медонистанд, ки дар бораи чӣ Ишаъё нубувват карда буд:

*Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд, ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд, ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор, Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд. Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард (Иш. 9:6-7).*

Масеҳи онҳо бояд подшоҳии заминии Худро бунёд мекард ва онҳоро аз зери ҳукмронии румиён озод карда, ба тахти Довуд менишаст. Вақте ки Исо ҳамчун дуредгаре аз Носираи Ҷалил бо ҳамроҳии шогирдонаш, моҳигирони нохонда ва боҷгирон, омад, онҳо пешпо хӯрданд.

Ин фарисиҳо доимо бо Исо ҷанҷол мекарданд, чунки онҳо дар бораи Навиштаҷот танҳо тасаввуроти ақлонӣ доштанд. Онҳо боварӣ доштанд, Масеҳ пешвои бузурги миллӣ мегардад. Бинобар ин онҳо бо ин гуна саволҳо ба Исо ҳамла мекарданд: “Агар ту Масеҳ бошӣ, куҷост подшоҳие, ки Ту бояд бунёд кунӣ? Чаро Ту дар тахти Довуд нанишастаӣ?”

Исо ҷавоб медод: “Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад, ва намегӯянд: “Инак, он дар ин ҷост”, ё: “Инак, дар он ҷост”; зеро инак, Малакути Худо дар дохили шумост” (Луқо 17:20-21). Мо имрӯз инро фаҳмида метавонем, зеро шарафи донистани онро дорем, ки Исо мурд ва эҳё шуд. Вале он шахсон фикр мекарданд, ки онҳо ҳақ ҳастанд. Аммо бовари онҳо дар фаҳмиши ақлонии Навиштаҷот асос меёфт. Онҳо Рӯҳи идрок надоштанд.

## Кушоиши Рӯҳ

Шахсе бо номи Шимъӯн низ Масеҳро интизор буд. Ӯ ба мисли фарисиён он қадар донишманд набуд. Аммо бубинед, ки Китоби Муқаддас дар бораи ӯ чӣ мегӯяд.

*Марди одил ва парҳезгор ва мунтазири тасаллои Исроил буд, ва Рӯҳулқудс бар ӯ буд. Ва аз Рӯҳулқудс ба ӯ маълум шуда буд, ки то Масеҳи Худовандро набинад, фавтро нахоҳад дид. Ва ӯ ба ҳидояти Рӯҳ ба маъбад омад. Ва ҳангоме ки Исои Кӯдакро падару модараш оварданд, то ки маросими шариатро бар Ӯ ба ҷо оваранд, Ӯро ба дасти худ гирифта, Худоро муборак хонд ва гуфт: акнун, Эй Парвардигор, бандаи Худро, мувофиқи ваъдаи Худ, ба саломатӣ ҷавоб медиҳӣ; зеро ки чашмони ман наҷоти Туро дид... Ва Юсуф ва модари Ӯ аз он чи дар бораи Ӯ гуфта шуд, мутааҷҷиб гардиданд (Луқ. 2:25-30, 33).*

Вақте ки Исо ба Худованд тақдим карда шуд, синни Ӯ аз шаш моҳ то ду солро дар бар мегирифт. Маъбад хеле азим буд. Ҳудудҳои онро сохтмонҳои гуногун ташкил медоданд. Одатан дар он ҷо садҳо ва ҳатто ҳазорҳо одамон гаштугузор мекарданд.

Ҳоло ба худ инро тасаввур кунед: дуредгар аз Ҷалил ва ҳамсари ӯ ба дарун медароянд ва кӯдаки шашмоҳаро дар бағал доранд. Рост аз байни издиҳом дар маъбад, Шимъӯн ном шахс давида меояд, кӯдакро ба дастони худ гирифта, нубуввват мекунад: “Масеҳ!” Ҳоло мо дарк карда метавонем, ки барои чӣ Юсуф ва Марям ба тааҷҷуб афтоданд!

Мебинед, Шимъӯн китоби “Саду як сабаби он, ки чаро Масеҳ бояд то соли чаҳоруми пеш аз милод биёяд”-ро хонда, омадани Масеҳро муайян накард. Ӯ ин хабарро бо ёрии хондани Навиштаҷот пайдо накард. Ба воситаи кушоиши Рӯҳулқудс ӯ медонист, ки Масеҳ бояд дар фурсати наздик биёяд. Ӯ бо ҳидояти Рӯҳ ба маъбад омад!

Умуман, ин воқеаи тааҷҷубовар аст. Ин шахс, ки худро олими Шариат намепиндошт, дар Исо ҳангоми шашмоҳа буданаш Масеҳро дид. Фарисиён бошанд, пас аз сӣ сол ҳам Масеҳро нашинохтанд, гарчанде Ӯ девҳоро ихроҷ мекард, беморонро шифо медод, кӯронро бино мебахшид ва мурдагонро зинда

мекард. Ана ин аст фарқи байни ақли Масеҳ ва дониши ақлонии Навиштаҷот.

Оё он чиро, ки фарисиён бо Аҳди Қадим карданд, мо бо Аҳди Нав карда метавонем? Оё мо дар калисоҳои пурраинҷилӣ маърифати Худоро бо таълимот ва омӯзиши Навиштаҷот маҳдуд мекунем? Таълимотҳо муносибатҳои моро бо Худо бунёд намекунанд, балки танҳо ба он ташвиқ менамоянд! Дар маросими ақди никоҳ ман на барои он "ҳа" гуфтаам, ки инро аз китоби дарсӣ ёд гирифтаам. Ман бо арӯси худ муносибатҳои шахсӣ доштам.

Инак, лозим аст, ки мо хондани Китоби Муқаддасро бас кунем? Албатта, не! Аммо, эҳтимол, моро лозим аст, ки онро ба таври дигар хонем. Вақте ки ман Китоби Муқаддаси худро ба даст мегирам, доимо дуо мекунам ва аз Рӯҳулқудс хоҳиш менамоям, ки аз Калом ба ман кушоиш диҳад. Вақте ки мехонам, ҳақиқат дар қалби ман мунфаҷир мешавад. Ин ҳақиқате аст, ки ман тибқи он зиндагӣ мекунам!

Ақли солим медонад, ки дар айни ҳол Худо чӣ мегӯяд ва чӣ кор мекунад. Танҳо Рӯҳи Худо инро ба мо ошкор карда метавонад. Ӯ ба воситаи Навиштаҷот ба мо сухан ронда метавонад, Ӯ ба қалби мо ба воситаи шаҳодати дарунии мо ё бо овози маҳину нарм гап зада метавонад. Вақте мо медонем, ки Худо чӣ мегӯяд, мо ҳаёти худро дар сахраи устувор бунёд мекунем.

## Ӯ бо қудрат сухан меронад

Дар Инҷилҳо маротибаҳои зиёд нишон дода шудааст, ки Исо бо қудрат сухан меронд. Яке аз ин воқеаҳоро дида мебароем:

> *Вақте ки Исо ин суханонро ба поён расонд, мардум аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд, зеро ки онҳоро ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон ва фарисиён (Мат. 7:28-29).*

Ӯ на танҳо бо қудрат сухан меронд, балки бо қудрат амал мекард. Ба мисоли дигар нигоҳ кунед:

> *Ҳама ба воҳима афтоданд, ва ба якдигар мегуфтанд: “Ин чӣ гапест, ки Ӯ бо қудрат ва қувват ба арвоҳи палид амр мефармояд, ва онҳо берун меоянд?” (Луқ. 4:36)*

Ӯ бо он гуна қудрат зиндагӣ ва амал мекард, ки ҳатто мирисади румӣ Ӯро эътироф кард. Ӯ ба Исо гуфт, ки агар Ӯ фақат сухане бигӯяд, хидматгори вай шифо меёбад (Мат. 8:5-10). Ин румӣ сарманшаи қудрати Исоро дарк мекард. Қудрати Исо бо Худи Ӯ маҳдуд намешуд, балки аз тарафи Худо таъмин карда шуда буд. Ана барои чӣ Исо Худро ба Рӯҳулқудс, ки иродаи Падарро ошкор мекард, комилан тобеъ карда буд.

Мирисад гуфт: “Зеро ки ман як фармонбар ҳастам, ва дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам”. Исо инро шунида ба тааҷҷуб афтод. Ин афсар медонист, ки роҳи ягонаи ба даст овардани қудрат он аст, ки худи шахс дар зери қудрат бошад! Исо бо қудрат амал мекард, чунки Худи Ӯ дар зери қудрат буд. Ӯ дар итоати комил ба Рӯҳулқудс, ки иродаи Падарро ошкор мекард, зиндагӣ менамуд. Ӯ гуфт:

> *Зеро ки Ман аз Худ нагуфтаам, балки Падаре ки Маро фиристод, ба Ман ҳукм дод, ки чӣ бигӯям ва чӣ гуна сухан ронам (Юҳ. 12:49).*

Ва боз:

> *Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам, доварӣ мекунам, ва доварии Ман одил аст, зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки Маро фиристодааст (Юҳ. 5:30).*

Исо возеҳ фаҳмонид, ки қудрати Ӯ аз Падар бармеояд.

Оё бовар намекунӣ, ки Ман дар Падар ҳастам, ва Падар дар Ман? Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям; Падаре ки дар Ман сокин аст, Ӯ ин аъмолро мекунад (Юҳ.

14:10). Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад (Юҳ. 5:19).

Дар ёд дошта бошед, ки ҳарчанд Исо Писари Худо бошад ҳам, Ӯ ҳамчун шахси оддие, ки аз Рӯҳулқудс пур буд, зиндагӣ мекард. Ӯ ба таври ихтиёрӣ Худро аз ҳама афзалиятҳои илоҳӣ маҳрум карда буд. Аммо Ӯ бо қудрате, ки одамонро ба ҳайрат меовард, амр мекард. Чунки Ӯ танҳо бо ҳидояти Рӯҳулқудс сухан меронд ва амал менамуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ҳаросон намешуд, чунки Худоро тарсонидан ё ба изтироб андохтан ғайриимкон аст. Ҳеҷ касе аз Худо қавитар, тавонотар ва донотар нест!

Ҳатто вақте ки фарисиён бо саволҳои мазҳабии маккоронаи худ Исоро тарсонидан мехостанд, Ӯ дар қудрати Худ қоим мемонд. Онҳо Ӯро бо суханони Худи Ӯ мағлуб кардан мехостанд. Вале ҳар қадаре ки домҳои онҳо маккорона бошад ҳам, Исо ҳамеша мутобиқи Рӯҳулқудс посух медод ва ҳама гуна таҳдидро мешикаст. Ӯ онҳоро бо хиради Худ ба кӯчаи сарбаста медаровард, ва, дар ниҳояти кор, онҳо безобита шуда, кӯшишҳои ба ҳарос андохтани Ӯро бас мекарданд.

> *Ва ҳеҷ кас дар ҷавоби Ӯ сухане гуфта натавонист; ва пас аз он рӯз касе ҷуръат накард, ки аз Ӯ чизе пурсад (Мат. 22: 46).*

## “Чуноне ки Падар Маро фиристод...”

Ва ҳоло хабари хуше ҳаст: “Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам” (Юҳ. 20:21). Мо бояд чунон кору рафтор ва зиндагӣ кунем, ки Исо мекард. Бинобар ин Ӯ моро рӯҳбаланд мекунад:

> *Пас, дар дили худ аҳд кунед, ки пешакӣ андеша накунед, чӣ ҷавоб бояд бидиҳед. Зеро ки Ман ба шумо забоне ва ҳикмате хоҳам дод, ки ҳамаи душманони шумо натавонанд на зиддияте ба он*

*нишон диҳанд ва на ба муқобили он чизе бигӯянд (Луқ. 21:14-15).*

Сабаби он ки баъзеҳо бо қудрат сухан намеронанд, таълим намедиҳанд ва мавъиза намекунанд, он аст, ки онҳо паёми Китоби Муқаддасро омӯхта, онро бо фаҳмиши ақлонии худ мувофиқ кардаанд. Онҳо фақат онро нақл мекунанд, ки Худо пештар чӣ мегуфт ва чӣ кор мекард, на онро, ки Ӯ ҳоло мегӯяд ва мекунад! Танҳо бо илҳоми Рӯҳи Худо мо бо қудрат гап зада метавонем. Зеро Худи Ӯ гуфтааст: “Туро танҳо намегузорам ва тарк намекунам”, аз ин рӯ мо далерона гуфта метавонем: “Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд: одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?” (Ибр. 13:5-6).

Бори дигар ба ин суханон бо диққат нигоҳ кунед. Чун мо медонем, ки Худо ҳоло чӣ мегӯяд, далерона ва бо қудрат амал карда метавонем! Устувории суханони Ӯ ба мо далерӣ медиҳад. Худо боварӣ мебахшад, ки вақте чӣ гуфтани Ӯ ба мо маълум аст, ва вақте мо боварӣ дорем, ки Ӯ ҳамеша бо мост, он гоҳ мо нотарсона гуфта метавонем: “Одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?” Агар мо бо ин боварӣ зиндагӣ кунем, моро тарсонидан ғайриимкон хоҳад буд!

## Фарисиҳои ҳозиразамон

Ман бисёр вақт бо онҳое рӯ ба рӯ шудаам, ки фарисиҳои ҳозиразамон меноманд, бо онҳое, ки Рӯҳ надоранд. Онҳо изҳор карда метавонанд, ки бо забонҳо гап мезананд, вале ба ҳар ҳол дар онҳо Рӯҳ сокин нест! Бо вуҷуди ин онҳо ҷойҳои Китоби Муқаддасро бештар аз дигарон номбар карда, оятҳоро мисол оварда метавонанд.

Ин шахсон бо саволҳои он, ки чиро ман мавъиза кардаам ё дар куҷое чӣ навиштаам, ба ман ҳамла мекарданд. Ман он шахсонеро дар назар надорам, ки бо мақсади омӯхтан ё аз сабаби нафаҳмидани ягон чиз савол медиҳанд. Ман ин гуна саволҳоро хуш дорам. Ман дар бораи онҳое мегӯям, ки ҳама чизро бо меъёрҳои рӯҳонияти худ чен мекунанд, ва ҳар чизеро, ки ба

маҳдудиятҳои таълимотии онҳо намеғунҷад, инкор менамоянд.

Ман шоҳид шудаам, ки ин гуна гуфтугӯҳо ба ду самт равона шуда метавонанд. Аввалан, маро ба мубоҳисаҳои ақлонӣ оид ба Навиштаҷот кашида метавонанд. Дар натиҷа ман худамро комилан хаста ҳис мекунам, махсусан, агар ҳамсӯҳбатонам аз рӯи масъалаи муҳокимашаванда донандаи хуби ҷойҳои Навиштаҷот бошанд. Онҳо ҳамла мекунанд, ман бошам, музтариб мешавам. Ман аллакай ба ин гуна вазъиятҳо наафтоданро ёд гирифтаам!

Усули дигари ҷавоб додан вуҷуд дорад. Ба Рӯҳулқудс нигоҳ карда, он чиро, ки Ӯ ба қалби шумо мегӯяд, гуфтан лозим аст. Он гоҳ ҳикмати Худованд ба пеш мебарояд, ва аз далелҳои мухолифон осоре ҳам боқӣ намемонад. Хиради Худо аз Китоби Муқаддас бармеояд, вале Рӯҳулқудс ба он нафаси ҳаёт мебахшад.

Чанд сол пеш ман бо як ходим дар ҳавопаймо парвоз мекардам. Мо як зани ибриро вохӯрдем. Ӯ шахси доно буд ва заковати худро намоён мекард. Дар бораи Исои Масеҳ сӯҳбат сар шуд. Мо бо ҳар гуна далел кӯшиш кардем, ки Масеҳ будани Исоро исбот кунем. Он зан бошад, саъй мекард, то исбот кунад, ки ҳама гуна даъвоҳои Ӯ дурӯғ буданд.

Ва ман ногаҳон дарк кардам, ки чӣ шуда истодааст. Ман фаҳмидам, ки ин сӯҳбати зеҳнӣ ба ҳеҷ натиҷае намеорад. Ман гӯё дар ҷустуҷӯи ҳидояти Рӯҳулқудс ба даруни худ нигоҳ кардам, ва Ӯ ошкор кард, ки чӣ бояд гӯям. Ман ба он зан нигоҳ кардам ва он суханонеро, ки Худо ба ман дод, нақл кардам. Вақте ки ман ин корро кардам, овози ман тағйир ёфт, ва суханони ман аз қудрат пур шуданд. Якбора, вақте ки ӯ инро шунид, чашмонаш лӯнда шуданд, ва вай хомӯш гардид. Тамоми мубоҳисаҳои мо ба вай ёрӣ надоданд. Аммо вақте ки каломи Худованд омад, он зуд самара овард.

Мо аз ҳавопаймо фаромадем, ва ходиме, ки бо ман парвоз мекард, гуфт: "Ҷон, вақте ки ту ҳарф мезадӣ, ман ҳузури Худоро ҳис кардам. Оё ту мушоҳида кардӣ, ки вай дигар ҳеҷ

чиз гуфта натавонист?” Ба мубоҳисаҳои бефоидае, ки асосашон донишҳои зеҳнии Навиштаҷот ҳастанд, дода нашавед. Ба ҷои ин ба Рӯҳулқудс имкон диҳед, ки ба шумо ҳикмати рӯҳонӣ бахшад.

> *Ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем... одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале касе наметавонад дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунад. Зеро кист, ки фикри Худовандро доништа бошад, то ки Ӯро таълим диҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем (1 Қӯр. 2:13, 15-16).*

Шахсеро, ки фикри Масеҳро дорад, ҳукм кардан ё тарсонидан ғайриимкон аст! Ман мисолҳои зиёде оварда метавонам, ки агар ба Рӯҳи Худо рӯ намеовардам, ба ҳарос меафтодам.

Ба мо маслиҳат медиҳанд, ки ба мисли Исо зиндагӣ кунем (1 Юҳ. 2:6). Исо танҳо ҳамон кореро ба ҷо меовард, ки Рӯҳулқудс мекард. Агар мо низ чунин рафтор кунем, ҳам солимии ақл, ва ҳам далериеро, ки барои бартараф кардани тарс ва назорат заруранд, дошта метавонем.

## Худовандо, ман чӣ кор кунам?

Бисёр вақт мо ба вазъиятҳое меафтем, ки моро мафлуҷ мегардонанд. Агар мо фикри Масеҳро надошта бошем, барои иҷро кардани вазифаҳое, ки Худо дар назди мо гузоштааст, комилан ноқобил мегардем. Ман дар Мексико бо чунин як мушкилӣ рӯ ба рӯ шудам.

Маро ба Монтеррея барои иштирок дар як маъракаи башоратдиҳӣ даъват карданд. Ман танҳо барои як шом даъват шуда будам ва харҷи роҳро худам пардохт кардам. Ними рӯзро дар дуо гузаронидам. Ҳангоми дуо ман дар болои биное, ки мебоист ҷамъомад доир гардад, абри сиёҳеро дидам. Ман аз Худованд пурсидам, ки ин чӣ аст, ва Ӯ фаҳмонид: “Ҷон,

ин торикӣ бар зидди ҷамъомади имрӯза ҷанг мекунад. Дуо карданро давом деҳ”.

Тадҳини пурқуввате ба ман нозил шуд ва маро дар дуо қавӣ гардонд. Пас аз сӣ дақиқа ман боз чизеро дидам. Дурахши барқ дар болои бом рост ба осмони торик зарба зад. Ман аз Худованд пурсидам, ки маънои ин чӣ бошад. “Ин ҷалоли боздоштанашавандаи Ман ба ҷамъомади имрӯза меояд”, - гуфт Ӯ ба рӯҳи ман. Ман ба ваҷд омадам.

Хидматгузорӣ дар соати 6-и бегоҳ муқаррар шуда буд. Мо андаке барвақттар омадем, ва ба мо хабар доданд, ки намояндагони ҳукумат шубонеро, ки ҷамъомадро ташкил мекард, дидан мехоҳанд. Мансабдорон бо ҳамроҳии ду афсаре буданд, ки либоси низомӣ доштанд. Ман ва шубон ба пешвози онҳо рафтем. Чанд лаҳзае мансабдор ба шубон бо забони испанӣ гап зад, сипас бо англисӣ ба ман савол дод: “Шумо бо испанӣ ҳарф мезанед?”

– Не, ҷаноб, - гуфтам ман.

Он гоҳ ӯ ба ман амр кард: “Шумо имрӯз наметавонед ба ин издиҳом ба ғайр аз ягон саргузашти сайёҳи ҷаҳонгард чизе бигӯед”. Сипас ӯ ба тарафи шубон тоб хӯрд ва бо ӯ сӯҳбат кард. Ман шубонро мушоҳида мекардам. Ӯ хеле андӯҳгин менамуд. Ҳатто ӯ феълан ҳаросон ба назар мерасид.

Мансабдор сухани худро ба охир расонид ва бо ҳамроҳии афсарон баромада рафт. Шубон маро ба як канор кашида, гуфт: “Ҷон, ин одам намояндаи ҳукумат аст, ва ӯ ба ту гуфт, ки мавъиза накунӣ. Аз рӯи қонунҳои Мексико, агар ту шаҳрванди ин кишвар набошӣ, бе иҷозати махсус ба мавъиза кардан ҳақ надорӣ. Одатан ин қонунро ба кор намебаранд, идома дод шубон, аммо, зоҳиран, ба ин шахс дар ин ҷо будани ту маъқул нест, ва ӯ қарор дод, ки аз ин қоида истифода барад. Ва ӯ боз гуфт, ки ӯ туро соати 9-и пагоҳии рӯзи душанбе дар утоқи кории худ дидан мехоҳад”.

Ман ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам. Ман зуд ба шубон гуфтам: “Гӯш кун, ман ба ин ҷо тамоман на барои он

омадаам, ки мавъиза накунам. Агар ту танҳо барои ман ташвиш кашида истода бошӣ, пас ба ман иҷозат деҳ, ки мавъиза кунам". Шубон тарсид, ҳаросон шуд, ва ман ба ғайр аз дуо кардан дигар ҳеҷ илоҷе надоштам, чунки ҷамъомад дар зери ҳукми ӯ буд.

Ман аз бино баромадам. Ин маҷмӯаи варзишӣ дар Монтеррея буд. Дар назди бино ҷое барои байрақгузорӣ буд, ва ман хостам, ки дар гирди он роҳ равам. Ман медонистам, ки Худо аллакай ба ман ҷалолеро, ки имрӯз дар ҷамъомад ошкор кардан мехост, нишон дода буд. Аммо ман намедонистам, ки ҳозир чӣ кор бояд кунам. Дар сари ман фикрҳо чарх мезаданд: "Эҳтимол, ин мансабдор дар ҳақиқат ба ман барои иҷро кардани он коре, ки Худо барояш фиристода буд, халал мерасонад?" Он гоҳ ман мулоҳиза рондам. Ин одам он чиро, ки Худо ҳангоми дуо ба ман нишон дод, боздошта наметавонад. Аммо муҳорибаи дарунӣ идома меёфт: "Чӣ кор бояд кард?"

Ва он гоҳ ман гуфтам: "Падар, ман чӣ кор карданро намедонам, аммо ин барои Ту тааҷҷубовар нест. Он чиро, ки рӯй дод, Ту пешакӣ медонистӣ. Бинобар ин дар ин вазъият ба ман хиради Ту лозим аст". Ман дар рӯҳ дуо карданро сар кардам, ва як ҷои Навиштаҷот ба хотирам омад.

> *Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад (Мас. 20:5).*

Исо гуфтааст, ки аз дили имондорон наҳрҳои ҳаётбахш ҷорӣ мешаванд (Юҳ. 7:38). Ман ба роҳнамоии Худо мӯҳтоҷ будам. Ба ман фикри Масеҳ лозим буд. Дуо бо забонҳо барои зоҳир шудани он ёрӣ мерасонад.

Ман чанд дақиқа дуо кардам, дар ақли ман хомӯшӣ буд, аммо ман аз Худо чизе шунидан мехостам. Ва ногаҳон фикре гӯё аз қалби ман ҷаҳида баромад: "Ба ин одамон дар бораи яке аз сайёҳони бузургтарине, ки ба Мексико сафар карда буд, нақл кун".

Ман хитоб кардам: "Ин аст чизе, ки лозим буд! Он шахс гуфт, ки ман дар бораи сайёҳӣ чизе гуфта метавонам. Ман ба онҳо

дар бораи сайёҳи бузургтарин - Исои Масеҳ, ки ба Мексико сафар кардааст, нақл мекунам!” Шодӣ маро пур кард ва ман ба қоҳ-қоҳ зада хандидан сар кардам.

Ман ба бино баргаштам. Хушбахтона, Худо аллакай бо шубон сарукор кардааст. Шубон хабар дод: “Худо бо ман сӯҳбат кард ва гуфт, ки он кореро, ки Ӯ ба ту фармудааст, ба ҷо биёрӣ”.

Ман ҷамъомадро бо чунин суханон сар кардам: “Ба ман фармуда шудааст, ки бо шумо танҳо дар мавзӯи сайёҳӣ сӯҳбат кунам, бинобар ин ман мехоҳам, ки ба шумо дар бораи сайёҳи бузургтарине, ки ба Мексико сафар кардааст, нақл кунам”.

Ман дар давоми як соат роҷеъ ба Исо ҳамчун Худованд ва Наҷотбахш мавъиза кардам. Баъзеҳо Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул карданд. Дар он гурӯҳ як одами маъюб буд. Баъд аз дуо оиди қабули Исо, Худованд ба ман гуфт: “Ин мардро ман дар навбати аввал шифо додан мехоҳам”.

Ман ба вай нигоҳ карда гуфтам: “Ҷаноб, Рӯҳи Худо мегӯяд, ки Ӯ шуморо шифо додан мехоҳад”. Ман ба ӯ даст монда, дуо кардам. Сипас ман аз дасти ӯ доштам ва ҳарду ба роҳ рафтан шурӯъ кардем. Дар аввал ӯ хеле боэҳтиёт буд. Баъд зудтару зудтар ба роҳ рафтан сар кард. Сипас ӯ аллакай дилпурона қадам задан гирифт, ва баъд ҳардуи мо давидем. Дар ниҳоят, ман дастони ӯро сар додам, ва аллакай худи ӯ танҳо давида рафт.

Издиҳом ба хурӯш омад. Одамон бо бемориҳо ва заъфҳои гуногун ба пеш давиданд. Ҳангоми ин шӯру мағал ман тарҷумони худро гум кардам. Садҳо одамон дар саҳна ба хурӯш омада буданд. Бисёриҳо шифо ёфтанд, аз ҷумла як зан низ, ки аз лаҳзаи таваллуд бо як гӯш комилан ва қисман бо гӯши дуюм кар таваллуд шуда буд. Вай чунон гиря мекард, ки куртааш аз ашк нам кашида буд. Ин воқеаи олиҷаноб буд!

Ман намедонистам, ки агар ман барои мавъиза кардан ҷуръат кунам, мансабдор барои ҳабс кардани ман ду шахсро фиристода будааст. Онҳо айнан дар ҳамон лаҳза омаданд, ки ман барои маъюб дуо мекардам. Ташкилотчӣ ба гапи онҳо

гӯш дод ва шунид, ки яке аз онҳо ба дигаре гуфт: “Биё аввал мебинем, ки вай чӣ кор мекунад, баъд ба ҳабс мегирем”. Вақте онҳо диданд, ки маъюб шифо ёфт, яке аз дигаре пурсид: “Ту гумон мекунӣ, ки ин ҳаққонӣ аст?” Онҳо наздиктар омаданд ва мушоҳида карданд, ки Худо чӣ кор мекунад.

Шифо ёфтани зани кар ва сипас гиристани ӯро дида, якумӣ гуфт: “Ман фикр мекунам, ки ин ҳаққонӣ аст”. Сипас бачаи панҷсола  аз таъсири қуввати Худо ба замин афтод. Онҳо инро дида, эътироф карданд:

“Бале, ин ҳаққонӣ аст!”. Ва ҳарду, ки барои ҳабс кардани ман фиристода шуда буданд, барои дуо ба пеш баромаданд! Ҳаллелуёҳ!

Рӯзе баъд ман он кишварро тарк кардам, ва нахостам, ки бо он мансабдор вохӯрам. Пас аз як ҳафта шубони мексикоӣ ба Иёлот парвоз карда омад ва як нашри рӯзномаи Монтеррейро бо худ овард. Ӯ мақолаеро, ки дар саҳифаи аввали рӯзнома дар бораи ҷамъомади мо чоп шуда буд, ба ман хонда дод.

Дар мақола гуфта шуда буд, ки ҳукуматдорон маро фиребгар номиданд ва гуфтанд, ки ман танҳо пул мехоҳам. (Рӯҳ ба ман гуфт, ки аз  ин кишвар як тин ҳам бо худ набарам ва ҳатто барои эҳтиёҷоти худ сарф накунам. Инро хонда, ман фаҳмидам, ки барои чӣ Рӯҳ чунин гуфта будааст.) Аммо сипас дар рӯзнома гуфта шуда буд, ки худи хабарнигорон шоҳиди дар ҳақиқат шифо ёфтани одамон шуданд! Ҷалол ба Худо!

Ҳукуматдорон хостанд, ки бо таҳдидҳои худ маро боздоранд. Агар ман ва шубон ба таҳдидҳо имкон медодем, ки моро ба зери назорати худ дароваранд, атои Худо беамал мемонд. Ҳамон бегоҳӣ касе шифо намеёфт ва баракат намегирифт. Аммо суханони Рӯҳ далерӣ дод, то ки аз байни тарс ва беҷуръатие, ки бар зидди ман нигаронида шуда буд, рахна зада гузарам. Ҳамин аст қуввати ақли солим.

# БА ПЕШ ҲАРАКАТ КАРДАН

Чизе ки барои одамон ночиз метобад, Худо барои нишон додани чизҳои имконнопазир истифода мебарад.

Наҳемё ибрие буд, ки дар замони асир будани Исроил зиндагӣ кардааст. Якчанд сол пештар бобулиён омада, Ерусалимро пурра хароб карданд. Онҳо сокинони зиёди онро куштанд ё ба асирӣ бурданд. Деворҳои Ерусалим сӯзонда ва хароб карда шуданд, ва шаҳр ба харобазор табдил ёфт.

Худо ба қалби Наҳемё орзуи баргаштан ба Ерусалим, барқарор кардани деворҳо ва худи шаҳрро гузошт. Наҳемё ба шоҳи аҷнабӣ содиқона хидмат кард ва дар назди ӯ илтифот ёфт. Подшоҳ ба вай иҷозат дод, ки равад ва хоҳиши дили худро, ки Худо илҳом бахшида буд, иҷро кунад. Наҳемё зуд ба Ерусалим раҳсипор шуд, боқимондагони

Исроилро ҷамъ кард, ва онҳоро барои бунёд кардани он чизе, ки душман хароб карда буд, даъват намуд.

Вале онҳо ба муқовимати сахт дучор шуданд. Се ҳокими маҳаллӣ Санбалат, Тубиё ва Ҷашам намехостанд, ки деворҳо аз нав бунёд карда шаванд. Онҳо ба тараққиёти Ерусалим зид мебаромаданд ва саъй мекарданд, ки Наҳемё ва бақияи қавмро боздоранд. Ва барои тарсонидани онҳо ҳама гуна ҳилаҳоро ба кор мебурданд.

Вақте ки ин сардорон аввалин бор оиди нақшаҳои Наҳемё шуниданд, "онҳоро истеҳзо карданд ва таҳқир намуданд" (Наҳ. 2:19). Онҳо на фақат хостанд, ки Наҳемё ва одамони ӯро боздоранд, балки ҳамчунин ба он кӯшиш карданд, ки онҳоро дар назари қавм аблаҳ вонамуд кунанд. Онҳо истеҳзо мекарданд ва суханони ҳақоратомез мегуфтанд. "Агарчи онҳо бино мекунанд, агар шағол бар он бараояд, ҳисори сангини онҳоро хароб хоҳад кард" (Наҳ. 4:3).

Аксар вақт одамон кореро, ки шумо ба ҷо меоред, масхараю истеҳзо карда, шуморо ба тарсу бим андохтан мехоҳанд. Онҳо ба шумо тамасхур мекунанд ва қобилияти иҷро кардани он чиро, ки Худо ба қалби шумо гузоштааст, зери шубҳа мегузоранд. Онҳо метавонанд рӯирост гап зананд, ё овозаҳо ва суханони масхараомезро дар байни дигарон паҳн кунанд. Ё, эҳтимол, ба шумо на одам ё гурӯҳи одамон зид мебароянд, балки шумо бар зидди фикрҳое мубориза мебаред, ки ба ақли шумо ҳамла мекунанд, ба мисли: "Одамон чӣ фикр мекунанд? Онҳо ба ҳоли ман механданд? Ман мағлуб мешавам?"

Дар чунин вазъият донистан зарур аст, ки иҷро кардани корро Худо ба шумо амр фармудааст, ва дар хотир бояд дошт, ки Ӯ "ҷоҳилони ҷаҳонро баргузид, то ки ҳакимонро шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад" (1 Қӯр. 1:27). Он чизеро, ки одам ночиз меҳисобад, Худо барои иҷро кардани корҳои имконнопазир истифода мебарад. Он гоҳ ҳама ҷалол ба Ӯ дода мешавад!

Наҳемё, пеш аз фаҳмидани иродаи Худо, рӯза дошт ва дуо кард. Он гоҳ ӯ тавонист ҳамлаи мухолифонро далерона бартараф кунад. “Худои осмон моро комёб хоҳад кард, ва мо, ки бандагони Ӯ ҳастем, бархоста, бино хоҳем намуд; вале шуморо насибе ва ҳаққе ва зикре дар Ерусалим нест” (Наҳ. 2:20).

Мухолифон чун фаҳмиданд, ки боздоштани Наҳемё ғайриимкон аст ва исроилиён дар иҷрои корҳо муваффақият меёбанд, онҳо ба ғазаб омаданд. Онҳо акнун намехандиданд, чунки ҳолати кор барои онҳо тамоман хандаовар набуд. Он гоҳ онҳо азм карданд, ки ба шаҳр ҳуҷум карда, тамоми лоиҳаро барҳам диҳанд (Наҳ. 4:7-8).

Ғазаб боз як аслиҳае аст, ки барои таҳдидкунӣ истифода бурда мешавад. Онро бо мақсади боздоштан ё дастгир кардани шумо ба кор бурда метавонанд. Ин гуна ғазаб метавонад ба таҳдидҳои дағал ё, баръакс, устокоронаю моҳирона оварда расонад. Ин гуна ҳамла усули хеле босамари таҳдидкунӣ аст. Ман борҳо мушоҳида кардаам, ки одамон барои халос шудан аз ғазаби дигарон аз он корҳое, ки аз рӯи донистани онҳо дуруст ва иҷроишашон зарур буданд, даст мекашиданд. Онҳо барои нигаҳ доштани оромии рӯякӣ ба гузашт кардан маҷбур мешуданд.

## Фишор аз берун ва дарун

Наҳемё на танҳо ба ҳамлаҳои беимонҳои бегона дучор мешуд, балки дар байни одамони худаш низ барои ӯ мушкилиҳо пайдо шуданд. Ин ба шароитҳое дахл дошт, ки онҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Аксаран, вақте ки Худо моро даъват мекунад, мо ҳам аз дарун ва ҳам аз берун ба муқовимат дучор мешавем.

Одамони Наҳемё хеле хаста шуданд. Онҳо мебоист он қадар партови зиёд саришта кунанд, ки барои муваффақияти кор мамониат мекард (Наҳ. 4:10). Боз як мушкилии дигар буд. Коргарони сарватманд ба оилаҳое, ки қарздор буданд, аз ҷиҳати молиявӣ фишор меоварданд. Сарватмандон бар ивази қарз киштзорҳо ва токзорҳои камбағалонро талаб мекарданд (Наҳ.

5:1-8). Ин он коргаронеро, ки оилаҳояшон азоб мекашиданд, беҷуръат мекард. Ин мушкилоти дохилӣ барои бартараф кардани ҳамлаю зӯровариҳои душманон назар ба мушкилиҳои берунӣ бештар халал мерасониданд.

## Таҳдид дар ҳама ҷабҳаҳо

Ман борҳо ба ин гуна вазъиятҳо афтода будам. Давраи аввал, вақте ки ман ба сафар кардан сар кардам, аз ман хоҳиш карданд, то ба як калисое, ки шубон надошт, ёрӣ расонам. Калисо дар як шаҳри хурде, ки ҳашт сад нафар аҳолӣ дошт, қарор гирифта буд. Шаҳрак аз эътибор берун ва ба дигарон номаълум буд. Пас аз ду хидматгузорӣ ҳамаи наврасон тавба карданд ва қуввати Худоро аз сар гузарониданд. Бо бисёр калонсолон низ чунин ҳолат рӯй дод. Аз боиси коре, ки Худо ба амал меовард, шумораи ташрифоварандагон зиёд шуд ва ба садҳо нафар расид. Ман ва ҳамсарам ба ин одамон он қадар дилсӯзӣ ҳис кардем, ки шаш хидматгузории навбатиро бекор кардем ва қарор додем, ки дар ҳамин ҷо бимонем, то ба ин калисо пойдевори мустаҳкаме гузорем ва онро барои шубони нав омода созем.

Аммо баъзе одамон дар шӯрои калисо намехостанд, ки ман мавъиза кунам. Яке аз онҳо ба хашм омад, зеро вақте ки ӯ ба ҷамъомади сеюми ман омад, ҳамаи наврасон дар ду сафи аввал, ки  ӯ ва ҳамсараш одати ба он ҷо нишастан доштанд, нишаста буданд. Пештар ҷавонон ва духтарон дар сафи аз ҳама охири калисо менишастанд.

Дигарон фикр карданд, ки хидматгузориҳои ман беҳад пурқуввват ҳастанд. Сабаб дар он буд, ки одамон аз шӯрои калисо маро ба зери назорати худ гирифтан хостанд. Онҳо мехостанд, ки дар калисо ҳама чиз аз рӯи хоҳиши онҳо ба ҷо оварда шавад. Пас аз чанд хидматгузорӣ, ниҳоят, ман гуфтам: “Дар шаш ҳафтаи боқимонда ман қудратро ба дасти худ мегирам, ва баъд шубони нави шумо ин корро ба амал меорад. Ҳама чиз бо ҳамин тарз иҷро карда мешавад. Ихтиёр дар дасти шумост”.

Ҳамон рӯзе, ки онҳо бояд қарори худро эълон мекарданд, ба ман як нашъаҷаллоби маҳаллӣ занг зад. Ҳамсари ӯ ба ҷамъомадҳои ман ташриф меовард. Вай ба ин нашъаҷаллоб эътироф карда буд, ки бо дӯсти наздики ӯ зино кардааст. Он нашъаҷаллоб хост, ки хашму ғазаби худро ба калисо фурӯ резад, ва хабар дод, ки бегоҳӣ барои ман мушкилӣ ба вуҷуд меорад.

Ман ба таҳдиди ӯ аҳамияти зиёд надодам. Пас аз ду соат яке аз аъзои шӯрои калисо, ки моро дастгирӣ мекард, гуфт, ки ин ҷавон ба ӯ занг зад ва таҳдид кард, ки ба ҷамъомад бомба мегузорад. Ман ба ӯ гуфтам: “Ба полис занг зан ва дархост кун, ки ин бомбаро пайдо кунанд”. Боз пас аз ду соат ба ман аз полис занг заданд. Афсар гуфт: “Ҷаноби Бивер, лутфан, ба қароргоҳ омада, ҳуҷҷатҳоро имзо кунед, то ки мо тавонем барои ҳабс кардани он ҷавон иҷозатнома диҳем”.

Ман ҷавоб додам: “Афсар, ман намехоҳам, ки шумо ӯро ҳабс кунед. Ӯ дар азоб аст. Ҳама чизе, ки ман аз шумо хоҳиш мекунам, - “ин бегоҳӣ андаке муҳофизат дар гирди бино”. Ӯ гуфт: “навбатдории ман соати чор ба анҷом мерасад, ва шӯъбаи наздиктарини полис дар масофаи сию панҷ мил дуртар аз ин ҷо ҷойгир шудааст. Имрӯз бегоҳӣ онҳо касеро фиристода наметавонанд”.

Ман ҷавоб додам:

“Ба ҳар ҳол ман намехоҳам, ки ӯро ҳабс кунед”.

Афсар ба ман савол дод: “Ҷаноби Бивер, шумо кай боз дар ин шаҳр зиндагӣ мекунед?” Ман гуфтам, ки дар ин ҷо тамоман зиндагӣ намекунам. Марди полис ҷавоб дод: “Ҷаноби Бивер, ман ин шахсро мешиносам. Ӯ дар ин минтақаҳо ҳамчун шахси бадкор маълум аст. Ӯ ба фурӯши ғайриқонунии моводи мухаддир гумонбар мебошад. Агар ӯ боз шароб нӯшад, он гоҳ ман ба ҳеҷ чиз кафолат намедиҳам”! Ман ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам. Полис мегӯяд, ки ин шахс хатарнок аст, ва ман фаҳмидам, ки дар ҳақиқат ҳамин тавр аст. Аммо ман ҳанӯз ҳис намекардам, ки барои иҷозатномаи ҳабс ҳуҷҷатҳоро

имзо кунам. Бинобар ин ман рад кардам, ва ба афсар миннатдорӣ изҳор намудам.

Аммо ба ман лозим буд, ки на танҳо бо таҳдидҳои ин ҷавон сарукор дошта бошам, балки бо шӯрои калисо низ. Ман фикр кардам: “Ин хандаовар аст. Шӯрои калисо ба ман мушкилӣ эҷод мекунад. Онҳо намехоҳанд, ки ман дар ин ҷо монам. Ва ҳоло ба ман ва оилаам кадом-як девона таҳдид мекунад”.

Ман бо тамоми вуҷудам хостам, ки гарди пойҳои худро афшонам ва то ғуруби офтоб оилаамро бо худ аз ин шаҳрак гирифта барам. Агар ман намедонистам, ки маро Худо фиристодааст, ба хотири оилаам мерафтам. Аммо қалби ман бо се сабаб ба рафтан иҷозат намедод. Аввалан, маро Худо фиристода буд, ва ман нашунидам, ки Ӯ бирав гуфта бошад. Дуюм, ман ҳамаи ин одамонро, ки Худо аллакай ламсашон карда буд, тарк кардан намехостам. Ва, сеюм, агар як бор тарсида, гурезӣ, минбаъд гурехтан боз ҳам осонтар мешавад.

Ман хоҳиши Худоро медонистам ва қарор додам, ки бимонам, фақат ин ки агар шӯрои калисо розӣ мешуд. Тамоми рӯз дуо кардам. Ин яке аз дуоҳои пурқувваттарине буд, ки ман боре аз сар гузаронидаам. Атои Худо дар ман қавӣ шуд. Ман ба он бегоҳӣ тайёр шудам.

Аммо вақте ки ба калисо омадам, фаҳмидам, ки бояд равам. Шӯрои калисо айнан пеш аз саршавии ҷамъомад ҷамъ шуда буд. Яке аз дяконҳо ба ман гуфт, ки ҳама барои рафтани ман овоз доданд. Ҳамон бегоҳӣ ман бояд хидматгузории охирини худро доир мекардам.

Ман зиқ шудам, вале қарор додам, ки ба он диққати худро равона кунам, ки Худо барои ин одамон кардан мехост. Ман мавъизаи пурқувватеро ба самъи ҳама расонидам ва қуввати Худо чунон сахт нозил шуд, ки одамон ба замин афтоданд. Бисёр касоне, ки тарки имон карда буданд, ба Худованд баргаштанд. Ва шахсе, ки ба ман таҳдид карда буд, пайдо ҳам нашуд. Дар охири хидматгузорӣ ман эълон кардам, ки шӯрои

калисо намехоҳад, ки ман бимонам. Аз ҷониби одамон садоҳои норозигӣ баланд шуданд. Ман намехостам, ки ба калисо ҷудоӣ андозам, ва аз ин рӯ алоқамандона ба рафтани худ дар дил оромӣ ҳис кардам.

Пас аз як ҳафта шӯрои калисо шубонеро интихоб карданд, ки ҳамҷинсгаро буд. Дар давоми чанд сол дар калисои онҳо чор шубон иваз шуд. Рӯҳи тарс ва беҷуръатӣ, ки дар байни шӯрои калисо амал мекард, дар ҷамоат ба харобиҳои ҷиддӣ оварда расонид.

## Қавӣ ва мақсаднок бимонед

Ҳамон замон ки Наҳемё муборизаи дохилиро дар байни одамони худ ҳал кард, мавҷи дигари таҳдидкунӣ баланд шуд.

> *Санбалат ва Ҷашам назди ман фиристода, гуфтанд: “Биё, то дар Кафирим, ки дар водии Уну мебошад, якҷоя вохӯрем”. Ва онҳо қасд доштанд ба ман бадӣ кунанд. Вале ман қосидон назди онҳо фиристода, гуфтам: “Ман ба кори бузурге машғул ҳастам ва наметавонам фурӯд оям. Чаро кор, вақте ки онро хобонда назди шумо фурӯд оям, ба таъхир афтад?” Ва онҳо чор дафъа бо чунин суханон назди ман фиристоданд, ва ман ба онҳо чунин ҷавоб гардондам (Наҳ. 6:2-4).*

Санбалат ва Ҷашам якравӣ карда, Наҳемёро боздоштан мехостанд. Аммо Наҳемё қавӣ мондан мегирифт. Ӯ ба он чиз диққати худро равона мекард, ки Худо ба ӯ амр фармуда буд. Ӯ намехост, ки дар иҷрои супориш ба вай монеа шаванд.

Душман мехоҳад, ки моро ба канор кашад, то ки мо дар кори худ бесамар гардем. Шайтон ин корро аз як маротиба бештар ба амал овардан мехоҳад. Ӯ якрав аст. Мо назар ба ӯ бояд дар азми худ қавитар бошем. Бинобар ин ҳам дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо бояд “ба вай бо имони қавӣ муқобилат кунем” (1 Пет. 5:9). Маънои “қавӣ” “мустаҳкам,

устувор ва пурқувват" мебошад. Хеле бисёр одамон, ба ҷои он ки то пурра ғолиб омадан устувор истанд, пас аз якчанд зарбаи душман таслим мешаванд.

Ва Санбалат дафъаи панҷум навкари худро назди Наҳемё фиристод. Ин дафъа бо нома ӯро дар исён бардоштан ба зидди подшоҳи Яҳудо айбдор кард (Наҳ. 6:5-7). Ин дурӯғи маҳз буд.

Вале ба ҳар ҳол Наҳемё бознаистод. Ӯ машғули кори худ буд ва ба бадгӯиҳо аҳамият намедод. Мо аксар вақт муносибатҳои худро бо душмане, ки моро тарсонидан мехоҳад, дуруст карданӣ шуда, аз роҳи худ берун мешавем.

Ман борҳо маҷбур шудаам, ки ба одамон нигоҳ карда, гӯям:

> *"Барои чӣ шумо ба дурӯғи ин шахс имкон медиҳед, то ба он чизе, ки Худо шуморо даъват кардааст, таъсири бад расонад? Далели он ки ӯ шуморо айбдор мекунад, маънои онро надорад, ки ӯ ҳақ ё ҷӯёи ҳақиқат аст! Шумо бояд донед, ки Худо дар бораи шумо чӣ мегӯяд ва нақшаҳои Ӯ барои шумо чӣ гунаанд. Чаро ба сухани аблаҳ эътибор медиҳед?" Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "Ба аблаҳ мувофиқи беақлии вай ҷавоб надеҳ: мабодо ту низ ба вай монанд шавӣ" (Мас. 26:4).*

Шахси охирине, ки Наҳемёро боздоштан мехост, марде буд, ки омада, нубувват кард, ки Наҳемё бояд дар маъбад пинҳон шавад, чунки душманон ӯро куштан мехоҳанд (Наҳ. 6:10). Агар Наҳемё кори худро бас мекард, одамони ӯ боз ҳам сусттар мешуданд, ва кор нотамом боқӣ мемонд.

Наҳемё ҷавоб дод: "Оё шахсе мисли ман метавонад бигрезад? Ва кист мисли ман, ки вориди маъбад шавад ва зинда монад? Ман нахоҳам рафт" (Наҳ. 6:11). Наҳемё фаҳмид, ки ин шахсро Худо нафиристодааст. Ӯ бар зидди Наҳемё нубувват кард, чунки Тубиё ва Санбалат ӯро киро карданд. Ҳоло бубинед, ки Наҳемё дар идомаи суханаш чӣ гуфт:

> *Ӯ барои он киро карда шудааст, ки ман ба ҳарос афтам, ва ин тавр амал намоям, ва гуноҳ кунам, ва барои онҳо бадном шавам, то маро беобрӯ созанд (Наҳ. 6:13).*

Душман шуморо ба ҳарос андохта ва барои бо тамоми қувват ҳимоя кардани худ маҷбур карда, обрӯи шуморо резонидан мехоҳад. Аммо Наҳемё фикри Худоро дошт, аз ин рӯ вай ростӣ ва покиро аз дурӯғ ва фиреб фарқ карда метавонист.

Наҳемё нақшаҳои Санбалат, Ҷашам ва Тубиёро фош кард.

> *Зеро ки ҳамаи онҳо моро тарсонда, дар дили худ мегӯянд: "Дасту дили онҳо аз кор хунук шуда, он ба ҷо оварда намешавад". Ва алҳол, дастҳоямро барои кор қавӣ гардон (Наҳ. 6:9).*

Мо боз мақсади таҳдидро мушоҳида мекунем: душман бо таҳдид мехоҳад, ки моро суст гардонад, то мо барои иҷрои иродаи Худо қобил набошем ва ба таҳдидҳои ӯ андармон шавем. Агар мо устувор наистем, пас тӯъмаи душман мегардем.

Вақте ки мо ба ҳудуди шайтон қадам мемонем, ӯ роҳҳои гуногунро истифода бурда, моро ба ҳарос андохтан мехоҳад. Ӯ ин корро на танҳо як бор ба амал оварда, баъд таслим мешавад. Ва агар иблис моро боздошта, банд ё суст карда тавонад, пас ӯ подшоҳии Худоро аз пешрафт кардан бозмедорад.

Наҳемё ва одамони ӯ сохтмони деворро ба анҷом расониданд. Акнун шаҳр бехатар гардида ва ба барқароршавӣ рӯ оварда буд. Ин осон набуд. Дар ҳар қадам муқовимати сахт интизор буд. Аммо одамон медонистанд, ки Худо чӣ гуфта буд, ва ба ақибнишинӣ роҳ надоданд.

## Бартараф кардани муқовимат

Истодагарии Наҳемё намунаи классикии он аст, ки имондор чӣ гуна бояд бошад:

*На ин ки аллакай расида бошам, ё комил шуда бошам, балки саъю кӯшиш менамоям, ки шояд ман ҳам бирасам, чунон ки Исои Масеҳ ба ман расидааст (Фил. 3:12).*

Калимаҳои асосӣ дар ин ҷо “саъю кӯшиш” мебошанд. Агар Павлус бо Рӯҳулқудс “саъю кӯшиш менамоям” гуфта бошад, пас, ҳамчун Наҳемё, ӯ бисёр вақт маҷбур шудааст, ки муқовиматҳоро бартараф кунад. Вале мо бо ҳамин бознамеистем. Ба мо лозим аст, ки ба пеш ҳаракат кунем. Павлус давом медиҳад:

*Ман сӯи мақсаде шитоб менамоям, ки фарҷоми ғолибонаи даъвати Худост аз арши аъло дар Исои Масеҳ (Фил. 3:14).*

Даъвати баланд ва даъвати паст ҳаст. Даъвати баланд - ин дар замин бо меъёрҳои осмон зиндагӣ кардан ва чӣ тавр зоҳир шудани Подшоҳии Худоро дар ҳаёти худ дидан. Одамоне, ки мутобиқи ин даъвати баланд зиндагӣ мекунанд, ба атрофи худ таъсир мерасонанд. Бо қудрате, ки ба онҳо дода шудааст, амал карда, иқлими рӯҳониро дигаргун месозанд, ба ҷои рӯҳафтодагӣ озодӣ меоранд.

Торикӣ равшаниро фурӯ бурда наметавонад. Равшанӣ торикиро пароканда мекунад. Равшанӣ чӣ қадар мунавтартар бошад, ҳамон қадар торикӣ нобуд мешавад. Ҳамин тавр мо бояд бо қудрати Подшоҳии Худо амал кунем. Он гоҳ атрофиёни мо дар таҳти ҳокимияти он қарор мегиранд.

Исо метавонист бо гуноҳкорон хӯрок хӯрад, чунки Ӯ муҳитро дар зери назорати Худ нигоҳ медошт. Агар шумо дар Худо назар ба беимонҳо, ки дар иблис ҳастанд, қавитар бошед, шумо муҳитро дар зери назорати худ нигоҳ дошта метавонед. Агар гуноҳкор дар гуноҳ бештар реша давонда бошад, назар ба он ки имондор дар қудсият, он гоҳ беимон фазои рӯҳониро ба зери назорати худ мегирад.

Шумо бо даъвати баланд зиндагӣ карданро азм карда, ба

муқовиматҳо рӯ ба рӯ мешавед. “Ва ҳамаи онҳое ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд” (2 Тим. 3:12). Ва ҳамчунин ба мо гуфта шудааст: “мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем” (Аъм. 14:22).

Бисёр масеҳиён бозмеистанд ва бо даъвати паст зиндагӣ мекунанд. Барои чӣ? Онҳо дар роҳи даъвати баланди худ ба муқовиматҳо дучор шудан намехоҳанд. Онҳо ба ҷои он, ки вазъиятро бо ҳамлаи илоҳӣ дигаргун созанд, бо чизҳое розӣ мешаванд, ки онҳоро иҳота кардааст. Бо тӯда омехта шудан назар ба берун баромадан аз тӯда осонтар аст. Ба муқовимат вохӯрда, баъзеҳо ба созиш меравaнд, ва роҳҳои муқовиматашон камтаринро меҷӯянд.

Ман чунин меҳисобам, ки хостгори муқовимат набудани мо қисман аз кӯшиши бунёд кардани ҳаёти осон ва бароҳат бармеояд. Мо бо ҳар роҳ барои канораҷӯӣ кардан аз ҳар гуна мушкилиҳо кӯшиш карда, ғайратмандона зиндагонии худро бунёд мекунем. Ман ба шумо ҳаёти пурмашаққатро талқин кардани нестам, вале дар ҳақиқат чунин меҳисобам, ки ба ҷои ба Худо такя кардан, мо бештар ба нақшаю барномаҳои худ такя мекунем.

Мо суғурта кардаем. Агар бемор шавем, пешакӣ дуо ҳам накарда, ба назди духтурон мешитобем. Мо медонем, ки суғуртаи мо ҳама хароҷотро мепӯшонад. Кори мо ҳар ҳафта моро бо маблағи кифоя таъмин мекунад. Агар корамонро аз даст диҳем, дар сурати бекор мондан низ худро бароҳат ҳис мекунем. Ёрдампулиҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ мавҷуд мебошанд. Агар ёрдампулӣ барои мо иҷозат набошад, боз ягон барномаеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад, - эҳтимол, нархи танбалии моро пардохт мекунанд.

Телевизион низ моро ба тарзи ҳаёти ғайрифаъол ташвиқ мекунад. Амрикоии миёна дар як ҳафта 24 соат телевизор тамошо мекунад! Мо ба ширкатҳои телевизионӣ ва Ҳолливуд имкон медиҳем, ки ба ҷои мо фикр кунанд. Принсипҳои мо дар асоси он ташаккул меёбанд, ки мо аз барномаҳои онҳо фурӯ мебарем.

Тафдонҳои барқӣ ва силсилаи тарабхонаҳои таомҳои зудпаз ба мо хӯрокҳоеро ваъда медиҳанд, ки бе саъю кӯшиши мо тайёр карда мешаванд. Ҳатто баъзеҳо хӯроки бепулро кафолат медиҳанд, агар барои бурда расонидани он 15 дақиқа дер кунанд. Мо почтаи зудамал, козургарии кимиёвӣ дар як соат, аксбардории таъҷилӣ, равғанкунии таъҷилии мошинҳо ва дастрасии шабонарӯзӣ ба хабарҳои ҷаҳонӣ дорем. Ва ин танҳо андаке аз ҳузуру ҳаловатҳое мебошанд, ки дастраси мо ҳастанд.

Бисёре аз онҳо хеле хубанд. Онҳо вақти моро барои иҷро кардани чизҳои дар ҳақиқат муҳим сарфа мекунанд. Аммо аксар вақт мо афзалиятҳои худро нодуруст ҷо ба ҷо мекунем. Имрӯз одамон ба чизе саъй намекунанд, агар аз болои он ҳақиқатан ҷиддӣ кор кардан лозим бошад.

Мутаассифона, чунин тарзи ҳаёт ба калисои ғарбии мо ворид шуд. Шумораи хеле ками масеҳиён барои соҳиб шудан ба даъвати баланди илоҳӣ хислати мустаҳкам ва боисрор доранд. Ба муқовимат дучор шуда, онҳо ба роҳе, ки муқовиматаш камтар аст, тоб мехӯранд. Дар лаҳзаи аввал ин роҳ, ки муваффақияти осонро ваъда медиҳад, интихоби дуруст ба назар мерасад. Аммо ин роҳ бо хусусиятҳои ширгармии рӯҳонӣ, яъне бо созишкорӣ, бепарвоӣ ва худмуҳофизаткунӣ ҳамвор карда шудааст.

Исо ба мо таълим додааст, ки ба кӯҳҳои душман муқобилият кунем, то ки онҳоро сарнагун созем. Ба таври дигар иброз кардан мумкин аст: кӯҳҳои худро вайрон кунед, ҳатто агар онҳоро зарра-зарра пора кардан лозим шавад. Ба мисли Наҳемё, сарбозони ҳаққонии Масеҳ аз ҳар гуна монеаҳо дилпурона мегузаранд ва барои касе, ки имон дорад, ҳеҷ чиз имконнопазир нест (Мат. 17:20). Ва баръакс, онҳое, ки роҳи осонро интихоб кардаанд, аз муқовимат гурехта, кӯҳҳои худро давр зада мегузаранд. Системаи ин ҷаҳон аз ҷониби мири ин ҷаҳон, ки дар фазо ҳукмрон аст, бунёд карда шудааст (Эфс. 2:2). Осмон бо ин нерӯи таъсиррасон дар ҷанги ошкоро аст. Агар мо бо роҳи осмон равем, мо ҳамеша аз ҷониби системаи ин

ҷаҳон ба муқовимат дучор мешавем. Бадбахтона, ин системаи дунявӣ дар калисоҳои мо низ ҳукмфармоӣ мекунад.

Ман ин муқовиматро бо ҳаракати завраqе, ки бар зидди маҷро дар дарёи зудҷараён шино мекунад, монанд мекунам. Шуморо лозим аст, ки доимо ба шиддати об муқобилият кунед. Белҳои завраqи шумо бояд омодаи кор бошанд ва шумо бояд доимо бел занеду бел занед. Як лаҳза ҳам шумо набояд аз ҳаракат бозмонед. Вале агар бозмонед, эҳтимол, чанд лаҳза аз рӯи инертсия ҳаракатро давом дода метавонед, аммо ин дер давом намекунад, ва маҷро шуморо ба поёни дарё мебарад. Нӯги завраqи шумо, эҳтимол, ҳанӯз ҳам ба боло нигаронида мешавад, вале он ба қафо шино мекунад. Ин мисоли он аст, ки ҳангоми ба пеш ҳаракат накардани имондор рӯй медиҳад. Онҳо вонамуд мекунанд, ки ҳоло ҳам масеҳӣ ҳастанд, вале дар асл ба ақиб сӯи дунё ғелида мераванд. Мазҳабпараст мешаванд, қувват ва самаранокии худро аз даст медиҳанд. Агар суханони Исоро дақиқан иқтибос орем, онҳо “ношоям” ҳастанд (Мат. 5:13)!

## Қавӣ бош!

Павлус авҷ гиронидани аторо ба Тимотиюс насиҳат карда, зуд илова намуд:

> *“Пас, эй фарзандам, бо файзе ки дар Исои Масеҳ аст, қавӣ бош” (2 Тим. 2:1).*

Мо бояд барои ба пеш рахна задан ва бартараф кардани беҷуръатӣ қавӣ бошем.

Чуноне ки Павлус калисои шаҳри Қӯринтӯсро огоҳ карда буд, “ҳушёр бошед, дар имон устувор бошед, мардвор ва матин бошед” (1 Қӯр. 16:13). Имондори нотарс аз вазъиятҳои мушкил нагурехта, бо онҳо рӯ ба рӯ вомехӯрад.

Худо Еҳушаъ ибни Нунро на як бор, балки ҳафт бор рӯҳбаланд карда буд, ки қавӣ ва далер бошад!

*Фақат қавӣ ва далер бош, то ки бо риояти дурусти тамоми шариате ки Мусо, бандаи Ман, ба ту амр фармудааст, амал намоӣ; аз он ба тарафи рост ё чап дур нашав, то ба ҳар ҷое ки меравӣ, муваффақият ба даст оварӣ (Еҳушаъ. 1:7).*

Бубинед, Худо моро ташвиқ мекунад, ки қавӣ ва далер бошем. Барои чӣ? Барои пирӯз шудан дар ҷанг ва қаҳрамони бузург гардидан? Не. Барои риоя кардани каломи Худованд. Барои ин Еҳушаъ ибни Нунро лозим буд, ки қаҳрамон шавад ва ҳатто дар ҷанг ғолиб ояд! Беҷуръатӣ моро аз озодии итоаткор будан ба ирода ва каломи Худованд маҳрум месозад. Бинобар ин мо бояд ҳар доим қавӣ ва далер бошем, то ки ҳатто беихтиёр чизҳоеро, ки мо дуруст мешуморем, инкор накунем.

Биёед калимаи "далерӣ"-ро шарҳ медиҳем.

Муносибат, ё посух ба вазъият, вақте ки мо бо ҳама чизе, ки ба мо мушкилӣ ва хатар эҷод мекунад ва дард мерасонад, омодаем, ки ошкоро вохӯрем ва ҳаллу фасл кунем; мо ба ҷои он, ки аз муқовимат гурезем, чунин мекунем.

Ҳоло, мебинем, ки баръакси далерӣ чӣ аст. Эҳтимол шумо беихтиёр гумон мекунед, ки ин тарс ва сустӣ аст. Ва то як андоза ин дуруст аст. Аммо калимаи "рӯҳафтодагӣ"-ро дида баромадан беҳтар аст. (Дар забони англисӣ калимаи "courage" (далерӣ) ва "discouragement" (рӯҳафтодагӣ) калимаҳои муқобилмаъно мебошанд – шарҳ. тарҷ.) Худо ба Еҳушаъ ибни Нун фармон дод ва мо низ бояд қавӣ ва далер бошем ва рӯҳафтодагӣ ва маъюсиро ба дилҳои худ роҳ надиҳем!

Биёед калимаи "рӯҳафтодагӣ"-ро шарҳ медиҳем.

Маҳв кардани далерӣ; аз байн бурдани дилпурӣ, дуздидани умед; маҳзун кардан.

Дар ёд доред, Илёс, вақте ки ӯро Изобал тарсонид, чӣ тавр аз сабаби маъюсӣ мағлуб шуд? Ӯ ақибнишинӣ кард ва гурехт. Ӯ чунон рӯҳафтода шуд, ки аз мавқеи қудрате, ки ба вай дода шуда буд, берун рафт. Мо ба маъюсӣ бояд чунон муносибат

кунем, ки ба душман мекунем. Мо қуввати онро ба назар намегирем, ва он моро аз даъвати баланди Худо бозмедорад. Агар Худо ҳафт бор ба Еҳушаъ ибни Нун қавӣ ва далер буданро талқин карда бошад, пас мо низ бояд ба ин аҳамият диҳем.

Маъюсӣ қотил аст! Агар ба он зид набароем, он моро ба ақибнишинӣ маҷбур месозад.

> *Одил бо имон хоҳад зист; ва агар касе рӯй гардонад, ҷони Ман ба вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард (Ибр. 10:38).*

Дарк кардан зарур аст, ки Худо аз тарсончакии мо ҳаловат намебарад. Ба мо гуфта шудааст: “Касе ки ғолиб ояд, ворис ҳама чиз хоҳад шуд, ва Ман барои ӯ Худо хоҳам буд, ва ӯ барои Ман писар хоҳад буд; валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро — насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст” (Ваҳй 21:7-8).

Калимаи “тарсу” он касро мефаҳмонад, ки “дар рӯ ба рӯи дард ё хатар тарси нанговарро намоён мекунад”. Оё тарсуҳоро бо қотилон ва зинокорон ба як саф шомил кардани Худо ҳушдор намедиҳад? Вале мо худро таскин медиҳем, ки тарсончакӣ як нав сустӣ асту халос.

Не, тарсончакӣ аз беимонӣ сар мезанад. Ва беимонӣ ҷони исроилиёнро ба ҳалокат дучор кард ва онҳо бе ҳеҷ ваҷҳ ба замини мавъуд дохил нашуданд. “Ва мо мебинем, ки онҳо аз боиси беимонӣ натавонистанд дохил шаванд” (Ибр. 3:19).

Айни ҳамин имрӯз низ рӯй медиҳад. Тарсуҳо ғолиб намешаванд. Онҳо чизи ваъдашударо ба даст намеоранд. Худованд ба воситаи ҳаввории Павлус бо исрор моро таълим медиҳад:

> *Фақат ин ки муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед, то ки ман — хоҳ омада шуморо бинам, хоҳ аз шумо дур бошам — дар бораи шумо бишнавам,*

*ки шумо дар як рӯҳ қоим буда, якдилона барои имони Инҷил ҷидду ҷаҳд менамоед (Фил. 1:27-28).*

Устувор истед ва ба душманон имкон надиҳед, ки шуморо ба тарс андозанд. Далер, қавӣ ва ҷасур бошед, ва барои рӯ ба рӯ шудан ва бартараф кардани муқовиматҳо омода бошед, ва аз онҳо нагурезед. Дар ояти минбаъда Павлус давом медиҳад:

*Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед (Фил. 1:29).*

Чӣ гунаанд азобҳое, ки мо бояд аз сар гузаронем? Петрус ба ин ҷавоб медиҳад:

*Пас, чи тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад, то ки боқии умри ҷисмониро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки мувофиқи иродаи Худо ба сар барад (1 Пет. 4:1-2).*

Вақте ки ҷисми мо ё таъсири дигарон моро барои равона шудан ба як самт маҷбур мекунад, дар ҳоле ки иродаи Худо барои мо интихоб кардани роҳи тамоман дигар аст, мо азоб мекашем. Худованд мефармояд, ки қавӣ ва далер бошем, то ки каломи Худовандро ҳифз кунем.

Петрус мегӯяд, ки мо бояд бо чунин фикр мусаллаҳ шавем. Масеҳие, ки барои машаққатҳо мусаллаҳ ва омода нест, - ҳамчун сарбози бе силоҳ дар майдони ҷанг аст. Ӯро ё мекушанд, ё ба асорат мебаранд. Масеҳиёне, ки азоб кашидан намехоҳанд, осонакак ба доми тарси одамӣ – беҷуръатӣ меафтанд.

Мо бояд интизор бошем, ки дар роҳи даъвати олии худ бо муқовиматҳо рӯ ба рӯ мешавем. Аммо Павлус  бо дилпурӣ изҳор мекунад: “Ва Худованд маро аз ҳар амали бад халосӣ дода, барои Малакути Осмонии Худ маҳфуз хоҳад дошт. Ӯро то

абад ҷалол бод. Омин!” (2 Тим. 4:18). Худо ба ҳар ҳол моро ба ҷалоли Худ мерасонад. Ҳаллелуёҳ!

Насиҳати навбатиро аз каломи Худо бо диққат хонед. Чунон хонед, ки гӯё шумо пештар онро боре надида бошед. Таваққуф кунед ва муфассал дар бораи ҳар калима мулоҳизаронӣ кунед. Ба Рӯҳулқудс имкон диҳед, ки ин суханонро дар қалби шумо фурӯзон кунад.

> *Агар Худо тарафгири мо (ман) бошад, зидди мо (ман) кист? (Рум. 8:31).*
>
> *Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер?... Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем (Рум 8:35,37).*
>
> *Шумо, эй фарзандон, аз Худо ҳастед, ва онҳоро мағлуб кардаед, зеро Ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст (1 Юҳ. 4:4).*

Дили худро пок нигоҳ дор ва дар мавқеи қудрат ҳамчун фарзанди Худо ва хидматгори Худо қоим бош. Он гоҳ ту бояд далерона изҳор кунӣ: “Худованд мададгори ман аст; ман наметарсам. Ба ман одамизод чӣ кор карда метавонад?”

## Хотима

Дар хотима, ман шуморо ташвиқ мекунам, ки ҳеҷ гоҳ ба мағлубиятҳои пештара имкон надиҳед, ки шуморо боздоранд. Ба ояндаи худ аз рӯи гузаштаи худ ҳукм накунед! Агар шумо ин тавр кунед, пас аз гузаштаи худ ҳеҷ гоҳ раҳо намешавед! Муҳим нест, ки чӣ қадар афтодед. Умеди мо ҷовиданӣ аст: Худо барои ба қаҳрамонон табдил додани тарсончакон мутахассис аст! Ҳаллелуёҳ! Қуввати Ӯ дар заъф комил мегардад.

Ҳамчун намуна, ба ҳаёти Андриёс, бародари Шимъӯни

Петрус, нигоҳ кунед. Шабе, ки Исоро дастгир карданд, “ҳамаи шогирдон Ӯро вогузошта, гурехтанд” (Мат. 26:56). На танҳо як Петрус тарсид; Андриёс низ бо мақсади раҳо кардани ҷони худ фирор кард. Аммо як лаҳзаи тарсончакӣ маънои онро надошт, ки Андриёс ин зайл тарсончак мемонад.

Баъд аз эҳёи Исо Андриёс дар Ҳабашистон, ки дар зери ҳукмронии Рум буд, мавъиза кард. Ба як қисса оид ба ҳодисаҳои таърихие, ки Исоро ҷалол додааст, диққат кунед. Вақте ки Андриёс ғайратмандона мавъиза карда, бисёриҳоро ба имон овард, ҳоким Ҳаҷа аз сенати Рум иҷозат талабид, ки тамоми масеҳиён маҷбур карда шаванд, то ба бутҳои румӣ қурбонӣ биёранд ва саҷда кунанд. Андриёс азм кард, ки ба Ҳаҷа муқобил барояд ва ба назди вай рафт. Ӯ изҳор кард, ки довари одамиён пеш аз ҳама бояд ба Довари осмонӣ таъзим кунад. Андриёс гуфт, ки парастиши Худои ҳақиқӣ ҳама худоёни дурӯғин ва бутҳои кӯрро аз ақл дур месозад.

Ҳаҷа ба Андриёс хашмгин шуда, фармон дод, то маълум кунанд, ки оё ин ҳамон шахсе нест, ки ба наздикӣ дар маъбади бутпарастон бесарусомонӣ ба вуҷуд овард ва ҳамаро ташвиқ намуд, ки ба масеҳият, ба “бидъати хурофотпарастӣ”, ки аз ҷониби румиён ғайриқонунӣ эълон карда шудааст, шомил шаванд.

Андриёс ҷавоб дод, ки ҳокимони Рум ҳақиқатро дарк накарданд. Писари Худо, ки барои фоидаи одамон ба замин омада буд, таълим додааст, ки худоёни Рум шарир ва душманони одамизод ҳастанд. Онҳо одамонро маҷбур мекунанд, ки Худоро таҳқир намоянд, ва Ӯро аз одамон пинҳон медоранд. Андриёс гуфт, ки одам ба шайтон хидмат карда, ба ҳар гуна шарорат меафтад, ва баъд мемирад, ва ғайр аз аъмоли шарироонаи ӯ чизи дигар боқӣ намемонад.

Ҳоким ба Андриёс фармон дод, ки дигар инро мавъиза накунад, вагарна маслуб карда мешавад. Он гоҳ Андриёс ҷавоб дод: “Ман агар аз салиб метарсидам, ҷалол ва шарафи салибро мавъиза намекардам”. Ӯро барои таълимоти нави хурофотӣ ва сарнагун кардани дини худоёни румӣ ба марги салибӣ маҳкум карданд.

Ба ҷои маслубкунӣ рафта истода ва салибро дида, Андриёс ҳатто қиёфаи худро дигар накард. Суханрониро низ бас накард. Ҷисмаш суст шуд, аммо ақлаш, гарчанде ин аксар вақт бо мирандагон рӯй медиҳад, ӯро тарк накард. Ӯ гуфт: “Эй салиб, маҳбуб ва дилписанди ман! Бо тайёрӣ дар ақл, бо хурсандӣ ва иштиёқ ба назди ту меравам. Ман шогирди Касе ҳастам, ки дар ин ҷо овехта шуда буд, ҳамеша орзуманди ту будам ва худро ба оғӯши ту месупорам”.

Ин шахс аллакай тамоман на ҳамон одаме буд, ки ҳангоми дастгир кардани Исо ҷони худро раҳониданӣ шуда, гурехта буд. Ӯ тағйир ёфт.

Воқеан ҳамаи шогирдони фирорӣ оқибат барои шаҳодати худ дар бораи Исо кушта шуданд. Худо ба онҳо шарафи вохӯрӣ бо он чизро дод, ки пештар аз он гурехта буданд. Қуввати беҷуръатӣ ва тарс шикаста шуд, ва онҳо ҷони худро фидо карданд!

Шумо бояд тасаллӣ ёбед, ки “Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд” (Фил. 1:6). Шаҳодати зиндагии он шогирдон мисоли зиндаест, ки Худо мағлубияти моро ба пирӯзӣ табдил медиҳад! Ақибнишинӣ накунед, вале ҷуръат карда, ба Он, ки шуморо дӯст доштааст ва ҳаёти Худро фидо кардааст, эътимод кунед.

Биёед якҷоя дуо мекунем:

> Падар, ба номи Исои Масеҳ, аз Ту илтиҷо мекунам маро бо муҳаббат ва хиради Худ устувор гардон. Маро бубахш, ки дар лаҳзаҳои мушкил ба хотири ҳузуру ҳаловат ва бехатарии худ ақибнишинӣ кардам. Худованд Исо, имрӯз ман қарор мекунам, ки худамро инкор карда, салиби худро бардошта, Туро пайравӣ мекунам. Ман хидматгори Ту ҳастам, ман файзи Туро, ки барои далерона ва бо муҳаббат эълон кардани каломи Ту ва ба ҷо овардани иродаи Ту, қувват мебахшад, қабул мекунам.

Ва ҳоло ба рӯҳи тарс ва назорат гап занед:

> *Ман суханони таҳдидомез ва назоратро, ки ба туфайли худи ман ва одамони дигар ба ҳаёти ман ворид шудаанд, барҳам мезанам. Ман дар ҳаёти худ неши тарс аз одамонро мешиканам. Шумоён, рӯҳҳои шарири зулмат, ман худро ба Худо тобеъ мекунам ва ба шумо зид мебароям. Ман ба шумо дар ҳаёти худ ҷой намедиҳам, ва бинобар ин аз ман дур шавед, ба номи Исои Масеҳ. Омин.*
>
> *Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин.*
>
> *–Яҳуд. 24-25*

# РӮҲУЛҚУДС: ДАСТУРАМАЛ

***Шумо дар бораи Ӯ медонед, аммо шумо Ӯро мешиносед?***




Дар тӯли се сол шогирдон бо Исо буданд, бо Ӯ роҳ мерафтанд, ва ҳар он чиро, ки Ӯ мегуфт, мешуниданд. Бо вуҷуди ин, Исо ба дӯстони наздиктарини Худ гуфт, ки Ӯ бояд онҳоро тарк кунад, то Рӯҳулқудс биёяд – ва ин барои онҳо беҳтар хоҳад буд. (Юҳанно 16:7, 13-14). Агар ин барои шогирдон, ки ҳар рӯзро бо Исо мегузарониданд, беҳтар мебуд, пас мо имрӯз то чӣ андоза дар ҳаёти худ ба ҳузури фаъоли Рӯҳулқудс ниёз дорем?

Афсӯс ки Рӯҳулқудсро нодуруст фаҳмида, бисёр одамонро аз донистани он, ки Ӯ Кӣ аст ва чӣ тавр Ӯ Худро ба мо зоҳир мекунад, маҳрум месозанд. Рӯҳулқудс аксар вақт ҳамчун як чизи “аҷиб” тасвир карда мешавад. Аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Рӯҳулқудс на як чиз аст. Ӯ Касест, Ӯ Шахс аст, ва Ӯ ваъда додааст, ки моро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад. Дар ин китоби интерактивӣ Ҷон Бивер Шуморо даъват мекунад, то Шахсеро, ки дар Калисо аз назари эътибор дур мондааст ва барои бисёр одамон шинос нест, яъне Рӯҳулқудсро, барои худ кашф кунед.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# Некӣ ё Худо?

***Барои чӣ чизҳои хуб, агар ба он дасти Худо набошад, кофӣ нест***




Агар ин хуб бошад, ин аз ҷониби Худост, дуруст аст?

Дар замони мо калимаи некӣ ва Худо калимаҳои ҳаммаъно шудаанд. Мо фикр мекунем, ки агар ягон чизро ҷамъият хуб шуморад, Худо низ ҳатман тарафдори он мебошад. Саховатмандӣ, фур=танӣ ва адолат ин некӣ аст. Худпарастӣ, ғурур ва сахтдилц ин бадӣ аст. Фарқият бисёр возеҳ ва равшан аст.

Оё ин ҳама чиз аст? Агар некӣ ҳамин қадар аён бошад, пас барои чӣ дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки мо некиро аз бадц фарқ карда тавонем?

“Некӣ ё Худо?”- ин дастурамали нав барои ёрдам додан намебошад. Ин китоб аз шумо талаб мекунад, ки рафторатонро тағйир диҳед. Он ба шумо барои бо Худо дар ҳамон сатҳ пайваст шудан қувват мебахшад, ки ҳар як соҳаи ҳаёти шумо тағйир меёбад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# БО АБАДИЯТ ҲАРАКАТКУНАНДАГОН

***Ҳаёте, ки имрӯз ва то абад муҳим аст***




Рӯзе шумо ба назди Худо ҳозир шуда, ба Ӯ дар бораи ҳаёти худ ҳисобот медиҳед. Саволи муҳимтарине, ки ҳоло ба худ дода метавонед, ин аст: оё тайёр мешавед?

Аксарияти масеҳиён медонанд, ки ҷавоби онҳо ба салиб муайян мекунад, ки онҳо абадиятро дар куҷо мегузаронанд. Аммо оё шумо медонед, ки чӣ тавр абадиятро гузаронидани шумо бо он муайян карда мешавад, ки шумо дар ҳаёт чӣ кор мекунед?

Худо мехоҳад, ки шумо даъвати худро донед. Ӯ намехоҳад, ки шуморо дар нодонӣ нигоҳ дорад. Зиёда аз ин, Ӯ мехоҳад, ки шумо сабаби зиндагии худро дар замин дарк карда, мазмун ва мақсад пайдо кунед.

Баъд аз нафаси вопасин на танҳо ҷои таъинот, балки ҳаёт дар абадият хоҳад буд. Мунтазир набошед, ки хеле дер мешавад. Сарнавиштеро, ки Худо барои шумо муайян кардааст, дарк кунед ва чунон зиндагӣ кунед, ки ҳаёт дар рӯи замин ва дар абадият маънои бузург дошта бошад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

***Безарар гардонидани чизе, ки қуввати моро медуздад***




Ҳамчун Супермен, ки барои бартараф кардани монеаҳо ва нобуд кардани ҳама гуна душман қодир аст, пайравони Масеҳ дорои қобилиятҳои фавқуттабиие мебошанд, ки ба воситаи он ҳар гуна душвориҳоро паси сар карда метавонанд.

Бешубҳа, Супермен ва криптонит – инҳо самараи тахайюлот. Вале криптонити рӯҳонӣ ҳақиқатан ҳам вуҷуд дорад.

Дар ин китоб шумо ба чунин савол ҷавоб пайдо мекунед, ки чаро бисёриҳо аз қувваи илоҳӣ, ки масеҳиёни қарни якумро, бе ягон шубҳа, фаро гирифта буд, бенасибанд.

Дар китоби “Маҳв кардани криптонит” Ҷон Бивер дар бораи он нақл мекунад, ки криптонити рӯҳонӣ чӣ аст, то кадом андоза он ба ҷамъияти мо хатарнок мебошад ва чӣ тавр аз асорати он халос шудан мумкин аст.

Ин китоб барои сустмиҷозон нест, ҳар чӣ ҳам бошад, на барои ширинидӯстон аст. Ин ҳақиқати ҷиддие барои ҳар як пайрави Масеҳ мебошад, ки барои гузаштан аз роҳи мушкилгузари дигаргунсозиҳо ба хотири ба даст овардани мукофоти ваъдашуда нотарсида қадам мениҳад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# ХУДО, ТУ ДАР КУҶОЙ?!

***Дар биёбони худ қувват ва мақсад пайдо кунед***




Шояд, шумо овози Худоро шунидаед, лекин ҳозир Ӯ, гӯё ки хомӯш аст. Мумкин аст, ки шумо дар имон ҳаракат мекардед, лекин ҳоло ҳузури Ӯро пайдо карда наметавонед. Хуш омадед ба биёбон – ҷой байни гирифтани ваъдаҳо аз ҷониби Худо ва иҷроиши онҳо.

Лекин хабари хуш дар он аст, ки биёбон ин замини бемақсад ва холӣ нест. Худо биёбонро истифода мебарад, то ки шуморо барои даъвататон тайёр ва мусаллаҳ гардонад, дар ҳолате ки агар шумо онро дуруст гузаред. Новобаста аз он, ки бисёриҳо фикр мекунанд, мо ин мавсимро, ҳамту Худоро интизор шуда истода, намегузарем. Шумо бояд дар гузаштани биёбон нақши худро бозӣ кунед, ва нақши шумо аҳамиятнок аст. Ва агар шумо нахоҳед, ки вақти худро беҳуда сарф кунед ва гирдогирд давр занед, донистани он ки биёбон чӣ аст, муҳим мебошад.

Дар ин китоб, ки пур аз ошкоршавиҳост, муаллифи китобҳои машҳур (бестселлерҳо) Ҷон Бивер шуморо бо донишҳои калидии Китоби Муқаддас ва ҳодисаҳои пурмазмун мусаллаҳ мегардонад, ки ба шумо ёрӣ медиҳанд, то аз мавсимҳои хушк ва душвори ҳаёти худ гузаред ва ба ҳамаи он чизе, ки Худо барои шумо тайёр кард, дохил шавед.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# X: ПОТЕНСИАЛЕРО, КИ ХУДО БА ШУМО ДОДААСТ, АФЗУН КУНЕД






Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Эҳтимол, шумо медонед, ки ягон кореро бояд ба иҷро расонед, вале фаҳмида наметавонед, ки ин чӣ коре аст. Бисёре аз моён бо ҳаёти худ таъсири бузург расонидан мехоҳанд, вале шояд, шумо саволҳои беҷавобе доред, ба мисли:

- Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки ман иродаи Худоро барои ҳаёти худ аз даст надода истодаам?
- Истеъдодҳои нотакрори ман дар бунёди Подшоҳии Худо то кадом дараҷа аҳамият пайдо карда метавонанд?
- Ман чӣ гуна дилпур буда метавонам, ки потенсиали ба ман додаи Худоро истифода мебарам?
- Агар ман дар “хидматгузорӣ” набошам, оё даъвати ман камаҳамият аст?
- Чӣ тавр тавозунро дар байни оромиш ёфтан дар файзи Худо ва амал кардан барои Подшоҳии Ӯ нигоҳ дошта метавонам?
- Чӣ тавр ҳатто дар ҳолати дудилагӣ ва хатар тарсро аз худ дур карда, ба пеш ҳаракат карда метавонам?

Дар ин китоби пурмазмун муаллиф Ҷон Бивер ба омӯзиши ҳамаҷонибаи Китоби Муқаддас такя мекунад ва қиссаҳои аҷоибро истифода мебарад, то ки барои ба таври дигар фикр кардани шумо оиди даъвати худ ва барои фаҳмидани он, ки чаро он барои Худо муҳим аст, кӯмак кунад. Ин китобро хонда истода, шумо афзун кардани атоҳои худодода ва истифода бурдани потенсиали худро ёд мегиред!

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 110 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед



Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.




**MessengerX.com**

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

# ЧӢ ТАВР ТАРСРО БАРТАРАФ КАРДА ВА АТОҲОИ ХУДОРО ДАР ҲАЁТИ ХУД БА КОР АНДОХТА МЕТАВОНЕМ?

БА ШУМО «**НЕ**» ГУФТАН МУШКИЛ АСТ?
ШУМО АЗ **МУҚОВИМАТ** МЕТАРСЕД?
ШУМО БАРОИ КАНОРАҶӮӢ КАРДАН АЗ НИЗОЪ, БА **СОЗИШКОРӢ** МЕГУЗАРЕД?
ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ИСТОДА, ШУМО **БА ДИГАРОН ПИСАНД ОМАДАН** МЕХОҲЕД?
ҲАЁТИ ШУМОРО АТРОФИЁН **ИДОРА МЕКУНАНД**?

Агар шумо ба яке аз ин саволҳо «ҳа» ҷавоб дода бошед, пас «*Нобуд кардани беҷуръатӣ*» барои шумо аст. Ин китоб беҷуръатиро фош мекунад, чанголи даҳшатноки онро мешиканад ва ба Шумо нишон медиҳад, ки чӣ тавр атоҳои Худоро дар ҳаёти худ ба кор андозед ва қудрати Ӯро дар ҳаёти худ барқарор кунед. Вақти ба озодӣ баромадан аз ин дом ва нобуд кардани оқибатҳои беҷуръатӣ, ба мисли афсурдаҳолӣ, ноумедӣ ва тарс фаро расид. Нагузоред, ки тарс Шуморо боздорад!



ҶОН БИВЕР бо муносибати оштинопазири худ оид ба Каломи Худо машҳур аст. Ҷон ва ҳамсари ӯ, Лиза, асосгузорони хидматгузории «Мессенҷер Интернэшнл» мебошанд ва мақсади ин хидматгузорӣ аз он иборат аст, ки пайравони собитқадами Масеҳро бархезонад, то ба воситаи онҳо ҷаҳон дигар шавад. Вақте ки Ҷон дар хона, дар Колорадо, аст, ӯ бо чаҳор писарони худ кортҳои рӯимизӣ бозӣ мекунад ё кӯшиш менамояд, ки Лизаро барои голфбозӣ кардан бо худ розӣ кунонад.

MessengerX

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **MessengerX.com** ташриф оваред.

Бисёртар донистан мехоҳед? Аз ин ҷо скан кунед.

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст. На барои фурӯш.

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org